**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 377:398 (575.3)
ТКБ: 74.20+82 (2Т)
ВБД: Н82

**НОРОВА ЗАРИНА ИСЛОМОВНА**

# ИНКИШОФИ ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот
(илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ**:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Ашурова Ш.К.

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................ 3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ**

1.1. Моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия........................................................................................ 14

1.2. Шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим.......................................... 35

1.3. Моделҳои муосири инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон дар раванди таълим........................................................................ 58

Хулосаи боби якум ...................................................................... 76

**БОБИ 2. ОМИЛҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БА ВОСИТАИ ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ..........** 78

2.1. Низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим....... 78

2.2. Асосҳои таълим ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ........................................................................ 91

2.3. Таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳии халқӣ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ....................................................................................... 107

Хулосаи боби дуюм ...................................................................... 145

**ХУЛОСА**........................................................................................ 147

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**.................................. 150

**Рӯйхати адабиёт**........................................................................ 152

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи омӯзиши ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар рушди самтҳои мушаххаси илми педагогика нақши муҳим дорад, дар замони имрӯза бештар муҳиму мубрам гардидааст. Раванди таҳаввулоти назаррас дар ҷомеаи муосир аҳамияти ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагонро дар ҳама соҳа муайян намуда, муносибати хосаро дар тарбияи насли наврас талаб мекунад. Ин шеваи таҳқиқи педагогӣ имкони бештар барои шинохти марҳилаҳои рушди ҷаҳонфаҳмӣ, ташхиси равандҳои бобарори таъсиррасонӣ ва баҳрабардорӣ аз таҷрибаҳои педагогӣ ва психологиро фароҳам месозад.

Аз ин дидгоҳ, омӯзиши ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои илм ва амалияи муосири педагогӣ мебошад. Ҳалли бомуваффақияти ин масъала ҳам барои худи кӯдакон ва ҳам барои ҷомеа муҳим аст, зеро дар айни замон ҷомеа ба шахсони ташаббускори дорои мавқеи фаъоли иҷтимоӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, тафаккури эҷодӣ, мустақил, фасеҳ ва ғайримуқаррарӣ ниёзманд аст.

Истиқлолияти давлатӣ ба рушди адабиёт, хусусан адабиёти шифоҳии кӯдакону наврасон шароити мусоид фароҳам оварда, нашрияҳои зиёд бо таҳрири наву пардози муосир бо шаклҳои гуногун бознашр гардиданд.

Эҷодиёти шифоҳӣ дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон дошта, онро бисёре аз муҳаққиқон эътироф кардаанд, ки воситаи муассир барои рушди кӯдакон мебошад. Эҷодиёти шифоҳӣ яке аз мавзуъҳои барномаи таълимӣ буда, ки аз ҷиҳати имкониятҳои таълимии худ маҷмуи таҷрибаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мардум мебошад.

Хусусияти дигари муҳимми адабиёти шифоҳӣ, ки жанрҳои гуногуни он поягузори такомули ҷаҳонфаҳмии кӯдакон аст, ривоҷи андеша, тафаккур, тахайюл ва ҳиссиёти эстетикии онҳоро дар илми педагогӣ низ фаро мегирад.

Мавқеи адабиёти шифоҳӣ барои инкишофи тафаккур, тахайюл ва ҳиссиёти эстетикии кӯдакон хело ҳам муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ин падида дар ташаккули завқи баланди эстетикӣ, қобилияти дарк ва қадр кардани

таърихи пурғановати меҳани худ дониста мешавад.

Раванди таълими зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ҳамчун як шакли ташкили ҳаёти мактаббачагони хурдсол ташаккулёбии босамари ҷаҳонфаҳмии онҳоро дар асоси ҳамкории муколамавии ҳамаи субъектҳои таълим таъмин менамояд. Ҷаҳонфаҳмии хонандагони синни хурди мактабӣ ва омӯзиши раванди инкишофи он дар раванди таълим дар асоси муносибати ҳамаҷониба ба омӯзиш ва моделсозии раванди педагогӣ самарабахш ҳисобида мешавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки то имрӯз дар илмҳои педагогика, психология ва фалсафа миқдори муайяни таҳқиқот анҷом дода шудаанд, ки барои таҳия ва ҳалли муаммои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим мусоидат менамоянд.

Таҳлили назариявии адабиёти мавҷуда ба мо имкон медиҳад қайд намоем, ки дар илми психология ва педагогикаи ватанӣ мушкилоти инкишофи дарки ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол ба қадри кофӣ таҳқиқ ва таҳия нашудааст, муносибати ягонаи муайян кардани сохтори ин раванд низ вуҷуд надорад ва масъалаҳои имкониятҳои воқеии раванди таълим дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Дар мавриди нақши жанрҳои фолклорӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ назарҳои мухталиф низ баён шудаанд. Вале дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагон ба воситаи жанрҳои афсона, шеър ва зарбулмасалу мақоли фолклорӣ аксари муҳаққиқон ҳамназар мебошанд.

Вақте сухан дар бораи фолклори як миллат меравад, дар бораи ривоятҳо, таронаҳо, эътиқодҳо, расму оин, дин, гӯишҳо, зарбулмасалҳо, чистонҳо, бозиҳо ва ҳазорҳо падидаҳои дигари иҷтимоӣ сухан меравад, ки тарзи воқеии зиндагӣ, афкор ва эҳсосоти онҳоро инъикос мекунанд.

Доираи маданияти оммавӣ васеъ аст. Тафаккури ҳар як шахс аз эътиқод, андеша ва гуфтори одоби умумӣ ҷамъ шудааст. Бисёре аз тадбирҳое, ки одамон барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти асосии худ истифода мебаранд, аз

қабили таъмини либос ва ғизо, асбобҳои корӣ, манзил ва як қисми зиёди он чизе, ки онҳо вақти холии худро сарф мекунанд ва як қисми рафтори иҷтимоӣ, ба монанди одоб, одоби дастархон, нишастану хестан, хестану хобидан, дидану зиёрат кардан ва расму оини зиндагӣ ҳамаи инҳо як гӯшаи фарҳанги оммавиро ташкил медиханд. Асосан, тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки шахс дар ҷомеа бидуни такя ба фарҳанги оммавӣ ё баибораи дигар, эҷодиёти хадқ зиндагӣ карда метавонад.

Барои муассисаҳои таълимӣ зарур аст, ки ба роҳ мондани жанрҳои гуногуни фолклориро дар низоми таълимии синфҳои ибтидоӣ таъмин намоянд. Бинобар ин, аз ҷониби омӯзгорон ва волидон дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити хонаводагӣ фароҳам овардани шароит барои омӯзиши фолклор имконият ба даст ояд, заминаи мусоид барои рушди ҷаҳонфаҳмӣ дар синну соли хурди мактабӣ ба вуҷуд хоҳад омад. Таҷриба нишон медиҳад, ки афсонагӯйӣ дар омӯзиш, рушди тахаюл, кунҷкобӣ, ҳушмандӣ ва ҷаҳонфаҳмии кӯдакон мақоми аввалро дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар заминаи омӯзиши ҷаҳонфаҳмии кӯдакон аз ҷонибии олимони тоҷик М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, .И. Каримова, Ф. Гулмадов, Л. Иматзода, Х. Раҳимзода, Х. Раҳимов, А. Нуров, Б. Маҷидова, Қ. Абдураҳимов, С. Қодиров, М.Т. Давлатов, Й. Юнусов, Д. Латифов, корҳои муҳимми пажуҳишии назария ва методологӣ анҷом дода шудааст. Дар масъалаи мазкур олимони хориҷӣ Г.Н. Волков, Н.С. Лейтес, И.Ф. Харламов, В.И. Шинкарук, В.П. Иванов, А.Ф. Бортник, Б.Т. Лихачев таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода шудааст зиёде мавҷуданд, ки ҷанбаҳои рушди тафаккур дар низоми таълим, хаёл, ҷаҳонфаҳмии психологӣ ва дигар самтгирии маънавии кӯдаконро инъикос намудаанд.

Барои мо, махсусан таҳқиқотҳои олимони тоҷик С. Исоев, М. Ҳасан, С. Ҳалимова, Р. Ҳаётова, Р. Раҳмонов, Д. Обидов, М. Носирҷон, Т. Мустафоқулов, И.М. Маҳмудов, М.Р. Исматуллоев, И. Асоев барои шиносоӣ бо паҳлуҳои мухталифи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва таълими эҷодиёти шифоҳӣ мусоидат намуданд.

Аксари олимон ақидаи вобаста ба қонуниятҳои табиат ташаккул додани шахсияти кӯдакро ҷонибдорӣ намудаанд. Инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ ҳамчун психологияи қобилиятҳо коркард шудааст. Мафҳум ва моҳияти омӯзиши масъалаҳои ҷаҳонфаҳмиро дар педагогикаи рус ҳам метавон аз рисолаҳои арзишманди Н.С. Лейтес, И.Ф. Харламов, В.И. Шинкарук, В.П. Иванов, А.Ф. Бортник, Б.Т. Лихачев ва дигарон зикр кард, ки дар онҳо марҳилаҳои асосии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифтаанд.

Таълифоти зикргардида, бешубҳа, ба инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон саҳми муайяне гузоштааст. Аз пажуҳиши осори илмӣ чунин бармеояд, ки дар самти кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ, махсусан, дар ҷанбаҳои ташхис ва методикаи кор бо фолклор то ҳол як қатор мушкилиҳо вуҷуд доранд, ки дар кори омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мушкилоти муайянеро ба миён меорад. Вобаста ба камтаҳқиқ будани масъалаи мазкур ва мушкилоти мавҷудбуда оид ба ҷанбаҳои ташхис ва методикаи кор бо фолклор ҷиҳати дар хонандагони хурдсол то ҳол як қатор мушкилиҳо вуҷуд доранд, ки дар кори омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ инкишоф додани ҷаҳонфаҳмӣ мо мавзуи **“Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ”** ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба роҳ монда шудааст. Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур мо ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»; Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030 ва Стандарти давлатии таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ такя намудаем.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** ошкор сохтани самтҳои асосии инкишофи

ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол.

**Вазифаҳои таҳқиқот** иборат аз инҳост:

1. Баррасии мафҳуми “ҷаҳонфаҳмӣ” дар таърихи педагогикаи миллӣ.
2. Муайян намудани хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.
3. Ошкор намурдани имкониятҳои жанрҳои фолклорӣ барои ташаккули ақидаҳои ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол.
4. Аз нигоҳи наву муосир баррасӣ намудани мақому ҷойгоҳи жанри фолклор дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсолл, ошкор намудани заминаҳои дохилию берунии рушди фолклор ва саҳму нақши он дар такомули ҷаҳонфаҳмӣ, инкишофи тафаккур ва хаёли кӯдакон.
5. Таҳияи амсилаи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти даҳанакии халқ.

**Объекти таҳқиқот.** Фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** раванди татбиқи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ.

**Фарзияи таҳқиқот**. Вобаста ба мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ мусоидат менамояд, агар:

- муносибати нав ба тарбияи хонандагон дар заминаи эҷодиёти шифоҳӣ таҳия ва татбиқ карда шавад;
- асоснок намудан ва бунёди муҳити оила, мактаб ва ҷомеа дар раванди таълим, ки самаранокии тарбияи хонандагонро дар инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ таъмин менамояд;
- муҳтавои тарбия ва омӯзиш ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ мутобиқ гардонида шавад;
- аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ на танҳо донистани ҷузъҳои таркибии тарбия талаб карда шавад, балки бо фаъолияти пурсамари хеш тавонанд ба

бунёди пойдевори ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагон ҳисси арзанда гузоранд;

- омӯзгорон дар дарсҳои худ баҳри ташаккули эътиқод, шуур ва фаъолиятнокии баланди хонандагон мусоидат намоянд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳалаи ба ҳам алоқаманд тайи солҳои 2017-2023 гузаронида шудааст, ки ҳар яки он мақсаду вазифаҳои мушаххасро дар бар мегирад.

**Дар марҳилаи якум** (солҳои 2017-2019). марҳалаи ҷустуҷӯйӣ-омӯзишӣ буда, ба ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба мавзуи таҳқиқот нигаронида шудааст. Дар асоси ба танзим даровардан ва мураттаб сохтани онҳо мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзия ва самтҳои таҳқиқот муайян карда шуда, мафҳуми «ҷаҳонфаҳмӣ» шарҳу тавзеҳ дода шуд. Дар ин марҳала заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва воситаҳои арзёбии натиҷаҳои тарбия мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

**Дар марҳилаи дуюм** (солҳои 2019-2021) омӯзиши ҳолати ибтидоӣ ва мувофиқсозии малакаҳои таҳқиқшавандаи корро дар бар гирифта, дар он, пеш аз ҳама, бахши назариявию методии таҳқиқоти диссертатсионӣ тарҳрезӣ гардидааст. Омӯзиши амиқи як қатор масъалаҳо низ, аз қабили гуногунии назарияҳои илмӣ ва консепсияҳои таҳқиқотӣ оид ба татбиқи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ, мушаххас намудани махсусиятҳои хоси тарбия дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон; ошкор намудани мушкилоти асосии тарбияи кӯдакон дар шароити оила ва ҷомеаи Тоҷикистон, омода ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ роҷеъ ба мавзуи таҳқиқот ҳам дар ин марҳала оғоз ёфт ва методикаи ташаккули малакаҳои таҳқиқшаванда асоснок ва коркард гардид.

**Дар марҳилаи сеюм** (солҳои 2021-2023) - марҳилаи амалӣ ва ҷамъбастӣ буда, ҳамчун қисми амалии таҳқиқот натиҷаҳои татбиқи асосҳои назарии инкишоф ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ интихоб ва асоснок карда шуда, ҳамзамон, усулҳои муаллифӣ барои самаранок татбиқ намудани омилҳои асосии ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар

раванди таълим дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, махсусиятҳои хоси рушди ҷаҳонфаҳмии кӯдакон мушаххас карда шудааст.

**Асосҳои назарию методологии таҳқиқотро** ақидаҳои пешқадами хусусиятҳои фардӣ-психологии хонанда ва ба эътибор гирифтани онҳо дар ҷараёни таълим (Г. Абдураҳмонов, Г.Е. Залесский, Л.С. Виготский), асосҳои психологияи муоширати педагогӣ (Н.Қ. Амонов), шеъру чистон ва зарбулмасалҳо барои синфҳои ибтидоӣ (И. Асоев И, В. Асрорӣ, И. Ғоибназаров), тарзу усули истифодаи маводи таълимӣ дар дарси педагогика (Г Ш. Бобоева, Н.В.), методологияи таҳқиқоти педагогӣ (М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Н.Х. Сангинов, М.Н. Скаткин, В.А. Сластенин ва диг.) ва ниҳоят, усулҳои таълими жанрҳои хурди шифоҳӣ муаррифӣ мекунанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Муҳимтарин ва асоситарин сарчашмаҳои таҳқиқоти мазкур асарҳои илмии педагогӣ ва психологии ватаниву хориҷӣ, эҷодиёти шифоҳии тоҷик ва махсусан эҷодиёти бачагона мебошад. Илова бар ин, рисола аз диссертатсияҳо ва нашрияҳои ба забонҳои гуногун интишоргардида истифода шудааст. Инчунин таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷику хориҷӣ, рисолаҳою мақолаҳои ҷудогона, ки ба инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон бахшида шудаанд, ба ҳайси сарчашмаи таҳқиқ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти ҷанбаи эмпирикидошта ба даст оварда шуда, ба шакл даровардa шуд. Адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ таҳлили назариявӣ карда шуд, пурсиш ва ташхис (саволномаҳои тестӣ, мусоҳиба, санҷиш, пурсиш) гузаронида шуда, натиҷаи он ҷамъбаст карда шуда, мушоҳида (мушоҳидаи мустақим, ғайримустақим); амсиласозӣ; методи баҳогузории рейтингии фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва методи таҳлили азхудкунии жанрҳои хурди шифоҳӣ таҳлилу баррасӣ гардид.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот гимназияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, литсейи хусусии

“Эҳсон”-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, МТМУ № 1 ноҳияи Кӯшониён ва МТМУ № 15-и шаҳри Бохтар маҳсуб ёфта, дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот 179 нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ иштирок доштанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- таҳқиқоти васеътару муфассал дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ баррасӣ гардид;
- мазмун ва инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълим асоснок ва муайян гардид;
- низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол дар муҳити таълим муайян ва пешниҳод карда шуд;
- таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор ва асоснок гардид;
- амсилаи муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон илман асоснок карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муҳити атроф ва оила омилҳое ҳастанд, ки натанҳо барои тафаккури хонандагон таъсир мерасонанд, балки онҳо барои ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар илми педагогика роҳ мекушоянд;
- таҳқиқи муҳити атроф, оила ва мактаб ва таъсиру нуфузи он ба ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, барои ошкор намудани қонуниятҳои инкишофи илми педагогика дар замони муосир мусоидат менамояд;
- моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия раванди мураккаб буда, ҷанбаҳои инфиродии он бо назардошти робитаи ҳамдигарии ҷузъҳои асосӣ баррасӣ ва ошкор мегарданд;
- инкишофи ҷаҳонфаҳмии амиқ ва ҳамаҷонибаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки ҳамчун дараҷаи дарки инсон, аз ҷумла системаи маърифатӣ, афкор, эътиқод ва ифодаи муносибати ӯ ба табиат ва рушди иҷтимоъӣ мебошанд, муайян карда мешаванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назарии таҳқиқоти мазкур дар он ба назар мерасад, ки атрофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон ва қонуниятҳои зуҳури инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар илми педагогикаи тоҷик андешаҳои назарии қобили мулоҳиза пешниҳод мегардад. Натиҷагириҳои илмии он барои хулосабарориҳои назарӣ атрофи қонунмандиҳои умумипедагогии ҷаҳонфаҳмӣ дар заминаи адабиёти шифоҳӣ, аз ҷумлаи жанри ҳикояву афсона, шеъру зарбулмасалу мақол, чистону тезгӯяк замима фароҳам сохта, барои муҳаққиқони баъдӣ метавонад ҳамчун замина хидмат намояд. Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқу баррасии мавзуи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мисоли эҷодиёти шифоҳӣ мо ба таълифоти назарию бунёдии педагогҳо ва равоншиносони Шарқу Ғарб, аз қабили Қ.С. Абдураҳимов, М. Лутфуллоев, Х. Раҳимов, И.Х. Каримова, Г.А. Абдураҳмонов, А. Нуров, С.Қодиров М. Давлатов, Б. Маҷидова, Й. Юнусов, А.А. Дмитриева, Т.А. Ладженская, М.Д. Львова, Т.Г. Рамзаева, А.П. Савченко, Н.Н. Светловская, Н.Ф. Скрипченко Т.И. Озерман, В.В. Бибихин, И.Ф. Харламов, К.А.Сергеев ва дигарон такя намудаем.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни факултаҳои педагогика ва психологияи ҷумҳурӣ тадрис намуд. Муҳаққиқон ва унвонҷӯёни риштаҳои педагогика ва психология метавонанд ҳангоми таълифи мақола ва рисолаҳои илмӣ аз хулосаҳою натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда истифода намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумот аз сарчашмаҳои боэътимоди гуногун бадастомада, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои

озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба:

*банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш);

*банди 4* - Назарияҳо ва консепсияҳои таълим (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; фардикунонӣ ва фарққунии таълим; намудҳо ва моделҳои таълим, ҳудуди татбиқи онҳо; технологияҳои таълимӣ; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ ва методии раванди таълим ва воситаҳои таълим; хусусиятҳои таълим дар сатҳҳои гуногуни таълим);

*банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**, пеш аз ҳама, дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Дар баробари ин, дастури таълимии "Масъалаҳои мантиқӣ ва зеҳнӣ" (2022), "Биё, бо ҳам омӯзем" (2023), "Маҷмуаи масъалаҳо аз фанни математика барои синфҳои 1-4" (2023) коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимии хонандагон баррасӣ гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути мубоҳиса дар ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, гимназияи

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, литсейи хусусии “Эҳсон”-и ш. Душанбе, нашри мақолаҳои илмӣ, тезисҳо, инчунин, дар конфронсҳои илмӣ-таълимӣ ва методии ДДБ ба номи Носири Хусрав ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ дар ДДБ ба номи Носири Хусрав ва литсейи хусусии “Эҳсон”-и шаҳри Душанбе татбиқ карда шудаанд. Ниҳоят, маводи таҳқиқотро метавон дар барномаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курси 3-4-и муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун, силсилаи лексияҳо барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия бо теъдоди 15 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 номгӯйи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

**Сохтори диссертатсия**. Хусусияти маводи таҳқиқӣ ва доираи мавзую матолиби мавриди назари муҳаққиқ сохтор ва ҳаҷми асосҳои назарию методологии диссертатсияро муайян намудааст. Матни диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Таҳқиқот дар ҳаҷми 167 саҳифаи чопи компютерӣ анҷом дода шудааст. Бобҳои асосии диссертатсия дар навбати худ дорои фаслу зерфаслҳои ҷудогона мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 1.1. Моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия

Ҷаҳонбинӣ сифати махсуси муҳимми шахсият буда, аз ду калима: “ҷаҳон” ва “бин” иборат аст, ки аз рӯйи ақл ва фаросат хирадмандона фаҳмидани ҷаҳонро ифода мекунад. Ҷаҳонбинӣ дар илми фалсафа мавзӯи таҳқиқотӣ аст, вале равоншиносон, омӯзгорон ва намояндагони дигар соҳаҳои илм низ ба масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва баррасии ҷанбаҳои он таваҷҷӯҳ кардаанд.

Истилоҳи “ҷаҳонбинӣ” дар Ғарб, пайдо гардида, дар илми фалсафа аз нимаи дуюми садаи 20 ворид гардида [90, с. 131], ҳамчун мафҳуми фалсафӣ ақидаҳои умумӣ дар бораи табиат, воқеият, ҷамъият, мақоми инсон дар ҷамъият ва зуҳуроти ақидаҳо дар рафтору кирдори одамон мебошад [10, с. 3].

Тибқи гуфтаи В.В. Бибихин “далелҳое мавҷуданд, ки ин истилоҳ дар Олмон пайдо шудааст. Ин дар асри XVII, дар забони олмонӣ бори аввал дар калимаҳои сабтшудаи “Weltbetrachtung” (“тамошои ҷаҳон”) ва “Welt-beschauung” (“тафаккури ҷаҳон”), ҳамчун “nomina actionis” (“амали нигоҳ ба ҷаҳон”) ба маънои мушоҳидаи муосири ҷудошудаи падидаҳо истифода шудааст. Сипас, дар охири асри XVIII истилоҳи “Weltanschauung” пайдо мешавад, ки аз он ҷо ба забонҳои дигар низ паҳн мешавад.

Масалан, дар забони русӣ – “мировоззрение” ё “миросозерцание” (“ҷаҳонбинӣ”), “мировоззрение” (“ҷаҳонбинӣ”), “мировосприятие” (“дарки олами атроф”), “миропанимание” (“ҷаҳонфаҳмӣ”), “мирощущение” (“эҳсоси олами атроф”) забони англисӣ –“world-view” (“ҷаҳонбинӣ”) ё “world-outlook” (“ҷаҳон – дурнамо”) ва монанди ин, ки дар расми 1. мушоҳида хоҳем кард.

**Расми 1. - Маънои истилоҳи дарки олам**




| |
|---|
| ***Ҷаҳонбинӣ – маҷмӯи назарҳо, баҳоҳо ва андешаҳои образнок дар бораи ҷаҳонгардӣ, мавқеияти шахс дар он. Муносибати умумии шахс ва воқеияти атроф ва худ.*** |
| ***Дарки олами атроф - ин муносибати инсон ба табиат ва воқеияти атроф аст, ки дар руҳия, ҳиссиёт, амал ва кирдорҳои гуногуни ӯ ифода меёбад.*** |
| ***Ҷаҳонфаҳмӣ – нуқтаи назар ба ҳодисаҳо,дарк, образи ақидаҳо, мафкура, ақидаи бовари ба ҳаёт.*** |
| ***Эҳсоси олами атроф - ин эҳсоси ҳодисаҳое, ки дар ҳаёти инсон рӯй медиҳанд.*** |

В.В. Бибихин бар ин назар аст, ки И. Кант аввалин шуда, ба фалсафа истилоҳи “Welt-beschauun” (“ҷаҳонбинӣ”)-ро барои ин мафҳум ба маънои “нигоҳ кардан” истифода кардааст. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи И. Кант, ҷаҳонбинӣ “маҷмуи ғояҳоест, ки хусусияти донишро дар бораи ҷаҳон дорад ва дар шакли таҷрибавӣ ташаккул ёфтааст ва аз тарафи дигар, ин дониш дар бораи тамоми ҷаҳон аст, ки аллакай ба шахс ҳамчун қобилияти махсус ифода ёфтааст” [ 20, с. 82].

Педагоги рус Харламов И.Ф. бар ин назар аст, ки истилоҳи ҷаҳонбинӣ дар охири асри XVIII ба вуҷуд омадааст ва бори аввал аз ҷониби намояндагони

фалсафаи классикии немис истифода шудааст. Ӯ ҳамчунин қайд менамояд, ки бо вуҷуди ин, ғояҳои муайян дар бораи ҷаҳонбинӣ, ки хусусиятҳо ва ҷанбаҳои гуногуни онро инъикос мекунанд, хеле барвақттар ташаккул ёфта, тавассути мундариҷаи чунин мафҳумҳо: ҳикмат, фалсафа, метафизика ва дин ифода ёфтаанд. Чун қоида, ин ақидаҳо дар бораи баъзе донишҳои олии умумиҷаҳонӣ буданд, ки аз ҳама пурқиматарин ва дарк кардани он душвор аст ва доштани он инсонро оқил мегардонад, ба ӯ зиндагии дурустро таълим медиҳад, амал ва рафтори худро бо қонунҳои ҷовидона дар ҷаҳон ошно месозад [119, с. 245-246].

Қайд кардан бамаврид аст, ки истилоҳи "ҷаҳонбинӣ" аз ҷониби муҳаққиқон бо чандин истилоҳот: ҷаҳондарккунӣ ("мироощущение"), азхудкунии ҷаҳон («мировосприятие»), ҷаҳонбинӣ ("мировоззрение", "миросозерцание") ва ҷаҳонфаҳмӣ ("миропонимание"), ки бо якдигар робитаи зич доранд, мавриди истифода қарор гирифтааст. Тамоми ин мафҳумҳо бо якдигар робитаи ягонагӣ доранд ва баъзан онҳо ҳамчун синоним дар ҷойи якдигар истифода мешаванд.

Дар робита бо истилоҳи "ҷаҳонбинии умумӣ" ("общая картина мира"), ҷаҳонбинӣ бо ҳамгироии олии дониш ва мавҷудияти на танҳо интеллектуалӣ, балки муносибати эмотсионалӣ ва арзишмандии инсон ба ҷаҳон тавсиф мешавад.

Олими рус Е.В. Нефедова, дар хулосаи таҳқиқи худ чунин навиштааст: "Хусусиятҳои раванди ташаккули ҷаҳонбинии мактаббачаи хурдсол дар таҷдиди сохтори табиатан ба амал омадани сохтори ҷаҳонбинӣ ифода меёбад. Дар таҳқиқот се марҳилаи ташаккули ҷаҳонбинӣ муайян карда шудааст: ҷаҳонбинии сатҳӣ, реалистӣ ва яклухт. Марҳилаи марҳилавии раванд хусусияти синергетикии он мебошад. Ҳамаи марҳалаҳои ҷаҳонбинӣ бо ҳам алоқаманданд. Ҳар як марҳилаи нав хонандаи синфҳои ибтидоиро бо тарзҳои гуногуни дарки ҷаҳон ғанӣ мегардонад, ки тобеияти зинанизомии он барои дидани ҷаҳон аз нуқтаи назари гуногун перспективаҳо мекушояд ва асоси ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи гуногунҷанба мебошад" [136, 176].

Аз шарҳу тавзеҳоти гуногуни дар боло зикргардида метавон гуфт, ки ҷаҳонбинӣ системаи назари умумибашарӣ дар бораи олами объективӣ ва мавқеи инсон ба воқеияти атроф ва ба худашон мебошад. Воҳидҳои асосии сохтории ҷаҳонбинӣ муносибат ва эътиқод мебошанд.

Дар Энсиклопедияи советии тоҷик чунин омадааст: "Ҷаҳонбинӣ маънои бузурги амалӣ дорад, зеро он ба манфиатҳо, кор ва зиндагии одамон таъсир мерасонад. Дар ҷомеаи синфӣ, ҷаҳонбинӣ табиати синфӣ дорад, мавқеъ ва шароити гуногуни зиндагии одамонро инъикос мекунад. Мувофиқи мундариҷа ва самти худ, ҷаҳонбинӣ метавонад илмӣ ва ғайриилмӣ, материалистӣ ё идеалистӣ, атеистӣ ё динӣ, инқилобӣ ва реаксионӣ бошад". [130, с. 481].

Муҳаққиқони рус чунин назар доранд: "Ҷузъи асосии раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ташаккули дониш дар бораи раванди шинохти илмӣ мебошад. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки ҷаҳонбинии илмӣ на танҳо аз фаҳмиши он, ки олами атроф чӣ гуна аст, балки инчунин аз чӣ гуна инсон ҷаҳонро меомӯзад, иборат аст". [155].

Дар адабиёти муосири илмӣ таърифи ягонаи истилоҳи "ҷаҳонбинӣ" вуҷуд надорад. Мафҳуми "ҷаҳонбинӣ" аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Дар ин категорияи таърифҳо тафсирҳои зиёде мавҷуданд, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Як қатор муаллифон таърифи истилоҳи истифодашударо надодаанд. Дар натиҷа, маълум мешавад, ки мафҳуми "ҷаҳонбинӣ" ҳамчун муродифи таърифҳои гуногуне мебошад, ки ҷанбаҳои маънавии инсоният ва як шахси мушаххасро тавсиф мекунанд. Мавҷудияти миқдори зиёди таърифҳои ҷаҳонбинӣ аз гуногунии падидае, ки ин мафҳумро инъикос мекунад, шаҳодат медиҳад.

Ин падида хеле пештар аз пайдо шудани худи истилоҳ, ки каме бештар аз се аср пеш пайдо шуда буд, вуҷуд дошт. Мувофиқи сарчашмаҳо "он на решаҳои юнонӣ ва на лотинӣ дорад" [107, с. 82].

Дар илми педагогика бояд ҷаҳонбиниро ҳамчун шакли хоси шуури

инсон дарк кард, ки он системаи умумии дониш, ақида, эътиқод ва идеалҳои онро фарогир мебошад. Дар он муносибати инсон ба табиат ва ҷомеа ифода ёфта, мавқеи эстетикии иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт муайян мекунад. Маҷмуи шуур, - мегӯяд, муҳаққиқ И.Х. Каримова, - мавҷудияти фаъолият, муносибати фарҳанг ва тарзи зиндагии инсон ва саҳми ӯро дар ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ муайян намуда, неъматеро, ки ҳар як фард дар алоҳидагӣ ва ҷомеае, ки дар он кору зиндагӣ мекунад, ба даст меорад [146].

Муҳаққиқони педагогикаи тоҷик ҷаҳонбиниро чунин шарҳ додаанд: "Ҷаҳонбинӣ – ин аслиҳаи тавоно нисбати эҷодкорӣ ва дигаргун кардани фаъолияти шахс аст. Тибқи ҷаҳонбинии илмӣ шахс ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро чуқур фаҳмида мегирад, ташаккули маҳорати шуурона фаҳмонидани падидаҳо ва муайян кардани муносибатҳои худро ба онҳо мепайвандад: амалиёти ҳаётии хешро бошуурона равона мекунад." [98, с. 66].

Дар таҳқиқоти Р.А. Арсишевский омадааст, ки ҷаҳонбинӣ маҷмуи ақидаҳо, ғояҳо, принсипҳои шахсияти мухатахассисро дар соҳаи фаъолияти касбӣ, ки фаъолияти касбиро барои навигарӣ ба мақсади гузошташуда ба танзим медароранд, дар бар мегирад, [3, 61].

Дар Энсиклопедияи педагогикаи рус мо таърифи зеринро мебинем: "Ҷаҳонбинӣ ин нуқтаи назари ҳамаҷониба ба табиат, ҷомеа ва шахс мебошад, ки дар системаи арзишҳо ва идеалҳои шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа ифода меёбад. Ҷаҳонбинӣ ба фаҳмиши ҷаҳон, яъне ба маҷмуи маълумоти муайян дар бораи ҷаҳон асос ёфтааст. Ин дониш ва ғояҳо на танҳо ба ҳозира, балки ба гузашта ва ояндаи пешбинишуда низ ишора мекунанд..." [92, с. 516, 102, с. 576].

Муҳаққиқон М. Шарифхоҷаев, Ҷ.А. Шукурзода, С. Шарифхоҷаева ҷаҳонбиниро чунин таъриф намудаанд: "Ҷаҳонбинӣ-ин маҷмуи ақидаҳо оид ба олами ҳастӣ ва ҷойи инсон дар он, барои муносибатҳои инсон ба муҳити атроф ба худ, инчунин дар зимни пайдо шудани ақидаҳо, эътиқод, мақсадҳо, ҳадафҳо ва принсипҳои идроку фаъолият мебошад. Дар ҳақиқат бо дигар одамон, оила, коллектив, табиат ва ғайра муносибат намуда, зиндагӣ мекунад.

Ин муносибат аз ҷавоб додан ба пурсиши муҳимми “ҷаҳон чист?” бармеояд” [126, 38].

Дар Энсиклопедияи фалсафӣ бошад, ҷаҳонбинӣ ба тариқи зайл оварда шудааст: “Ҷаҳонбинӣ ин системаи назари шахс дар бораи ҷаҳон, дар бораи ҷойгоҳи падидаҳои инфиродӣ дар ҷаҳон ва ҷойгоҳи худ дар он, фаҳмиш ва баҳои эмотсионалӣ аз ҷониби шахси дорои маънои фаъолияти худ ва сарнавишти инсоният, маҷмуи эътиқодоти илмӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ормонҳои одамон мебошад” [155, с. 454].

Дар Энсиклопедияи советии тоҷик мафҳуми ҷаҳонбинӣ чунин шарҳу тавзеҳ дода шудааст: “Ҷаҳонбинӣ системаи ақидаҳои ҷомеъ дар бораи олами объективӣ ва мавқеи инсон дар он, инчунин эътиқоду идеал ва принсипҳои маърифату фаъолияти одамиро гӯянд, ки дар зимни ақидаи мазкур шакл гирифтаанд. Дар асоси донишҳои табиатшиносӣ, иҷтимоию таърихӣ, техникӣ ва фалсафа, инчунин идеологияи муайян ташаккул меёбад.

Ҳомили асосии он фарди алоҳида ва гурӯҳи иҷтимоист, ки воқеиятро мувофиқи ҷаҳонбинии муайян дарк менамояд. Ҷаҳонбинӣ дорои мазмуну мароми бузурги амалӣ буда, ба рафтору кирдор, мақсаду манфиат ва меҳнату маишати одамон таъсир мерасонад” [130, с. 481].

Дар маҷмуъ, ҷаҳонбинӣ шакли хоси шуури инсон, нуқтаи назари ӯ ба олами атроф ва мавқеи ӯ дар ин ҷаҳон мебошад. Ҷаҳонбинӣ омили муҳимми бамиёноварандаю муайянкунандаи сифати ахлоқ ва муносибати инсон бо ҳаёт, бо талаботу ниёзҳои гуногуни нафси худ, бо ҳамҷинсон, бо меҳнат, бо илму дониш, бо дину давлат ва дигар падидаҳои ҳаётии ӯ низ мебошад.

Ҳамин тавр, аз ҷаҳонбинӣ маҷмуи ҳамаи дидгоҳҳо ва нуқтаҳои имконпазир нисбат ба ҷаҳон, дар бораи падидаҳои табиату иҷтимоъӣ, инчунин назарияву афкорҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва илмӣ ба вуҷуд омада, ифода меёбад. Ҷаҳонбинӣ дар се сатҳи ба ҳам алоқаманд: алоқаҳои назариявӣ ва амалии донишҳои маънавии муносибатҳои дохилии табиат, ҷамъият ва инсон ташаккул ёфта, амал мекунад ва дар сатҳи зерин мебошанд: дониш ё шуур (худшиносӣ, дониши ҷаҳонбинӣ); қадрдонӣ;

натиҷаҳо (идеология, идеология) мебошанд [147].

Аксар ҷанбаъҳои ҷамъиятиву таърихӣ, ҳаргуна шаклҳо ва таркиби ҷаҳонбинии инсон махсусан дар зинаҳои шинохти олам ва равиши маърифати маънавии он ошкор мегарданд.

Шароити интиқоли дониши ақида, эътиқод, идеал ва ташаккули чаҳонбинии шахс як катор шароитҳои дидактикиву тарбиявиро барои интиқоли дониш ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон талаб мекунад. Шартҳои мазкурро чунин пешниҳод менамоем: Яке аз шартҳои тарбиявию педагогии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таъмини асоснокии амиқи илмӣ, асоснокии мантиқӣ ва мувофиқати ҳамаи хулосаҳои назариявӣ ва моҳияти ҳақиқии ҷаҳонбинӣ мебошад. Татбиқи ин қоида чунин аст:

“а) баёни мавод бояд дар асоси бурҳонҳои раднопазир, возеҳ, боварибахш ва бо таҳлили чуқури илмӣ баррасӣ гардад. Масалан, барои рад кардани қиссаи динӣ нисбати Замин, ки гӯё сатҳи ҳамвор дошта, он “дар шохи гов, гов дар болои моҳӣ, моҳӣ дар болои об…” маънидод шудааст, назарияҳои илмии собиқ, ки шакли мудаввар доштани Замин ва дар атрофи Офтоб давр задани он, инчунин тибқи дастовардҳои илму техникаи муосир, таҳқиқи кайҳоннавардонро муқобил гузошта, исбот намудан лозим аст;

б) дар ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ маънидоди илмии ҳамаи воқеаҳои омӯхташаванда, ҷараёнҳо, дар онҳо муайян кардани сабабҳои рӯйдод ва алоқамандӣ. Чунончи, дар натиҷаи ҳаракати ҷисмҳои кайҳонӣ бо алоқамандии ҳаракати Замин, Моҳ ва Офтоб қонунӣ ва табиӣ рӯй додани ҳусуфи Офтобро гирем, ки дар замонҳои пеш боиси ваҳму ҳароси одамон гашта буд. Омӯзгор барои ба хонандагон фаҳмондани ин қонуни табиӣ таҷрибаи махсус ба кор мебарад. Шогирдон зимни таҷриба дарк мекунанд, ки ҳамаи ҷисмҳои осмонӣ, яъне Замин, Моҳ ва Офтоб мунтазам дар ҳаракатанд: Моҳ ба гирди Замин ва Замин ба гирди Офтоб чарх мезананд. Вақте ки Моҳ дар байни Офтобу Замин дар як хатти мустақим омад, Офтоб мегирад, зеро сояи Моҳ ба рӯйи Замин афтода, пеши Офтобро мегирад. Касе, ки дар доираи сояи Моҳ аст, хусуфи

Офтобро мебинад;

в) хонандагонро бояд водор кард, ки ба ҳамаи саволҳои дар онҳо пайдо шуда ҷавоби равшан ёбанд, ба донистани ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият, чунончи, сабабҳои рӯйдоди таваҳҳум (галлюцинация) мароқ зоҳир кунанд" [149].

Қобили зикр аст, ки ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаб аз синфи аввал оғоз мегардад. Аммо характер ва натиҷаҳо дар синфҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ табиатан гуногун хоҳанд буд. Дар робита ба синфҳои поёнӣ, дар бораи ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар кӯдакон ба ҳайси системаи мувофиқи ақидаҳо ва эътиқодҳо душвор аст. Гап дар сари он аст, ки ҳатто бо вуҷуди баланд шудани сатҳи назариявии таълим дар синфҳои ибтидоӣ, мундариҷаи он асосан омӯзиши падидаҳои оддии табиӣ ва иҷтимоиро дар сатҳи идеяҳо фаро мегирад. Ғайр аз он, доираи ин падидаҳо бо имкониятҳои синну соли кӯдакон низ маҳдуд аст.

Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсолро дар муҳити таълимии мактаб олими рус Е.В. Нефедова чунин арзёбӣ менамояд: "Принсипҳои раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол дар муҳити таълимии мактаб ошкор карда мешаванд: якпорчагӣ, интегративӣ (ягонагии бадеӣ ва илмӣ) ва баробарии арзишӣ-маъноӣ, ки ба фаҳмиши башардӯстонаи раванди таҳқиқшаванда асос ёфтааст" [136, 176].

Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон раванди дарозмуддат ва гуногунҷабҳа мебошад; он на танҳо ба сатҳи гуногуни азхудкунии дониш ва сатҳи мувофиқи инкишофи нуқтаи назар, эътиқод ва идеалҳо, балки ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон низ вобаста аст. Масалан, дар синфи 1 ба хонандагон калимаҳо ва мафҳумҳои оддитарини ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиро меомӯзонанд ва дар синфи 2-3 бошад, ба онҳо мафҳумҳои нисбатан душвортар таълим дода мешаванд, яъне пайдарҳамӣ дар омӯзиши мафҳумҳои ҷамъиятӣ барои бачагон вуҷуд дорад, ки ба мафҳуми шинос бармегарданд ва он боз ҳам васеътару амиқтар шудан мегирад. Ин раванди таълим имконият фароҳам меоварад, ки ҷаҳонфаҳмии хонандагон зина ба зина такмил ёбад.

Асосҳои назариявии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асарҳои Й. Юнусов, А.А. Дмитриева, Т.А. Ладженская, М.Д. М.С. Василева, Лвова, Т.Г. Рамзаева, А.П. Савченко, Н.Н. Светловская, Н.Ф. Скрипченко ва дигарон ба таври васеъ оварда шудааст.

Асосҳои ҷаҳонфаҳмӣ ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад ва мактаб ҳамчун сарчашмаи маълумот баҳри ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон метавонад фаъолияти муайянеро сомон бахшад. Барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз синни аввали мактабӣ оғоз намуда, онҳоро бо назардошти синну солашон ба фаъолияти гуногун ҷалб бояд кард.

Ҷузъи асосии раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ташаккули дониш дар бораи раванди шинохти илмӣ мебошад. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки ҷаҳонбинии илмӣ на танҳо фаҳмиши он, ки олами атроф чӣ гуна аст, балки инчунин чигуна инсон ҷаҳонро меомӯзад [155]. Муҳаққиқон В.И. Шинкарук ва В.П. Иванов бар ин назаранд, ки ҷаҳонбинӣ дониши ҷудошударо дар бар намегирад, аммо системаи онҳо, ки ба қадри имкон сохтори донишҳои муосири илмиро инъикос мекунад, дар атрофи он муттаҳид шуда, дар асоси ғояҳо, назарияҳо ва принсипҳои методологӣ асос ёфтааст [128, с. 49]. Системаҳои дониш, ки хонандагон азхуд кардаанд, дар ҳаракат мебошанд ва бо дигар системаҳо робита дошта, мувофиқи вазифаҳои шинохт ва вазифаҳои мушаххаси татбиқи онҳо аз нав сохта мешаванд.

Аслан таърифи ягон мафҳуми марбут ба дониши инсон осон нест. Дар бораи ҷаҳонбинии шахс ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки “эҷоди ҷаҳонбинӣ қувваи бузурги ақл аст”, – изҳор медорад А. Швейтсер [127, с. 78].

Шакли шуурнокии инсонро ҷаҳонбинии ӯ муайян намуда, ба муҳити атрофи зист нуқтаи назар ва мавқеи ӯро нишон медиҳад. Олими рус Е.В. Нефедова шуури кӯдаконро чунин муайян намудааст: “Шуури кӯдакон қодир аст, ки воқеиятро ҳамчун шакли комили ҳаёт дарк кунад. Дар сатҳи интуитивӣ хонандаи хурдсол тамоюли ҷаҳонро нисбат ба инсон ва якпорчагии ҳамдигарии онҳо дарк мекунад. Кайфияти махсуси эстетикии шуури кӯдак

метавонад идеяи ягонагии ҷаҳонро дар зебоии он амалӣ созад. Дар ин давра, асосҳои дарки ояндаи ягонагии кайҳон бо олам, фаҳмидани ягонагии зиддиятноки «ман» ва «на-ман» кушода мешаванд. Аммо як ҷиҳати дигари ҷаҳонбинии ирратсионалӣ-образнок мавҷуд аст. Эҳтимол, интуитсияи баландшуда ба кӯдак имкон медиҳад, ки иттилоотро мустақиман "хонад", назар ба он ки калонсолон эҳсос мекунад, дар бораи ҷаҳон бештар донад (ё дурусттараш, эҳсос кунад). Кӯдаке, ки бо мавҷудоти зинда ва ашёи беҷон суҳбат мекунад, шояд на пассивияи зеҳнӣ, балки баръакс, эҳсосоте, ки аз сабаби ратсионализми зеҳнӣ барои калонсолон дастнорас аст, нишон медиҳад" [136, 76].

Ҷаҳонбинӣ рафтору амалҳои одамонро ба низом дароварда, зери таъсири идеологияҳои муайян ташаккул меёбад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ вақти муайян надорад ва дар давоми умри инсон ҷараён мегирад. Ҷамъияти инсонӣ ҳар қадаре, ки рушду инкишоф ва тараққӣ кунад, нақши идеология дар ташаккули фаҳму идроки одамон мусоидат мекунад.

Ҷаҳонбинӣ ва ё ба ибораи дигар ҷаҳонфаҳмӣ, шакли хоси инсон буда, нисбати муҳити атрофи зист нуқтаи назар ва дар ин муҳит чигуна мавқеъ пайдо намудани инсонро дақиқ ва муайян менамояд. Муҳаққиқ Гулаҳмадов М. бар ин назар аст, ки ҷаҳонбинӣ системаи томи назару ақидаҳои одам ба олам, яъне ба табиат, ҷамъият ва тафаккури инсон мебошад [42, с. 12-13].

Ҳар кас аз рӯйи фаҳмишу идроки хеш нисбат ба ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият тасаввур, фаҳмиш ва ақидаҳои худро дорост. Гурӯҳе ба ҳодисаҳои табиату ҷамъият ва муҳити атроф андешаҳои илмӣ ва иддае андешаи нодурусти ғайриилмӣ баён мекунанд, ки ин ба дараҷаи илму дониш ва маълумотнокии шахс вобастагӣ дорад.

Олими рус Е.В. Нефедова андешаҳои худро дар бораи ҷаҳонбиниву идрок, фаъолияти ҷаҳонбинӣ ва тасвири ҷаҳон дар заминаи муайян сохтани хусусиятҳои воқеии ҷаҳонбинӣ ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо расидааст:

1) ҷаҳонбинӣ ҳам натиҷа ва ҳам раванди таъсири мутақобилаи фард бо

муҳити зист мебошад;

2) дар асоси ҳамкории дуҷониба ҷаҳонбинӣ ҳамчун як навъ натиҷаи шинохте, ки натиҷаҳои он ва усулҳои фаъолияти инсониро дар шакли ҳассосӣ муқаррар мекунад ва як омехтаи тафаккури инсон бо таҷрибаи ҳиссияш пайдо мешавад;

3) ҷаҳонбинӣ ҳамчун ҷараёни таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити фаъолияти ҷаҳонбинии мушаххасро инъикос менамояд, ки ба муомила бо муҳити табиӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар асоси симои шахсии ҷаҳон нигаронида шудааст. Инсон пеш аз ҳама ба ҳаёт ва вазъияту падидаҳои касбӣ, ҳадафҳо, амалҳо ва интихоби ангезаҳо, бо ёрии ҷаҳонбинӣ ба мазмуни ахлоқӣ баҳогузорӣ мекунад. Аҳамияти дарки арзишҳои ҷаҳонӣ дар он аст, ки маҳорати амалия ба одамон имкон медиҳад, ки на танҳо фикр кунанд, балки воқеаҳоро аз нуқтаи назари арзишҳои худ пешгӯӣ кунанд ва роҳҳои ҳалли зиддиятҳои имконпазирро пайдо кунанд. Тағйирёбии ҷаҳонбинӣ ҳисси ботинии озодӣ, мансубият ва арзишҳои инсонро амиқтар намуда, ба ӯ бедории бештари ахлоқию маънавӣ, ҳассосият ва масъулиятро ато мекунад [138, 27-28].

Ҷаҳонбинӣ дониши шахсро дар бораи воқеият ва дар бораи худ ба куллӣ фароҳам меорад, фаҳмиш ва арзёбии ҷаҳонро дар маҷмуъ дар зуҳуроти асосие, ки ба манфиатҳо ва ниёзҳои муҳимтарин таъсир мерасонанд, таъмин менамояд. Дар ҷаҳонбинӣ тамоми дониши бадастомада ба инсон пешбинӣ карда мешавад, ки ба туфайли он дар шуури инсон манзараи муайяни воқеияти атрофро ба вуҷуд меорад [132, с. 52].

Муҳаққиқон С. Қодиров ва М. Давлатов бар ин назаранд, ки Ҷаҳонбинӣ на танҳо самт ва азми куллии инсонро муайян мекунад, балки ба симои инсон ва рафтору кирдор, одат ва майлҳои ӯ бетаъсир намерасонад. Онҳо сифатҳои ҷаҳонбинии шахсро аз рӯйи нишонаҳои зайл муайян кардаанд:

а) *илмӣ*. Ҷаҳонбинии илмӣ маънои онро дорад, ки инсон дорои дониши амиқ ва ғанӣ аст ва бо хирад амал мекунад, оянда ва натиҷаҳои амали худро мебинад. Танҳо ҷаҳонбинии илмӣ метавонад одамонро аз хатар, ноумедӣ ва

нотавонӣ дар назди қувваҳои табиию иҷтимоӣ раҳо намояд. Ин хислат тасдиқ мекунад, ки одам на танҳо идеяро мефаҳмад, балки онро чуқур таҳқиқ кардааст, дар асоси он бо проблемаҳои ҳаётӣ асоснок кардааст, нишон медиҳад ва ба ҳақиқати он боварӣ дорад. Чунин одамон қобилияти мубориза барои назария ва ақидаҳои худро доро мебошанд;

б) *системанокӣ ва яклухт*. Агар шахс оид ба масъалаҳои асосии ҳаёт ва фаъолият ақидаҳои муайяне ташаккул диҳад ва агар ақидаҳо оид ба масъалаҳои алоҳида бо ҳам мувофиқ бошанд ва муносибати системавиро ташкил диҳанд, он гоҳ ҷаҳонбинӣ систематикӣ ва мукаммал мегардад. Одамони дорои чунин ҷаҳонбинӣ дар зиндагӣ мақоми устувор доранд ва дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ қадам ба қадам пеш мераванд;

в) *дараҷаи ҷамъбастӣ ва конкретӣ*. Ҷаҳонбинӣ ҳамчун системаи назарияҳо доимо характери ҷамъбастиро дорад. Тавассути ин нишона шахс ҳодисаҳои гуногуни ҳаётиро сарфаҳм меравад ва оқибатҳои дури онро пешбинӣ мекунад. Шахсе, ки назариёташ конкретист, ӯ тамоюлоти инкишофи ҷамъиятиро фаҳмида метавонад;

г) *алоқа бо рафтору фаъолият*. Ҷаҳонбинӣ барои муайян кардани мавқеи худ дар тараққиёти ҷамъиятӣ ва амалӣ гардондани орзую идеяҳои ҳаётии инсон зарур аст. Аз ин рӯ, ҷаҳонбинӣ ба рафтор ва фаъолияти инсон вобаста аст. Вақте ки назария ва кирдорҳои инсон мувофиқ бошанд, симои ҳақиқии у ошкор мегардад, ки ин муҳимтарин рамзи ҷаҳонбинӣ мебошад. [64, с. 49-50].

Ҷаҳонбинӣ бо роҳҳои стихиявӣ - дар асоси таҷрибаи ҳаррӯза, зери таъсири ҳаёти атроф ва бошуурона - тавассути фаъолияти оқилонаи мақсадноке, ки ба дарки олами атроф нигаронида шудааст, ташаккул меёбад.

Ҷаҳонбинӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

1) Он ҳамеша таърихӣ аст, яъне бо марҳилаҳои рушд, ки ҷомеа аз сар мегузаронад, бо маҷмуи он мушкилоте, ки ҷомеа мустақиман бо онҳо зиндагӣ мекунад, зич алоқаманд аст;

2) Он оҳиста-оҳиста (стихиявӣ ва бошуурона) ташаккул ёфта, дар тӯли

ҳаёти инсон ба тағйирот дучор мешавад;

3) Ҳамеша бо эътиқод алоқаманд аст - назари устувори ҷаҳон, идеалҳо ва принсипҳо, хоҳиши ба ҳаёт овардани онҳо тавассути амал ва аъмоли худ;

4) Самти умумии шахсиятро муайян мекунад - маҷмуи мотивҳои устувор, ки ба фаъолияти шахс нигаронида шудаанд, аз вазъи кунунӣ нисбатан мустақиланд;

5) Ба тамоми намуди зоҳирии шахс, ба тамоми маҷмуи хусусиятҳои рафтору амал, одат ва майл таъсир мерасонад;

6) Он метавонад дар чунин шакл зоҳир шавад:

догматизм (аз калимаи dogma - андеша) - як шакли тафаккур ва амал, ки бо инерсия, "марг", беҳаракатӣ, талош барои авторитаризм тавсиф мешавад;

шубҳа (аз калимаи skepsis - баррасӣ, таҳқиқ) - равияи фалсафӣ, ки шубҳаро дар имкониятҳои маърифатии тафаккур истифода мекунад [148].

Қайд кардан бамаврид аст, ки масъалаи ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон дар низоми таълиму тарбия барои илми педагогика ҳамеша бо талаботе, ки ҷомеа дар назди тарбия мегузорад, пайванди ногусастанӣ дорад. Аммо дар айни замон, он бояд дар самти фароҳам овардани шароити мувофиқе, ки ба пуррагии фаҳмиши шахс дар бораи олами атроф мусоидат мекунад, ҳал карда мешавад.

Таълиму тарбия ду мафҳуми ба якдигар ёридиҳанда ва якдигарро мукаммалкунанда мебошанд. Масъалаи таълиму тарбия аз ибтидои ҳаёти инсонӣ барои тамоми насли инсонӣ аҳамияти махсус доранд "ва асоси азнавсозӣ ва самти бозсозии системаи таълиму тарбия аз он иборат аст, ки самти инсондӯстии фаъолияти тамоми муассисаҳои давлатию ҷамъиятии ҷомеа ба мақсади ба тарбияи насли наврас равона намудани самти башардӯстона равона карда шавад" [146]. Вақте ки сухан дар бораи таълиму тарбияи хонандаи синни хурди мактабӣ меравад, ташаккули амиқ ва ҷаҳонбинии илмӣ дар назар дошта мешавад. Муҳаққиқи рус Б.Т. Лихачев бар ин назар аст, ки ҷаҳонбинии илмӣ ин ваҳдати органикии назари конкретӣ-таърихӣ, пурмазмун ба ҷаҳон, эътиқодоти аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар бораи

қонунҳои рушди табиат ва ҷомеа, тарзи иҷтимоию иқтисодии ҳаёт, системаи муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки мавқеи фаъоли ҳаётии инсонро муайян мекунанд. Ҷаҳонбинӣ дар мактаббачагон дар натиҷаи азхудкунии пайвастаи донишҳои илмӣ ва фалсафӣ, дастовардҳои муосири илмӣ, инчунин системаи усулҳои умумии шинохти воқеият ташаккул меёбад [69]. Ҷаҳонбинии илмӣ на танҳо дар раванди азхудкунии дониш ва истифодаи усули таҳқиқот дар синф, балки дар раванди фаъолияти илмӣ, ҳамчун шакли таҳсилоти иловагӣ барои мактаббачагон ҷузъи мустақили раванди таълим ташаккул меёбад.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар ҷараён ва дар натиҷаи азхудкунии донишҳои илмӣ асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ гузошта мешаванд. “Ҷаҳонбинии илмӣ як иттиҳоди органикии нуқтаи назари мушаххаси таърихии ҷаҳон, эътиқоди аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар бораи қонунҳои рушди табиат ва ҷомеа, тарзи иҷтимоию иқтисодии зиндагӣ, системаи муносибатҳои иҷтимоию сиёсист, ки мавқеи фаъоли ҳаёти шахс дар он муайян мебошад. Ҷаҳонбинӣ дар мактаббачагон дар натиҷаи пайваста аз худ кардани донишҳои илмӣ, дастовардҳои илмии муосир, инчунин системаи усулҳои умумии шинохти воқеият ташаккул меёбад” [29, с. 217].

Муҳаққиқ Й. Юнусов қайд менамояд, ки пайдоишуривоҷи ҷаҳонбинии илмӣ раванди мураккаб буда, тамоми умри инсонро дар бар мегирад ва ба он омилҳои бисёре таъсир мекунанд. Ба ақидаи ӯ, шароити ҳаёти моддии инсон, муҳити зист, воситаҳои ахбор, таълиму тарбия аз ҷумлаи ҳамин омилҳо мебошанд [131, с.190].

Тавсиф додани як қатор принсипҳои муҳимтарини методологӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки ҳангоми ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ба назар гирифта шаванд:

а) принсипҳои муносибати синну соли таълиму тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои психологиву физиологӣ, зеҳнӣ ва дигар хусусиятҳои фардии хонандагони синну соли гуногун асос ёфтаанд.

б) принсипи хусусияти илмӣ, ки ба рушди мустақилияти тафаккури

хонандагон дар асоси дониши тасвири ҷаҳон, моҳияти кашфиётҳои нав дар соҳаҳои гуногуни илм асос ёфтааст;

в) принсипи ягонагӣ ва маҷмӯии ҷудонашавандаи таълиму тарбия, ташаккули шахсият ва ташаккули ҷаҳонбинии он: дидгоҳҳо, эътиқод, идеалҳое, ки самтҳои арзиширо дар ҷаҳони иҷтимоии атроф муайян мекунанд [150, 154].

Таълим амалест, ки тавассути он муносибати байниҳамии омӯзгору хонандагон барқарор мешавад. Мақсади амалҳои таълимӣ аз омӯхтан ва аз бар кардани таҷрибаи ҷамъиятӣ иборат аст [18, с. 22]. Аз ин рӯ, омӯзгор ба раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон дар раванди таълим метавонад таъсири назаррас расонад. Самаранокии таълиму тарбия ва нақши омӯзгорро дар раванди таълим Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушаххасан чунин баён намудааст: “...калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд” [151].

Мавқеи иҷтимоӣ ва касбии омӯзгор муҳимтарин ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон мебошад. Шарти муҳими ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагон ба инобат гирифтани синну сол ва хусусиятҳои инфиродии онҳо дар ҷараёни корҳои таълимӣ мебошад. Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо фаъолияти пурсамари хеш метавонанд ба бунёди пойдевори ҷаҳонбинии илмӣ дар хонандагон ҳисси арзанда гузоранд. Омӯзгор баҳри ташаккули эътиқод, шуур ва фаъолиятнокии баланди хонандагон роҳ мекушояд ва меомӯзонад, ки онҳо ашёҳо ва ҳодисаҳоро чӣ тавр бояд дарк кунанд ва дар оянда чӣ гуна амалу ҳаракат намоянд. Аз ин рӯ, омӯзгоронро барои ба роҳ мондани корҳои ҷолибу фаромӯшнашаванда зарур аст, ки аз таҷрибаи замони муосир, шаклу усул ва роҳҳои нави самарабахши фаъолият истифода барад ва барои тарбияи ҷаҳонфаҳмии хонандагон машғулиятҳои тарбиявии босамарро анҷом диҳанд.

Хонандагони хурдсол малакаҳои илмиро суст ташаккул медиҳанд. Онҳо

тақрибан намедонанд, ки чӣ гуна мустақилона бо адабиёт кор кунанд ва паёми мустақил омода карда наметавонанд. Асосан, фаҳмидани робитаҳои сабабу натиҷа ҳангоми шиносоӣ бо падидаҳои табиӣ барои он, ки кӯдак ба ташаккули унсурҳои ҷаҳонбинии илмӣ оғоз кунад, хеле муҳим аст.

Тафаккури мактаббачагони хурдсол мушаххас аст, бинобар ин он падидаҳо ва мафҳумҳое, ки кӯдакон дар ҳаёти худ на як бору ду бор бо онҳо дучор омадаанд, асос гирифта мешаванд.

Муҳаққиқ Н.А. Курзова дар таҳқиқоти худ аз И.П. Подласов иқтибос оварда қайд мекунад, ки тафаккури хонандаи хурдсол аз муносибатҳои эҳсосӣ-образнок то абстрактии мантиқӣ ва сабабӣ рушд мекунад. Ба андешаи ӯ, дар ин давра нақши омӯзгор махсусан бузург аст [59, с. 73].

Рушди ақл дар ин давра аз марҳилаҳои зерин мегузарад:

- азхудкунии амалҳо аз рӯйи намуна, стандарт;
- ташаккули системаи амалҳо дар доираи модели пешниҳодшуда;
- гузариш ба амалҳои равонӣ бо хосиятҳои ашё ва муносибати онҳо.

Дар ин давра қобилиятҳои сухан, тафаккур ва дарк рушд мекунанд. Дар фаъолияти таълимии хонандагони хурдсол чунин амалҳои хусусӣ, ба монанди навиштан, хондан, кор дар компютер, фаъолияти визуалӣ ва оғози фаъолияти созанда-композитсионӣ ташаккул меёбанд [24, с. 79-80].

Бояд зикр кард, ки бо назардошти хусусияти эмотсионалӣ-маҷозии маърифат дар байни хонандагони хурдсол, вазифаҳо, матнҳо, ҳолатҳое истифода шудаанд, ки дар онҳо персонажҳои афсонаҳои маъруф, ки ба кӯдакон маълуманд, амал мекунанд.

Чунон ки дар боло зикр гардид, ҷаҳонбинӣ ин системаи дидгоҳҳо, мафҳумҳо ва тасаввурот дар бораи ҷаҳони атроф, яъне дар бораи табиат ва ҷомеа мебошад. Маълум аст, ки ҷаҳонфаҳмии хонандагон дар тӯли тамоми давраи мактабӣ ташаккул меёбад, зеро хонанда зина ба зина боло меравад, воқеиятро амиқтар дарк мекунад ва ба туфайли он, ки фаъолияти таълимӣ ва кори фоиданоки ҷамъиятиаш ҳарчи бештар мешавад, ҳамаҷониба ва босуръат рушд менамояд. Барои иҷрои ин вазифа фаҳмидани падидаҳои инфиродии

алоҳида кофӣ нест, зеро яке аз муҳимтарин хусусиятҳои ҷаҳонбинии илмӣ дар он аст, ки ҷаҳон на ҳамчун маҷмуи ашёҳои алоҳида, балки дар маҷмуъ, дар он қисматҳо ба системаи муайян муттаҳид карда мешаванд. Бинобар ин, аллакай дар синфи якум он "хиштҳо"-ро гузоштан лозим аст, ки минбаъд ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ хидмат мекунанд.

Ба назари мо, кори ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон дар сурате имконпазир ва муваффақ хоҳад шуд, ки худи омӯзгор дар бораи спектри имконпазири ҷаҳонбинии ба инсон хос тасаввуроте дошта бошад ва дар бораи ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, ки дар ҷараёни азхудкунии система рушд мекунад, маълумот дошта бошад. Яъне дониши ҷаҳонфаҳмӣ аз рӯйи мавзӯъ, албатта худи ӯ барандаи ҷаҳонбинии муосири илмӣ мебошад.

Бо назардошти принсипи муносибати синнусолӣ, ки ҷузъи муҳими фаъолияти таълимиву тарбиявии омӯзгор мебошад, ба раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ таъсири назаррас дорад. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми банақшагирии раванди таълим омӯзгор бояд на танҳо дар бораи он фикр кунад, ки дар дарс чиро бояд шарҳ дод, кадом таҷрибаро нишон дод, кадом мушкилотро ҳал кард, балки дар бораи он ки чӣ гуна дарсро бо мақсади ташаккули шахсияти хонандагон бо ҷаҳонбинии возеҳи илмӣ равона намояд, андеша кунад.

Муҳаққиқ Е.В. Нефедова чунин назар дорад: "Раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол дар таҳқиқот ҳамчун тағйирёбии муносибатҳои фард бо муҳити зист, ки бо мурури замон ба вуҷуд меояд, аз ҳисоби субъективии афзояндаи хонандаи хурдсол баррасӣ мешавад. Мақсади раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол фароҳам овардани замина барои баланд бардоштани субъективии хонандаи хурдсол дар муоширати ӯ бо муҳити табиӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мебошад" [138, 175-176].

Нуктаи назари доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шомуродов Х.Р. ҷолиби диққат аст, ки ӯ ҷаҳонбиниро барои мактабиёни хурдсол ҳамчун ҳадди ақалли тасаввурот, фаҳмиш, маълумот ва ғояҳои ҷаҳонбинӣ медонад:

" 1) тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи дигаргунии ҳаёти табиӣ дар фаслҳои сол;

2) муносибат ва вобастагии маъмултаринро дар инкишофи ходисахо фахмад;
3) эътирофи аҳамияти муҳити зист ва рушди устувори он;
4) мохияти зиддиятхои таърихию ичтимоиро (байни бой ва камбагал, капиталистон ва коргарон) фахмад.
5) андешаҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти сохторҳои давлати демократӣ;
6) фаҳмидани накши калидии омма дар таърих” [129, с. 132].

Баррасӣ ва таҳқиқи адабиёти соҳавӣ нишон медиҳанд, ки дар илми педагогика маҷмуи усулҳое таҳия карда шудаанд, ки ба ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол дар раванди ҷудонашавандаи таълимӣ ва омӯзгорӣ равона карда шудаанд. Аммо имрӯз ниёз ба тавсияҳои мушаххаси амалӣ оид ба ин масъала ба миён омадааст. Азбаски фаъолияти тадқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ самти нисбатан нав ва камомӯхташуда дар фаъолияти муассисаҳои ибтидоӣ мебошад, мушкилоти истифодаи мустақилона ҳамчун роҳи муҳимтарини ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ то ҳол ба қадри кофӣ дарк карда нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи зерин арзиши назаррас дорад ва аҳамияти ин корро муайян мекунад.

Азбаски муассисаҳои таълимӣ дар ҳама сатҳҳо барои ҳалли мушкилоти умумии иҷтимоии ташаккули шахсияти дорои муносибати фаъол ба воқеият дар асоси арзишҳои умумибашарӣ даъват шудаанд, масъалаи ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон дар раванди таълим хеле муҳим ба назар мерасад. Раванди таълимии муассисаҳои ибтидоӣ ҳамчун шакли ташкили фаъолияти ҳаётии хонандаи хурдсол ташаккули самарабахши ҷаҳонфаҳмии ӯро дар асоси ҳамкории диалогии ҳамаи субъектҳои раванди таълим таъмин менамояд.

Ҷаҳонбинӣ як қатор вазифаҳои муҳимми иҷтимоиро иҷро мекунад. Дар педагогикаи муосир таснифоти гуногуни функсияҳои ҷаҳонбинӣ мавҷуданд ва мувофиқи таҳқиқоти В.Т. Лихачёв ҷаҳонбинӣ таълимӣ, тарбиявӣ, рушдёбанда, ташкилӣ ва пешгӯист, ки тавзеҳи он ба таври зер аст:

Таълимӣ - ҷаҳонбинии илмӣ падидаҳои табиат ва ҷомеаро барои инсон

фаҳмо месозад, ӯро бо усулҳои шинохти воқеият мусаллаҳ мекунад ва бо системаи самтҳои маънавӣ ва арзишӣ бой менамояд.

Тарбиявӣ - ақидаҳо ва эътиқодҳои қабулкардаи шахс аз ӯ зуҳури сифатҳои муайяни ахлоқӣ, иродавӣ ва муносибати эстетикиро ба воқеият талаб мекунанд.

Рушдёбанда - кори равонии дохилӣ барои азхуд кардани мундариҷаи ҷаҳонбинӣ тафаккурро дар фаъолият дар бар мегирад, ки онро дар натиҷа фасеҳ ва эҷодкор месозад.

Дурнамои ташкилӣ - илми нуқтаи ибтидоӣ дар фаъолияти амалии одамон мебошад.

Пешгӯӣ - дарки илмӣ, назариявӣ ва амалии тамоюлҳои рушди табиат ва ҷомеа, пешрафти ғояҳои эҷодӣ, ки ба тағйир додани воқеияти атроф нигаронида шудаанд [152].

Моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ дар низоми таълиму тарбия раванди мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошад. Илова бар омӯзиши муфассали ҷанбаҳои инфиродии ин раванд, онро бо назардошти робитаи ҳамдигарии ҷузъҳои асосии он ба таври куллӣ баррасӣ кардан лозим аст.

Олими рус Ю.К. Бабанский вазифаҳои марказии тарбиявии таълим дар хонандагонро ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ медонад. Ба назари ӯ, дар тамоми паҳлуҳои тарбиянокии шахсият, толибилм ба донишҳои фалсафӣ, назариявӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва тайёрии амалӣ ҷамъбаст карда мешавад [21, 64].

Ташаккули таваҷҷуҳ ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ, аз худ кардани дониш бо таҷрибаи мактаббачагон бо ҳисси қаноатмандӣ аз дастовардҳои онҳо алоқаманд аст. Ва тасдиқи ин эҳсосро ситоиши омӯзгор тақвият медиҳад, ки ҳар як муваффақияти хурдтарин, хурдтарин пешрафтро таъкид мекунад. Вақте ки омӯзгор онҳоро таъриф мекунад, хонандагони хурдсол ҳисси ифтихор ва рӯҳбаландии махсуси қувватро эҳсос мекунанд. Таъсири бузурги тарбиявии омӯзгор ба хурдсолон дар он аст, ки омӯзгор аз оғози дар мактаб қадам гузоштани кӯдакон барои онҳо як мақоми муҳим мегардад. Тибқи нуқтаи

назари омӯзгор С. Зикилобекова “Симои асосӣ дар мактаб омӯзгор аст ва ӯ дар меҳвари таълими шогирдон қарор дорад. Хонандагон ба омӯзгор боварии қавӣ доранд ва ба ҳар ҳарфу ҳиҷои ӯ итоат мекунанд, ба ҳар рафтору гуфтораш диққат медиҳанд, бо чашми ибрат менигаранд. Аз ин рӯ, омӯзгорро мебояд, ки ҳамеша нисбат ба худ таваҷҷуҳманд бошад ва пеш аз ҳама бар он кӯшад, ки доираи донишҳои методиашро мунтазам вусъат бахшад... Донишҳои методии омӯзгор махсусан муҳиманд, зеро дар ин замина ӯ ҳам дар дарсҳои ҳамарӯзааш, ҳам дар муносибат бо шогирдон ва ҳам дар масоили дигари марбут ба таълиму тарбия ба комёбӣ мушарраф мегардад” [45].

Дар рушди маънавии инсон ҷаҳонбинӣ хеле муҳим мебошад. Ҷаҳонбинӣ нуқтаи назари одамро ба олами атроф ба тартиб дароварда, онҳоро ба як системаи ҷудонашаванда меорад, чунки яке аз вазифаҳои муҳимтарини мактаб дар замони муосир тарбияи шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мебошад.

Таълимро бе донишомӯзӣ тасаввур кардан номумкин аст. Зеро донишомӯзӣ, дар маънои васеъ, ба ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон ва ба таври фаъол, ҷоришавии як қатор протсесҳои психикӣ: идрок, эҳсос, хотира, тафаккур, хаёл, иродаю ҳиссиёт вабаста мебошад.

Муҳаққиқон Т. Мустафоқулов ва М. Назруллоев донишомӯзиро фаъолияти эҷодӣ дониста, самарабахшии онро ба се ҷанбаи таълимӣ вобаста медонанд:

“1) бояд муайян намоем, ки ба хонандагон чиро омӯзонидан зарур аст;

2) бояд ошкор созем, ки муаллим ба хонандагон маводи таълимиро чӣ тавр дастрас гардонад;

3) хонандагон чӣ тарз материали таълимиро аз худ мекунанд” [82, с. 251].

Омӯзиш ва азхуд намудани материали таълимӣ ба мазмун ва методҳое хонандагонро соҳиби дониш, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ вобаста аст, ки мегардонад. Дастрас намудани материали таълимӣ ба сатҳи таёрии методӣ, санъати педагогӣ, таҷрибаи андӯхта ва хусусиятҳои шахсияти омӯзгор, усулҳои аниқи таълимӣ, ки дар таҷрибаи педагогӣ маълум аст, иртибот дорад.

Вазифаи тарбиявии омӯзгор дар низоми таълиму тарбия ба ташаккул

додани ҷаҳонфаҳмии хонандагон тавассути азхудкунии низоми донишҳои илмӣ дар бораи табиат, ҷомеа ва инсон, тарбияи сифатҳои маънавӣ, меҳнатӣ, зебоишиносӣ ва ҷисмонии шахсият равона карда шудааст.

Вазифаҳои таълимӣ, инкишофдиҳандагӣ ва тарбиявии омӯзгор дар раванди таълим ба назари Б.Қ. Оёмаҳмадов тавассути омилҳои зерин татбиқ карда мешавад:

- “истифодаи мазмуни маводи таълимӣ барои татбиқи ин вазифаҳои омӯзгор маводи асосии фанҳои таълимиро бо изофаи иттилооти иловагӣ истифода мебарад;
- интихоби шакл, методҳо ва усулҳои таълим - бо чунин ҳисоб амалӣ карда мешавад, ки онҳо барои мустақилона ба даст овардани донишҳо ҳавасманд гардонанд;
- таъмини тартиб ва фан дар дарс - таълими пуразиш танҳо бо шарти интизоми баланд имконпазир аст;

Истифодабарии баҳоҳо - таҳлили ҷавобҳо ва арзёбии натиҷаҳои дониш аз тарафи омӯзгор” [88, с.94-95].

Омилҳои номбаршуда бо ҳамдигар зич алоқаманд буда, дар муайян намудани мақсадҳои таълим, инкишофдиҳандагӣ ва тарбиявии онҳо таъсири мусбат хоҳад расонд.

Таҳқиқоти мо, на ҳама мушкилоти ташаккулёбии ҷаҳонфаҳмии хонандагони синни хурди мактабиро фаро мегирад, зеро ҷаҳонбинӣ дар баробари тағйироти гуногунсамти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа ҳамеша тағйир меёбад. Вобаста ба ин, таҳқиқоти минбаъда оид ба динамика ва хусусиятҳои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон гурӯҳҳои гуногуни синни мактабӣ талаб карда мешавад. Ба тариқи дигар, хулосаҳои таҳқиқоти мо роҳи ниҳоӣ ва анҷомёфтаи ҳалли ин масъала набуда, баръакс, тадқиқот дурнамои кори минбаъда - омӯзиши проблемаи ташаккули ҷаҳонфаҳмиро тавассути тамоми раванди таълиму тарбия муайян менамояд.

## 1.2. Шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим

Дар замони кунунӣ, дақиқ ва асоснок кардани фаъолияти ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Яке аз вазифаҳои муҳимми рушди ҷомеаи муосир, ташаккули шахси маърифатнок аст, ки истиноди асосии ҳаётиаш бояд ҷаҳонбинии воқеан илмӣ бошад. Инкишофи ҷаҳонбинии шахс ҳамеша бо равандҳои иҷтимоӣ, сиёсии ҷомеа зич алоқаманд аст. Хусусияти вазъи муосири таълимӣ ин гузаштани парадигмаи дониш ба равияи ба шахсият нигаронидашуда мебошад, ки аз нав дида баромадани ҳама муносибатҳои асосии педагогӣ, аз ҷумла дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагонро пешбинӣ мекунад. Ин гузариш аз ҳама бештар дар набудани асосҳои назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ тасдиқшудаи кори таълимӣ эҳсос мешавад, ки бо арзишҳои ибтидоии аз ҷиҳати дастрасӣ ҷолиб, пеш аз ҳама, ба таҷрибаҳои эҳсосӣ равона карда шудаанд, ки идеалҳои олии маънавӣ ва ахлоқиро дар хонандагон ташаккул намедиҳанд. Ин далел, ба назари мо, шояд натавонад омӯзгорро ба ташвиш оварад. Ҷаҳонбинии илмӣ на танҳо системаи дидгоҳҳо ба ҷаҳон, табиат, ҷомеа, балки барнома, дастури фаъолият, фаъолияти иҷтимоӣ мебошад, ки мавқеи инсонро дар ҷомеа, муносибат ба табиат, ба муҳити ӯ муайян мекунад.

Дар педагогика таълим ҳамчун як намуди фаъолияти идроккунии инсон фаҳмида мешавад. Хонандагон дар мактаби муосир дар ҳар як дарс таҷрибаҳои ҷамъиятию таърихии инсоният ва олами гирду атрофро пай дар пай омӯхта, дар заминаи он дар онҳо дониш, маҳорат, малака ва қобилият ҳосил мегардад ва ташаккул меёбад, ки ин ҳама раванди таълим ба мафҳумҳои педагогӣ дохил мешаванд [98, с. 349].

Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ҷаҳонфаҳмии кӯдакон ташаккул ва рушд менамояд. Шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ пеш аз ҳама, ба тарз ва муносибати байниҳамдигарии хонанда ба волидону омӯзгорон ва фаъолияти раванди таълим вобаста мебошад. Зеро дар рушду камоли хусусиятҳои ҷисмонӣ, психологӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва маънавии

кӯдакони синни аввали мактабӣ саҳми волидайн ва омӯзгорон хеле калон аст. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти муоширати байниҳамдигарӣ бо волидону омӯзгорон ва сурат гирифтани хондани китоб соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори раванди таълимӣ мегарданд. Агар дар ин давраи синни аввали мактабӣ раванди таълим ба таври ҷиддӣ сурат нагирад, дар ин ҳолат кӯдакон аз ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ қафо мемонанд.

Мутаассифона, аксари волидайни имрӯза дар ҷаҳони маҷозӣ ғарқ мешаванд ва худдорӣ аз қисса кардан ба фарзандони худ, ки муҳимтарин далели дур шудани кӯдакони имрӯз аз қиссаҳои халқӣ, ба хусус афсонаву ривоятҳо мешавад. Аз ин рӯ, ба шахсият ва ҷаҳонфаҳмии онҳо бештар табиат ва фарҳанге, ки дар ин аниматсияҳо ва ҳикояҳо инъикос ёфтааст, таъсири камтар мерасонанд. Ин дар ҳолест, ки афсонаву қиссаҳои халқӣ дар доираи худ ангезаҳо ва мафҳумҳои ҳувиятсоз доранд, ки бо ошноӣ ва тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии кӯдакон метавонанд ба таври ноаён “ман”-и ҳастии худ ва ҳуввияти худро пайдо ва кашф намоянд.

Қиссаҳое, ки аз ҷониби ровиёни афсонаву ривоятҳои бостонӣ аксаран нақл мешаванд, кӯдак бо дарки онҳо бо хислатҳои ғайриоддии муҳити худ шинос мешавад, бо эътиқод ва зерфарҳангҳои мардуми зодгоҳаш аз солҳои аввали ибтидоӣ ё пеш аз ибтидоӣ унс мегирад ва ҳамин тавр, фарҳанги шифоҳӣ дар шуурноки онҳо ҷорӣ мегардад. Мутаассифона, бо тарғиби зиндагии муосир хонаводаҳо аз мероси гаронбаҳои ниёгон ва фарҳанги маъруфи манотиқи худ - фолклор дуртар шуда, кор ба ҳадде шудааст, ки кӯдакони имрӯза бо афсонаву рубоӣ робитаи кофӣ надоранд.

Рӯзҳо ва замоне ки аз мо чандон дур нест, бобою бибиҳо ва ё падару модар дар гирди суфра ва ё вақти хоб қиссаву афсонаҳои халқиро хонда нақл мекарданд, то дар зеҳнияту тафаккури фарзандон саҳми мусоид гузоранд. Воқеан, ҳамин эҷодиёти шифоҳӣ буд, ки барои ба камол расидану ба вуҷуд омадани фарзандони он замон ва андӯхтани таҷриба ва донистани роҳу усулҳо мусоидат менамуд ва ин таҳсили ғайримустақим боиси афзоиши зеҳнии онҳо гардид. Мутаассифона, имрӯз мо дигар шудем. Машғулияти волидайн,

мавҷудияти зебои ҷаҳони виртуалӣ ва бисёр омилҳои дигар моро водор кардааст, ки ин қобилиятро нодида гирем. Хушбахтона, хусусияти ҳикояву қиссасозӣ ҳифз шудааст ва ҳоло ҳам метавонад дар ташаккули шахсияти кӯдакон ва баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонфаҳмии онҳо муассир бошад.

Ёддовар шудан ба маврид аст, ки давраи муҳимтарин дар ҳаёти ҳар як шахс синну соли томактабӣ ва синни хурди мактабӣ мебошад. Дар ин марҳила тамоми мафҳумҳо ва заминаҳои асосии рушди минбаъдаи шахсият гузошта шудаанд. Барои кӯдак муҳим аст, ки ӯро на танҳо ҳимоя ва дастгирӣ кунанд, балки нишон диҳанд, ки куҷо равад, барои чӣ саъй кунад. В.А. Сухомлинский мегӯяд: “Аз он касе, ки кӯдакро роҳбарӣ мекунад, чигуна ба ақлу дили ӯ ворид шудааст, он ба таври қатъӣ муайян мекунад, ки кӯдаки имрӯза чигуна шахс хоҳад шуд. Чунин нуқтаи беҳтарин - истинод барои кӯдак ҳамеша калонсол аст, ки дар симои волидон ва омӯзгорон дида мешавад” [112, с. 273].

Мафҳуми ҷаҳонбиниро мо дар боло муфассал шарҳу тавзеҳ додем. Раванди таълим гуфта, ҳама ҷузъҳои таълим: омӯзгор, воситаҳои таълим, метод ва усулҳо; хонандагоне, ки ҳам дар раванди таълим ва ҳам дар хона бо роҳбарии омӯзгор кор мекунанд; таъмини раванди таълим бо аёният ва воситаҳои техникиро дар бар мегирад.

Барои омӯзгор масъалаи меъёрҳои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон асосӣ боқӣ мемонад. Дар адабиёти илмӣ ба таҳияи ин меъёрҳо равияҳои гуногун мавҷуданд. Аммо аксари муҳаққиқон бар онанд, ки ҳангоми муайян кардани сатҳи ташаккули ҷаҳонбинӣ бояд аз худи моҳият, мундариҷа ва сохтори он сарчашма гирад. Вобаста ба ин, ҳангоми арзёбии сатҳи ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачагон нишондиҳандаҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

“а) аз ҷониби хонандагон донистани консепсияҳои муҳимтарин, қонунҳо, хулосаҳои назариявӣ, ки барои дарки моҳияти равандҳои рушди табиат ва ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд;

б) устувории афкор ва эътиқоди хонандагон, ки ба арзёбии ҳама падидаҳо ва рӯйдодҳои ҳаёти атроф таъсир мерасонанд;

в) зуҳури мавқеи идеологии хонандагон дар корҳои мушаххаси ҷамъиятӣ, дар фаъолият ва рафтори онҳо” [119].

Албатта, дар ҳаёти воқеӣ муайян кардани сатҳи ташаккули чунин маълумоти мураккаби шахсӣ, ки ҷаҳонбинӣ аст, он қадар саҳл нест. Аммо истифодаи ин меъёрҳо то андозае метавонад ба ҳалли ин масъала мусоидат кунад.

Гарчанде ки ин раванд дар ҳама марҳилаҳои таълими мактабӣ гузаронида шудааст, бештар дар синфҳои болоӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин нест, ки пас аз хатми мактаб ҳамаи хатмкунандагони он ба таври кофӣ ҷаҳонбинӣ ва эътиқоди мустаҳкам доранд ва сабабҳои ин на танҳо аз камбудиҳои кори таълиму тарбия сарчашма мегиранд. Ҷаҳонбинӣ танҳо дар раванди ташаккули таҷрибаи зиндагии инсон, дар бархӯрд ва душвориҳои зиндагӣ, бартараф кардани онҳо ва тасдиқи ҳақиқат ва арзиши аслии дидгоҳҳо ва эътиқодоти шахс устувор мегардад. Албатта, мактаб бо назардошти хусусиятҳои кори худ на ҳамеша чунин шароити муҳимро ба хонандагон фароҳам меорад, балки бо омодагии дуруст ба кори таълиму тарбия метавонад заминаи зеҳнию эмотсионалии ҷаҳонбинии илмиро бунёд намуда, хонандагонро бо маводи зарурӣ таъмин намояд.

Бояд қайд кард, ки ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон раванди нозук аст ва бо ташаккули ахлоқи хонанда, бо рушди худогоҳии ӯ, бо ҷустуҷӯйи ҷойгоҳи ӯ дар ҷаҳон ва мундариҷаи ҳаёти ӯ сахт алоқаманд аст. Воситаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ раванди таълим, корҳои берунazсинфӣ, кори мустақилонаи хонандагон, таҷрибаи андӯхтаи онҳо дар муошират ва зиндагӣ мебошанд. Азхудкунии ҷанбаҳои ҷаҳонбинии дониш тавассути интихоби мундариҷа, усулҳои таълим, тақсими ғояҳои бунёдӣ дар ҳар як соҳаи дониш ва фаъолият, робитаҳои байнисоҳавӣ ва ташкили дарсҳои кушоди ҳамгирошуда таъмин карда мешавад. Дидаҳо ва эътиқодҳо дар муошират ва дар фаъолияти амалии худи хонандагон: меҳнатӣ, иҷтимоӣ, бадеӣ, техникӣ ва ғайра ташаккул меёбанд [132, с. 55].

Дониши илмӣ ҳамчун як ҷузъ, тасдиқи нуқтаи назари диалектикии ҷаҳон

амал мекунад. Дониши илмӣ асоси ҷаҳонбинии илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳадафи таълими мактабӣ нишон додани асоси моддии маводи таълимӣ мебошад, ки дар асоси он ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ба амал баровварда мешавад.

Ҷаҳонбинии илмиро ҳамчун роҳи дарк ва арзёбии воқеияти объективӣ баррасӣ намуда, мо мефаҳмем, ки он робитаи байни донишҳо, ғояҳо, мафҳумҳои мухталифест, ки манзараи муайяни илмии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Унсурҳои ин система дидгоҳҳо, ғояҳо, принсипҳое мебошанд, ки ба равшан намудани муносибати инсон ба ҷаҳон, муайян кардани мавқеи шахс дар муҳити иҷтимоӣ ва табиие, ки ӯро иҳота кардааст, равона карда шудаанд. Аммо, воқеияти гирду атроф дар атрофи инсон бениҳоят гуногун аст, ҳамон тавре ки муносибатҳо бо инсону бо ҷаҳон гуногунанд. Ва азбаски инсон дар фаъолияти амалӣ ва маърифатиаш худ худро бо як паҳлӯи муайяни воқеият вобаста медонад, ҷаҳон дар пеши ӯ гӯё дар пешгӯиҳои гуногуни худ пайдо мешавад. Мутаносибан, худи шахс, гӯё худро дар паҳлӯҳои гуногуни олам тарҳрезӣ мекунад, дар худ паҳлӯҳои муайяни сифатиро фарқ мекунад ва худро дар ҷанбаҳои мухталиф мешиносад [46, с. 292].

Раванди таълим аслан ҳаракати дониши хонандагон аз ноогоҳӣ ба дониш, аз дониши нопурра ба дониши мукаммалтар, васеъ ва дақиқтар аст. Дар чараёни таълим малака ва кобилиятхои маърифатию амали ташаккул ёфта, хонандагон ташаккул ва тарбия меёбанд. Раванди таълим ҳамкории фаъол байни омӯзгор ва хонанда мебошад, ки аз равандҳои ба ҳамдигар алоқаманд-таълим ва омӯзиш ташкил меёбад [88, с.93]. Муҳаққиқ С. Алибаев ҳам бар ин назар аст, “ки ҳамкории устоду шогирд дар рафти дарс яке аз роҳҳои бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиш буда, боиси инкишофи зеҳнӣ ва ташаккули ҷаҳонбиниии онҳо низ мегардад” [4, с. 57].

Ба ақидаи муҳаққиқ Й. Юнусов олимону педагогҳо се вазифаи асосии раванди таълимро муайян кардаанд:

1) “Маълумотдиҳӣ. Вазифаи маълумотдиҳӣ ҳаминро талаб мекунад, ки мактабиён донишҳоро аз худ кунанд, дар онҳо маҳорату малакаҳои фаъолияти

хониш ташаккул ёбад;

2) Инкишофдиҳӣ. Вазифаи инкишофдиҳӣ пеш аз ҳама, бояд пешрафт ва инкишофи фикрии хонандагонро таъмин намояд. Як ё маҷмуи донишҳо ба дараҷаи гуногуни инкишофи зеҳнӣ сабаб шуда метавонад, чунки қобилияти фикрӣ гуногун ва инкишофи ақлии хонандагон раванди хеле мураккабу зиддиятнок аст. Фаъолияти хониш бояд ҳамеша барои баланд бардоштани дараҷаи инкишофи фикрии хонандагон хизмат намояд;

3) Тарбиядиҳӣ. Ин вазифа тақозо мекунад, ки фаъолияти хониш талабаро тарбия диҳад, дар ӯ ҳисси ватандӯстӣ, сифатҳои ахлоқӣ, ақидаҳо, эътиқод, ҳисси зебоиписандӣ, интизомнокӣ ва меҳнатдӯстиро парвариш кунад” [131, с. 63].

Вазифаҳои зикргардида дар раванди таълим ба омӯзгор имкон медиҳад, ки мувофиқи мақсад мунтазам ба ақл, ҳиссиёт ва иродаи бачагон таъсир расонад.

Муҳаққиқон Ш.Р. Оёҳмадов ва Б.Қ. Ятимов нақши омӯзгорро дар раванди таълим симои асосӣ медонанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки омӯзгорон пеш аз ҳама ташкилотчиён ва роҳбарони фаъолияти маърифатии хонандагон мебошанд. Шароите фароҳам меоваранд, ки онҳо оқилона ва пурмаҳсул омӯзанд. Назорати таълим бояд ба бартараф намудани душворихои мавчуда ёрй расонад.

Бинобар ин, барои он ки дар низоми таълим кӯдакон аз дониш ва ақлу заковат бархӯрдор бошанд ва дар зиндагӣ оқилона рафтор намуда, ба комёбиҳо ноил гарданд, аз синни аввали мактабӣ оғоз карда, ҷаҳонбинии илмии онҳоро пай дар пай ташаккул додан лозим аст.

Яке аз ҳадафҳои пешбарандаи таълим ҳамеша ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмии насли наврас боқӣ мемонад. Гузаронидани чунин таҳқиқот метавонад ба заминаи ҷиддии назариявӣ ва таҷрибавии илмӣ асос ёбад, ки онро намояндагони илмҳои гуногун ба вуҷуд овардаанд.

Муҳаққиқони соҳаи дидактик ва равоншиноси рус К.Д. Ушинский, С.Л. Рубинштейн ва дигарон  дар бораи марҳила ба марҳила ташаккул додани

ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва сипас, дониши амиқтари ҷаҳон аз ҷониби наврасону ҷавонон дар раванди азхудкунии дониш пешниҳоди муҳими методологӣ ба миён гузоштааст. С.Л. Рубинштейн низ навиштааст: "Кӯдак тавассути тарбия ва омӯзиш рушд мекунад. Ин қонуни асосии рушди психологии кӯдак мебошад". Вай қайд мекунад, ки "ҳар як мафҳуми таълим, ки омӯзгор ташаккул медиҳад, консепсияи мушаххаси рушдро дар бар мегирад, ки ба назарияи мувофиқи таълим асос ёфтааст. Аз ин рӯ, дар раванди таълим, кӯдак эътиқодеро, ки дар системаи муайяни таҳсилот асос ёфтааст, ташаккул медиҳад, нуқтаи назари худаш ба миён меояд, тафаккури мантиқии абстрактӣ инкишоф меёбад ва системаи дониши умумиҷаҳонӣ дар бораи олами атроф ва мавқеи шахс дар он пайдо мешавад" [145].

Муҳаққиқ Н.Ю. Зубенко дар рисолаи доктории худ қайд менамояд, ки "дар солҳои шӯравӣ омӯзиши проблемаи ташаккули ҷаҳонбинии марксистӣ-ленинӣ мавзуи марказии фалсафа, илмҳои ҷамъиятшиносӣ-сиёсӣ ва бешубҳа, психология ва педагогика буд" [134, с. 93-94].

Дар мактаб барои ташаккул ва рушд додани ҷаҳонфаҳмии хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад ва шарти асосӣ дар ҷараёни таълим мунтазам асосҳои донишро аз  худ кардан аст ва ҳамин тавр, дар онҳо ҷаҳонбинии илмӣ ташаккул ёфта, дар ин раванд унсури соддатарини асосҳои илмро аз бар мекунанд, моҳияти предмету ҳодисаҳо ва ашёҳоро ба таври чуқур ва пурра меомӯзанд ва дар онҳо қобилияти дарккунӣ, эҳсос, идрок, тафаккур ва мушоҳидакорӣ инкишоф меёбад.

Муҳаққиқ С. Қодиров зикр менамояд, ки "қобилияти маърифатӣ хусусияти инфиродии равонии шахсро дар назар дорад, ки ба талаботи фаъолияти мушаххас ҷавобгӯ буда, шарти муваффақият мебошад. Салоҳият аз қобилиятҳо иборат аст, ки дониш, малака ва маҳорат мебошанд" [64, с. 198-199]. Қобилият на аз дониш ва маҳорату малака, балки дар ҷараёни ба даст овардани онҳо ошкор мегардад. Яъне аз ҷониби шахс то чӣ андоза дар шароитҳои якхела зуд, амиқ, ба осонӣ ва мустаҳкам донишу маҳорат ва

малакаи аз худ карда мешавад

Дарк инъикоси ашё ва ходисахои олами атроф мебошад, ки дар лаҳзаи муайян ба узвҳои эҳсосоти инсон таъсир мерасонад. Б.Қ.Оёмаҳмадов чунин ақида дорад: “Барои он ки ин раванд самаранок бошад, омодагии равонии хонандагонро ба таълим таҳрик медиҳад, муносибати мусбӣ ва манфӣ фаъолиятҳои дарпешистодаро ташаккул медиҳад, ба дониш ва таҷрибаи қаблӣ такя мекунад ва таваҷҷуҳро ба мавзуи дониш равона мекунад”. [88, с. 97].

Идроки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар моҳҳои аввали соли таҳсил хусусияти ғайриихтиёрӣ дорад. Хонандагон ҳоло наметавонанд дарк, таҳлил ва навиштани худро дар бораи ин ё он мавзуъ ё ягон асбоби визуалӣ идора кунанд. Масалан, ҳангоми тамошои расмҳо ва аз як қисми матн ба қисми дигар ва ё аз як сатр ба сатри дигар хондани калимаю ибораҳоро фаромӯш мекунанд.

Дарки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ашёҳо ва хосиятҳои ашё дар олами материалӣ асос меёбад. Аз ин рӯ, хонандагони хӯрдсол дар фаҳмидани мавод чизҳои асосӣ ва муҳимро муайян карда наметавонанд [82, с. 147].

Протсеси идроки хонандагони синфҳои ибтидоӣ тадриҷан ба шавқу ҳавас, талабот ва таҷрибаи гузаштаи хонандагон вобаста мебошад. Яъне фаъолияти таълимии мактаббачагон ба идроки шаклҳо ва бузургии предмету ашёҳо алоқаманд аст. Бинобар ин, муҳаққиқон Т. Мустафоқулов ва М. Назруллоев бар ин назаранд, ки ҳангоми бароҳмонии таълим шартҳои зерини психологиро ба роҳбарӣ гирифтан зарур аст:

1. Маводи таълимиро возеҳу фаҳмо шарҳ додан;
2. Дар раванди таълим расму нақшаҳоро истифода кардан.
3. Дар раванди саволу ҷавоб бояд усулҳои муқоиса, таҳлил ва синтези муассир қабул карда шаванд.

Тафаккур протсеси маърифатие мебошад, ки одам туфайли он дар бораи олам ва ҳодисоти он донишҳои мукаммал ҳосил мекунад. Ҳаёт дар назди инсон чунин масъалаҳоеро пеш мегузорад, ки онҳоро танҳо тавассути идроки бевосита ҳал кардан мумкин нест. Тафаккур ҳамеша бо ҳалли масъала алоқаманд буда, ифодаи ҷамъбасткунадаи ҳақиқат аст. Ҳамин тавр, тафаккури

инсон аз ҳудуди идрок баромада, ҳақиқатро ҳам дурусттару амиқтар диниста мегирад ва протсеси тафаккур моҳияти ашё, алоқа ва муносибати байни предмету ҳодисаҳоро инъикос менамояд [64, с. 135-136]. Тафаккури кӯдак барои дарк ва таҳлили воқеият чун шакли комили зиндагӣ қобилият дорад. Дар сатҳи интуитивӣ, яъне беихтиёрӣ хонандаи хурдсол ба инсон нигаронида шудани олам ва иртиботи мутақобилаи онҳоро фаҳм мекунад.

Дар адабиёти педагогӣ ва психологии асри XX, дар асарҳои Г. Абдураҳмонов, М.В. Саидов, А.М. Миралиев, Ҷ. Алимӣ, Ғ. Бобизода, И.М. Маҳмудов, Ф. Шарифзода, Виготский, С.Л. Рубинштейн, В.И. Андреев, Ю.К. Бабанский ва дигарон раванди ташаккули тафаккури хонандагон, қобилияти азхуд кардани дониш ва илм ба назар гирифта шудааст.

Дар воқеъ, яке аз шохаҳои дигари раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълимро ташаккули унсурҳои тафаккури илмӣ дар хонандагон ташкил медиҳад. Ба назари мо, ин зарурат объективӣ мебошад. Ҷаҳонбинӣ бояд муассир бошад ва дар фаъолияти инсон амалӣ карда шавад. Ва фаъолияти амалии инсон дар асоси фаъолияти рӯҳии ӯ амалӣ карда мешавад. “Тафаккур... ин як раванди фаъоли инъикоси ҷаҳони объективӣ дар мафҳумҳо, ҳукмҳо, назарияҳо ва ғайра мебошад. Тафаккур дар раванди фаъолияти иҷтимоӣ ва истеҳсолии одамон ба вуҷуд омада, инъикоси ғайримустақими воқеият, ифшои робитаҳои мунтазами онро таъмин мекунад... Тафаккур пеш аз ҳама на танҳо бо эволютсияи биологӣ, балки бо рушди иҷтимоӣ алоқаманд аст” [116, с. 258]. Тафаккур тавассути амалиётҳои равонӣ, аз қабили таҳлил, муқоиса, синтез, абстраксия, ҷамъбаст ва хулоса амалӣ карда мешавад. Хулосаҳо тавассути ҳукмҳо бароварда мешаванд ва довари тасдиқ ё радди чизе ё коре мебошад.

Дар психологияи муосир намудҳои таҷрибавӣ ва назариявии тафаккур фарқ карда мешаванд: “Тафаккури эмпирикӣ ба дарки мустақим, тасвирҳои сенсорӣ ва тасвирҳо такя мекунад. Он аз доираи онҳо берун намебарояд ва танҳо бо муайян кардани умумият дар сатҳи намояндагӣ маҳдуд мешавад. Тафаккури назариявӣ инчунин ба дарки сенсорӣ-конкретӣ асос ёфтааст, аммо

он аз доираи худ берун рафта, ба муайян кардани чунин моҳиятан умумӣ, ки дар дарки мустақим дода нашудааст, боло меравад. Натиҷаи тафаккури назариявӣ ташаккули мафҳумҳои назариявӣ, сохтани моделҳои равонӣ, фарзияҳо ва назарияҳо мебошад. Тафаккури назариявӣ қодир аст, ки падидаҳои нав, хосиятҳои ҷисмҳо ва таҳияи қонунҳоро пешгӯӣ кунад. Ҳамин тариқ, тафаккури илмӣ тафаккури назариявӣ мебошад. Ташаккули тафаккури илмӣ аз ташаккули чунин сифатҳои тафаккур, ба монанди объективӣ ва ҳамаҷонибаи баррасӣ иборат аст, ки эҳтиром ба далелҳо, худтанқидкунӣ, қобилияти ошкор кардани зиддиятҳоеро, ки рушд ва тағйиротро ҳам дар ҷаҳони объективӣ ва ҳам дар раванди шинохти он; қобилияти дидани эътибори маҳдуди ҳар гуна изҳорот аст, ки дарк намудани ногузирии парадоксалиро дар ҷараёни рушди илм дар назар дорад” [155].

Муҳаққиқон Оёҳмадов Ш.Р., Ятимов Б.Қ. аз ҷиҳати сохтор раванди таълимро ба ҷузъҳои зерин тақсим намудаанд:

“ – Мақсаднокӣ (ташаккул додани ҳадафи омӯзиши мавод дар дарс, фанни таълимӣ ва ҳадафи муассисаи таълимӣ);

– Ташвиқию ангезишӣ (ташвиқоти хонандагон ба фаъолияти маърифатӣ, дар онҳо ташаккул додани ангезаи дахлдор);

– Мазмунӣ (интихоби оптималии фанҳои нақшаи таълимӣ, мазмуни барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, инчунин мазмуни ҳар як дарс);

– Амалиёти муассирӣ (интихоби усулҳо, методҳо, шакл ва воситаҳои таълимӣ);

– Назоратию танзимкунандагӣ (назорати азхудкунии донишҳо, ташаккулёбии маҳорат ва малакаҳо);

– Баҳодиҳию натиҷавӣ (муайян намудани сатҳи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаи ҳар як хонанда, сабабҳои ақибмонӣ ва бартараф намудани онҳо)” [88, с. 97].

Аз гуфтаҳои боло метавон чунин баён дошт, ки тибқи ҳар яке аз ҷузъ ва маҷмуи он ҳамкории бошуурона, мақсадноки омӯзгор ва хонандаро тақозо менамояд ва “протсеси таълим ҳам ба иҷрои маҷмуи амалҳои мунтазами

муаллиму хонандагон нигаронида шудааст. Мақсади амалҳои таълимӣ аз бошуурона ва мустаҳкам аз худ намудани системаи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ иборат аст. Зеро дар ҷараёни таълим имконоти инкишофи қобилияти маърифатӣ ва аз бар кардани маданияти қобилияти фикрӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инчунин рафтори хонандагон ба амал бароварда мешавад” [18].

Дар шароити имрӯза рушди босуръати ҷомеа ва зиёд шудани донишҳои илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ эҳтиёҷоти тафаккури абстрактӣ барои муайян кардани ҳодисаҳоро ба миён овард. Аз ин рӯ, ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ доир ба ҳодисаҳо, предметҳо, ашёҳои воқеӣ ва мушаххасан ифода намудани мафҳумҳоро омӯзонидан шарт ва зарур аст.

Бояд зикр кард, ки амали абстрактӣ ба амали ҷамъбасткунӣ алоқаманд аст. Хонандагон предметҳоро тавсиф дода, аз ҷумла дар бораи тарзҳои гуногуни предметҳо ва амалҳое, ки бо предметҳо мегузаронанд, аз амали ҷамъбасткунӣ истифода менамоянд [82, с. 161].

Таҳқиқоти муҳаққиқони равоншинос П.П. Блонский, Л.С. Виготский, Ж.И. Шиф нишон медиҳад, ки хонандагони синфҳои 1 ва 2 хусусиятҳои муҳим ва аломатҳои берунии предметҳоро ҷудо карда метавонанд. Масалан, бачагон дар бораи офтоб, растаниҳо, ҳайвонот муҳокима ронда мегӯянд, ки “Офтоб равшанӣ медиҳад, гармӣ медиҳад.” ё ин ки “мева мерӯяд, дарахт мева медиҳад” ва ғайра.

Дигаре аз шартҳое, ки дар ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд, инкишофи хаёл мебошад, ки бо тафаккур алоқаи зич дорад. Хаёл ба монанди тафаккур фаъолияти таҳлилию таркибӣ буда, дар асоси мақсади бошуурона гузошташуда ба амал меояд.

Хаёлро С. Қодиров чунин маънидод кардааст: “Хаёл фаъолияти махсуси инсон аст, ки дар протсеси меҳнат пайдо шуда, инкишоф ёфтааст. Меҳнат ин таъсири одам ба олами иҳотакарда, дигаргун намудани ҳақиқати объективӣ мебошад, ки характери мақсадноку банақшагириро дорад” [64, с. 153].

Дар раванди фаъолияти таълимӣ дар назди омӯзгорон нисбат ба инкишофи хаёли хонандагони синфҳои ибтидоӣ талаботи муайян гузошта мешавад. Чунин талабот омӯзгоронро ба он водор менамояд, ки дар ҷараёни дарсҳои хониш, таърих, табиатшиносӣ ва ғайра хонандагонро на танҳо соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ мегардонад, балки ба он саъй кунад, ки онҳо расмҳо, суратҳо, одамонро дарк карда, тасаввур намоянд ва ҳамин тавр, ба тахайюлот ғӯта зада, образҳое офаранд, ки дар айни ҳол ва пеш аз ин ҳам дучор нашуда буданд. Кӯдакон дар ҷараёни сохтани чизе сараввал расму нақшаи онро мекашанд ва дар кори ояндаи худ ба он такя мекунанд.

Педагогон Т.Мустафоқулов ва М.Назруллоев дар таҳқиқоти худ чунин роҳу равияи хаёли хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян кардаанд:

1. Образҳое, ки аввал дар ботини бачагон дар шакли образҳои хаёлӣ пайдо мешаванд, онҳо пароканда ва норавшан ва каммазмун ифода меёбанд, вале дертар он образҳо аниқ ва хеле пурмазмун мегарданд;
2. Нақшаҳое, ки хонандагони синфҳои якум офаридаанд, аввал бисёр хусусиятҳои ашёро инъикос мекунанд. Аммо дар синфҳои дуюм ва сеюм кӯдакон хусусиятҳои муҳимро мефаҳманд;
3. Аз нав кор карда баромадани образҳо ва тасаввурот дар синфи сеюм донишу таҷрибаи бачагон аниқ, васеъ, равшан ва ҷамъбасткунанда мегардад. Бачагон дар рафти нақли ҳикоя сюжети ҳикояро тағйир медиҳанд ва барои дарки моҳияти он дар назди худ масъала мегузоранд;
4. Аввал ҳар гуна образҳое, ки офарида мешаванд, онҳо ба предмету ашёҳои аниқ ва мушаххас (ҳангоми хондани ҳикоя, масалан, такя ба расм) нигаронида мешаванд ва минбаъд образҳо дар асоси калима ва сухан офарида мешаванд. Акнун хонандагон тавассути донишу таҷрибаи пештара фикран образҳои нав меофаранд [82, с. 169]. Муҳаққиқон М. Лутфуллоев ва Л. Иматова дар дастури таълимии худ низ ба омӯзгорон тавсия медиҳанд, ки пеш аз нақли ҳикоя расми он қаҳрамонро ба бачаҳо нишон диҳанд, баъдан ҳикояро хонанд. Масалан, дар машғулияти 17 тавсия медиҳад, ки мураббия расми мурчаро ба кӯдакон нишон диҳад, сипас афсонаро хонад [71, с. 49]. Ҳамин

тавр, дар ҷараёни таълим қобилияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва тахайюлоти онҳо инкишоф меёбад ва дар натиҷа ба ҷаҳонфаҳмӣ таъсир хоҳад расонд.

Тамоюли асосии рушди хаёлот дар синни ибтидоии мактаб такмил додани тахайюлоти фароғатӣ мебошад. Он бо пешниҳоди тасвирҳои қаблан даркшуда ё эҷоди тасвирҳо мутобиқи тавсифи додашуда, схема, нақшакашӣ ва ғайра алоқаманд аст. Тасаввуроти аз нав эҷодшаванда аз ҳисоби инъикоси ҳарчи бештар дуруст ва пурраи воқеият такмил меёбад. Тасаввуроти эҷодӣ ҳамчун офаридани тасвирҳои нав, ки бо тағйирот, коркарди таассуроти таҷрибаи гузашта алоқамандāнд, онҳоро дар якҷоягӣ, комбинатсияи нав пайваст мекунанд.

Профессор Х.Р. Шомуродов зикр менамояд, ки “тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин тарбия намудани ҷаҳонфаҳмии амиқ ва ҳамаҷонибаи илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷаҳонбинӣ ҳамчун дараҷаи дарки инсон, аз ҷумла системаи маърифатӣ, афкор, эътиқод ва идеалҳои ӯ, ифодаи муносибати ӯ ба табиат ва рушди иҷтимоъӣ ва муайян кардани мавқеи ахлоқӣ ва эстетикии ӯ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт муайян карда мешавад, доништа мешавад” [129, с. 135].

Системаи донишҳо, ақоид, эътиқод ва идеалҳоро дар навбати худ ба ду гурӯҳ: объективӣ (донишҳои илмӣ) ва субъективӣ (ақида, эътиқод ва идеалҳо) тақсим кардан мумкин аст.

Дар бораи ин мафҳумҳо дар Энсиклопедия ва донишномаҳо чунин маълумотро дарёфтем: “Дониш ҳамчун қисмати объективии ҷаҳонбинӣ дар худ системаи илмҳои ҳақиқӣ, ки шакли мулоҳизаронии тасвирию муқаррарии шахсиятро мефаҳмонад, фаро мегирад. Он бо сарфаҳмравӣ ва дарки тарафҳои объективии ҳодисаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ вобаста буда, дар ҳамин қатор аз тарафи ҳар як шахс мумкин, ки як хел фикр карда шавад, чун қонуни ирсият, тавсифҳои тазоди ҳодисаҳои таърихӣ ва ғайра. Албатта, азхудкунии донишҳои илмӣ асоси ҷаҳонбиниро ташкил мекунанд. Аммо иддаи одамон бо донишмандии худ аз ҳамдигар фарқ доранд, ҳодисаҳоро на ҳамеша аз нигоҳи

ҷаҳонфаҳмӣ дуруст муайян менамоянд. Барои он ки донишҳо ба ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ мувофиқат кунанд, онҳо бояд ақида, эътиқод ва асоси идеали ӯ гарданд.

Ақида мулоҳиза ва хулосабарории фард, ки бо шарҳдиҳии ин ё он ҳодисаи табиӣ ва иҷтимоӣ вобастагӣ дораду муносибати ӯро бо он ҳодисаҳо муайян мекунад, фаҳмида мешавад. Ақидаҳо мусбат ва манфӣ мешаванд. Масалан, таҳаввулоти олами набототот ва ҳайвонотро олимон ва диндорон ҳар гуна шарҳ медиҳанд. Олимон аз нигоҳи илмӣ шарҳ диҳанд, диндорон онҳоро ба хости илоҳӣ мансуб медиҳанд. Ақида дар ҷаҳонфаҳмии инсон аҳамияти калон дорад ва ба рафтори ӯ низ таъсир мерасонад. Аммо якбора аз ақида ба рафтор гузаштан на ҳамеша рух медиҳад. Баъзан одам дар ин ё он масъала, ақида ва баҳодиҳии дуруст дошта бошад ҳам, дар рафтор ва муносибат хато мекунад, яъне рафтор бо амалиёт мустаҳкам карда нашудааст. Яке аз қисматҳои таъсирбахши ҷаҳонбинии одам эътиқод ба шумор меравад.

Эътиқод ин хусусияти боварибахш ва фаъолияту рафтори шахсияти инкишофёфта, ки мавқеи ҳақиқатан ҳаёти устувор дорад, фаҳмида мешавад. Ҳар гуна мафкура ҳамчун асоси эътиқоди одам дар худ ифодаи дарки чуқури ҳақиқат ва дар зиндагӣ ба он пайравӣ намуданро дорад. Эътиқод натиҷаи раванди мураккаби зеҳнӣ ва таҷрибаи ҳаётии шахсият буда, он тавассути азхудкунии донишҳо, мотивҳои ботин ва рағбати рафторро ҳосил мекунад ва барои мустаҳкамшавии қувваи ирода хизмат менамояд. Эътиқод ин он чизе, ки одам чуқур фаҳмида ва пуртаъсир аз сар гузаронидааст ва вай тайёр аст дар ҳар гуна шароит ба он истодагарӣ намояд" [129, с. 135-136]. Маълум аст, ки эътиқоду боварӣ дар хонандагон худ аз худ пайдо нахоҳад шуд, балки онро дар хонандагон мактабу омӯзгорон ҳосил мекунонанд, ки асоси он дониш мебошад. Эътикод рафтору амал ва ҳаракатҳои шахсиятро идора мекунад. Бинобар ин, дониши илмиро дар хонандагон тавре бояд омӯзонд, ки ба дониши худ эътиқод дошта бошанд ва дар ҳолати зарурӣ нуктаи назари худро дошта ва ҳифз карда тавонанд, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки донишҳои сатҳӣ ба ташаккули асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ зарар хоҳад овард.

Аз нуқтаи назари зикргардида бар меояд, ки ҷаҳонбинии илмӣ таҳаммулпазирӣ ба поёни маънавии ҷомеа ва асоси ахлоқи инсон мебошад. Он имконият медиҳад, ки ҷаҳони воқеӣ бо тамоми гуногунӣ, бо ҳама мураккабӣ ва зиддиятҳояш шинохта шавад, ба дуруст фаҳмидани тамоюлҳои рушди таърихӣ кӯмак расонад ва ба фаъолияти инсон мақсаднок бошад.

Профессор Х.Р. Шомуродов чунин ақида дорад: "Дар ҷаҳонбинии илмӣ дониш дар бораи ҳодисаҳои табиат ва иҷтимоӣ аз нодонӣ ё аз дониши нисбӣ ба дониши мутлақ мегузарад. Тадқиқот ва мушоҳидаҳои тӯлонӣ нишон доданд, ки фаҳмиши ибтидоии ҷаҳон дар бораи кӯдакон хеле барвақт, ҳатто дар синни томактабӣ ташаккул меёбад, аммо ин фаҳмишҳо ҳанӯз хеле маҳдуд, ғайрисистема ва пароканда мебошанд. Албатта, нофаҳмиҳо ва тавзеҳоти ғайриилмӣ дар бораи ин ё он чиз дар муҳити кӯдакон аввалан аз нофаҳмиҳо ва муносибати нодурусти худи калонсолон дар оила бармеояд. Ин фикру мафҳумҳо асоси ҷаҳонбинии стихиявиро ташкил медиҳанд, зеро онҳо моҳияти ҳодисаҳо, сабабҳои ба амал омадани онҳо, қонуниятҳои инкишофи табиат ва ҷамъиятро дуруст дарк карда наметавонанд" [129, с. 133].

Профессор Х.Р. Шомуродов ҳамчунин қайд мекунад: "Дар зинаи ибтидоӣ омӯзиши мактаб ба хонандагон барпокунии системаи мукаммали ақидаҳо нисбати қонунияти инкишофи табиат ва ҷамъият вазифа гузошта намешавад. Аз ин рӯ, ҷаҳонфаҳмӣ барои хонандагони хурдсол ҳамчун минимуми тасаввурот, фаҳмиш, маълумот ва ғояҳои зайли ҷаҳонфаҳмӣ ташаккул дода мешавад:

- тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи дигаргунии ҳаёти табиӣ дар фаслҳои сол;
- фаҳмидани оддитарин алоқамандӣ ва вобастагии ҳодисаҳо дар инкишоф;
- тасаввурот роҷеъ ба моддӣ будани муҳити атроф ва дар инкишофи доимӣ будани он;
- фаҳмидани табиати мухолифатҳои таърихию иҷтимоӣ (дар байни бойҳо ва камбағалон, капиталистон ва коргарон);
- тасаввурот дар бораи ҳаёт, меҳнат дар сохти давлатдории демократӣ;

- фаҳмидани нақши ҳалкунанда бозидани оммаи халқ дар таърих” [129, с. 132-133].

Муҳаққиқи рус А.Ф. Бортник дар асоси равишҳои назариявии омӯзиши ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ муайян кардааст, ки дар онҳо чор ҷузъи асосӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад:

“1) ҷузъи маърифатӣ ба дониши умумиҷаҳонӣ асос ёфта, манзараи мушаххаси илмӣ ва универсалии ҷаҳонро пешниҳод менамояд, ки натиҷаҳои маърифати фардӣ ва иҷтимоиро ба низом медарорад ва ҷамъбаст мекунад;

2) ҷузъи арзишӣ-меъёрӣ арзишҳо, идеалҳо, эътиқод, эътиқод, меъёрҳо, амалҳои дастуриро дар бар мегирад, ки танзимгарони иҷтимоӣ мебошанд, ки шахс онҳоро дар фаъолияти худ роҳнамоӣ мекунад;

3) ҷузъи ахлоқӣ ва иродаӣ кафолат медиҳад, ки дониш, арзишҳо ва меъёрҳо тавассути амалиёт ва амалҳои амалӣ тавассути рушди эҳсосӣ ва иродавии онҳо, табдил ба ақидаҳо, эътиқодоти шахсӣ татбиқ карда мешаванд;

4) ҷузъи амалӣ инъикос менамояд, ки ҷаҳонбинӣ на танҳо дониш, арзишҳо, эътиқод, муносибатҳо, балки омодагии воқеии шахс ба навъи муайяни рафтор мебошад” [132, 54.]

Муҳаққиқони соҳаи педагогика М. Шарифхоҷаев, Ҷ.А. Шукурзода ва С. Шарифхоҷаева моҳияти ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмиро таҳлил намуда, ба чунин натиҷа расидаанд:

“а) истифодаи муҳити хуби илмӣ, шаклҳои гуногуни маърифати фаъолияти амалӣ ва ташкил намудани шароитҳои мусоиди педагогии фаъолияти якҷояи мактабу оила дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон;

б) ташкил ва гузаронидани шаклҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ ва амалидошта бо мақсади бедор намудани нерумандии дарки илмии олам тавассути инкишофи талаботи майлу рағбат ва омилҳои сафарбар намудани хонандагон ба дарки илмии табиат ва ҷамъият. Ҳамчунин, бо истифода аз тафаккуру хотира ғанӣ гардонидани донишҳои ҷанбаи ҷаҳонбинидошта дар фаъолияти амалии хонандагон;

в) ташаккули ҷаҳонбинӣ ба воситаи ақидаҳо, боварию эътиқод ва

мақсадҳои олӣ” [126, 56-57].

Ба назари муаллифон ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ масъалаи ниҳоят муҳим ва мураккаб буда, таносуби устувори маърифатӣ ва ташаккули тарафҳои субъективии инсон, ақида ва идеалҳоро тақозо менамояд.

Раванди ташаккули шуур бо ҷаҳонбинии инсон ҳамчун ҷузъи зарурӣ такмили фарҳанги экологӣ ва равшансозии нақши методологӣ ва ҷаҳонбинии онро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва системаи маориф дар бар мегирад. Марҳилаи аввал, марҳилаи ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ва эътиқоди кӯдакон дар мактаб буда, бо ташаккули унсурҳои асосии ахлоқӣ, маънавӣ, эстетикӣ, идеявӣ ва сиёсии ҷаҳонбинии илмӣ хос аст. Дар мактаби миёнаи умумӣ талабагон дар давоми тамоми маълумоти техникии худ донишхои асосии илмиро дар бораи табиат, чамъият ва инсон дар системахои мушаххас меомузанд. Онҳо дурнамои таърихӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ ва экологӣ, ақидаҳо ва мафҳумҳоро аз худ намуда, эътиқодҳоеро ба даст меоранд, ки барои ташаккули худшиносӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён асоси илмӣ хизмат мекунанд.

Эътиқодҳо, мисли дониш, инъикоси субъективии воқеияти объективӣ, натиҷаи азхудкунии таҷрибаи коллективӣ ва инфиродии одамон мебошанд. Мисли дониш, шуури шахси инфиродӣ танҳо дар иртибот бо шуури ҷамъиятӣ вуҷуд дорад. Одамони инфиродӣ дониши ҷамъкардаи ҷомеаро дар тӯли таърихи худ, дар раванди рушди амалияи иҷтимоӣ азхуд (мувофиқ) мекунанд. Ҳамин тариқ, таъсир ба шахс пеш аз ҳама дар раванди дар зеҳни ӯ мустаҳкам кардани донишҳои илмӣ дар бораи табиат ва ҷомеа сурат мегирад.

Муҳақиқи рус П.Я. Галперин чунин менависад: “Талаботи фаврии синни наврасӣ хоҳиши тасдиқи худ, ҷустуҷӯйи ҷойгоҳи худ дар ҷаҳон аст. Қонеъ гардонидани ин талабот доираи иҷтимоии наврасро васеъ мекунад, ӯро аз доираи таҷрибаи инфиродии худ дур мекунад, ба ташаккули идеалҳо ва муносибатҳо такон медиҳад. Дар баробари ин, ба наврасон ноустувории ҳукмҳо, дидгоҳҳо, баҳои номатлуб ва майли аз ҳад зиёди пайравӣ хос аст. Дар ин шароит, хонандагонро барои мустақилона ва оқилона арзёбӣ кардани падидаҳо ҳавасманд кардан муҳим аст” [34, с. 82].

Мо дар боло зикр кардем, ки ҷаҳонфаҳмӣ вобаста ба мазмуни аслӣ, илмӣ, ғайриилмӣ, идеалистӣ, динӣ ва гайраро дарбар мегиранд. Ҷаҳонбинии илмӣ аз ҷихати маъно ва возеҳият аз дигар ҷаҳонбини ба куллӣ фарқ мекунад, ки вай ба баҳсҳои илмӣ ва донишҳои дунявӣ такя мекунад, ки дар бораи табиат, ҷомеа ва тафаккур қарорҳои дуруст мебарорад. Аз ин лиҳоз, муассисаҳои ҷумҳуриявӣ ба риояи ин ҷаҳонбинӣ боварии комил доранд. Зеро ҷаҳонбинии илми ба шахсият имкон медихад, ки ҳодисаҳои ҳаётро дуруст дарк карда, ба онҳо аз нуктаи назари диалектикаи илмӣ холисона баҳо диҳад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми ҷаҳонфаҳмии мактаб фаҳмондан ва бовар кунондани фактҳои раднашаванда барои таълимдиҳандагони худ мебошад.

Дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии диалектикӣ таълими ҳамаи фанҳо, хусусан дар синфҳои ибтидоӣ фанҳои табиатшиносӣ, хониш, адабиёт, санъати миллӣ ва эҷодӣ ва дар синфхои миёна ва болоӣ фанҳои ҷамъиятию таърихӣ, бадеӣ ва фалсафӣ, инчунин машғулиятҳои беруназсинфӣ ва ғайра саҳми арзишманд мегузоранд. Барандаи асосии ҷаҳонбинӣ фард ва гурӯҳи иҷтимоӣ мебошад, ки воқеиятро дар асоси ҷаҳонбинӣ муайян ва дарк мекунад. Ҷаҳонбинӣ мақсад ва мазмуни бузурги амалӣ дошта, ба рафтор, мақсад, манфиат ва ҳаёти одамон таъсир мерасонад.

Ҷаҳонбинӣ мақсад ва мазмуни бузурги амалӣ дорад, ки ба рафтор, кирдор, мақсад, манфиат, меҳнат ва тарзи ҳаёти одамон таъсир мерасонад. Ҳамчунин, барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, чунин шароити дидактикӣ мавҷуданд:

“а) таъмини далелҳои амиқи илмӣ, эътимоднокии мантиқӣ ва мутобиқати ҳама хулосаҳои азхудшудаи хусусияти ҷаҳонбинӣ, яъне пешниҳоди мавод дар асоси далелҳои равшан ва боварибахш ва таҳлили амиқи онҳо; таъмини тафсири илмии ҳама падидаҳо, равандҳо ва робитаҳои сабабу натиҷаи омӯхташуда; ташвиқи хонандагон барои равшан кардани ҳама саволҳое, ки дар онҳо дар давоми омӯзиш пайдо мешаванд, ташаккул додани муносибати эҳсосотии хонандагон ба далелҳои омӯхташаванда; алоқаи наздики омӯзиш бо ҳаёт. Ҷалби хонандагон ба корҳои амалӣ, ба онҳо имкон

медиҳад, ки маводи омӯхташавандаро дарк кунанд;

б) омӯзонидани тамоюли иҷтимоӣ ба таълим (ифшои асосҳои иҷтимоию маънавии ҷомеа, дарки тамоюлҳои рушди демократии ҷомеа);

в) пойбандӣ ба принсипи таърихнигорӣ ҳангоми омӯзиши маводи барномавӣ (ифшои генезис ва роҳҳои мураккаби ташаккули ҳақиқат дар илм, огоҳӣ аз қонунҳои эволютсияи падидаҳои табиӣ ва тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ);

г) инкишофи фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти хонандагон дар раванди дарс ва корҳои беруназсинфӣ;

д) бо назардошти хусусиятҳои синну сол ва фардияти хонандагон дар ҷараёни таълим (хонандагони хурдсол, бинобар надоштани таҷрибаи зиндагӣ, наметавонанд ҷаҳонбинии ташаккулёфта дошта бошанд);

е) таъсири шахсияти омӯзгор (салоҳияти омӯзгор, нишон додани мавқеи ҷаҳонбинии шахсии ӯ, ки дар асоси дуруст фаҳмидани қонунҳои рушди табиат ва ҷомеа барои хонандагон намуна мебошанд)” [152].

Педагог Шомуродов Х.Р. чунин назар дорад: “Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсол роҷеъ ба тасаввуроти табиат ва ҳаёти иҷтимоӣ, тарбияи ҳисси дӯстдории табиат, ғамхорию эҳтиёт кардан ва афзун гардонидани зебоии он, мусаллаҳ намудани хонандагон бо методҳои дастраси дарки олам вазифаи муҳими мактаб мебошад. Дар синфҳои ибтидоӣ бештар тавассути «Алифбо», дарсҳои хониш, шиносоӣ бо муҳити зист, табиатшиносӣ ва санъати тасвирӣ ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагон вусъат дода мешавад. Ҳамчунин, дар “мактубҳои эзоҳӣ”-и барномаҳои забони модарӣ ва фанни “табиатшиносӣ”-и синфҳои ибтидоӣ нисбати ин масъала ба маврид зикр шудааст, ки зимни мушоҳидаи муҳит ва таҷирибаҳои ҳаёт ҷаҳонфаҳмии хонандагон дуруст ташаккул дода мешавад” [129, с. 133].

Бояд гуфт, ки ташаккули ҷаҳонфаҳмии наврасон ҳамчунин тавассути системаи корҳои маърифатӣ ва таълимии беруназсинфӣ: кори маҳфилӣ, саёҳат (экскурсия)-ҳо, чорабиниҳои илмӣ ва ғайра оқилона таъмин карда мешавад. Яъне, дар муассисаҳои таълимӣ ҷаҳонфаҳмии  хонандагони синфҳои ибтидоӣ

дар асоси омӯзиш ва чорабиниҳои тарбиявӣ комил ва васеъ мегардад. Дар мактаб ғайр аз дарс ташкили таълим низ ба ин восита истифода бурда мешавад. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки "асосан ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои муҳити атроф гузошта мешавад, ки хонандаи хурдсол ба саволҳо дар бораи қонунҳое, ки дар олами атроф мавҷуд аст, ҷавоб мегирад" [155] ва хонандагонро ташвиқ кардан лозим аст, ки ҳама саволҳои дар онҳо ба миён омада, ҷустуҷӯйи онҳо ва зарурати дарки ҳама падидаҳои дар табиат ва ҷомеа рухдода инкишоф ёбанд. Албатта, дар саёҳати таълимӣ хонандагон ба он ҷойҳое сафар мекунанд, ки ба барномаи таълимӣ алоқаманд аст. Мисол, саёҳат ба табиати гирду атроф, ҷойҳои таърихиву ёдгориҳо, музей ва ғайра, ки хонандагон ҳангоми мушоҳида донишҳои амалӣ ва иловагӣ мегиранд. Саёҳат дар синфҳои ибтидоӣ муҳим буда, самаранокии ташкили корҳои таълимӣ ба шумор меравад.

Ба андешаи педагогҳо Х. Раҳимов ва А. Нуров саёҳат барои синфҳои ибтидоӣ чунин вазифаҳои муҳими дидактикиро иҷро мекунад:

- "ба воситаи саёҳат принсипи намоиш ва аёнияти таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар рафти он талабагон бевосита бо ашё ва ҳодисаҳои вобаста ба таълим, маҳали зист ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ дар ҳолати табиияшон шинос мешаванд;
- саёҳат имконият медиҳад, ки алоқаи назария ва амалия бо ҳаёт ба амал бароварда шавад;
- саёҳат ба таълими политехникӣ мусоидат мекунад, чунки хонандагон дар рафти он шинос мешаванд, ки чӣ тавр донишҳои илмӣ дар саноат ба хоҷагии қишлоқ бурда мешаванд;
- саёҳат дар интихоби минбаъдаи касби хонандагон нақши муҳим мебозад;
- саёҳат барои ҷамъ намудан ва тайёр кардани воситаҳои аёнӣ ҳам мадад мерасонад" [98, с. 274].

Ҷаҳонфаҳмӣ натиҷаи ташкили ҳамаҷонибаи раванди таълим: дониши зеҳнӣ ва эмотсионалии ҷаҳон дар синф ва рушди амалии он дар корҳои

беруназсинфӣ мебошад. Шуури хонанда ҳамчун мутахассиси оянда, ҳамчун системаи назар ва эътиқод, пеш аз ҳама дар натиҷаи азхуд кардани илм ташаккул меёбад.

Зикри чунин нукта ба маврид аст, ки дар рушди манфиатҳои маърифатӣ ва ҷаҳонфаҳмии мактаббачагон аҳамияти калон ба омӯзгор, қобилияти ӯ ба таври экспрессионӣ, эмотсионалӣ ва образнок ифода кардани зебоии олами атроф ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳам дар асарҳои эҷодиёти шифоҳӣ ва ҳам дар воқеият тааллуқ дорад. Манфиатҳои маърифатӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагон тавассути гузаронидани дарсҳои ғайримуқаррарӣ мусоидат мекунанд. Ин дарсҳо аз қабили саёҳатҳо, бозиҳои маърифатӣ, хонишу нақли афсонаҳо ва дарсҳои ҳамгиро ва ғайра мебошанд. Масалан, ҳадафи дарсҳо - сафар дар мавзӯи "Об ва хусусиятҳои он" ин рушди манфиатҳои маърифатии ҳиссиёт, кашфи хусусиятҳои об ба таври эмпирикӣ мебошад.

Мавзуи "Об", ки дар идомаи дарси сайёҳӣ баргузор мегардад, омӯзгори ботаҷриба мавзуи мавриди назарро ба воситаи афсона ба хонандагон ошно мекунад ва аксари муаммоҳоро дар бораи чигунагии об дар табиат тахмин карда, мефаҳмонад.

Инчунин, як қатор зарбулмасалҳову чистонҳо дар бораи об ба диққати хонандагон пешниҳод карда мешаванд. Масалан: "Об сангро намебарад", "Об аз зери санги хобида намегузарад" ва ғайра. Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки маънои онҳоро шарҳ диҳанд. Ҳамчун асари фолклорӣ, ки бо як лаҳзаи вақт алоқаманд аст, ҷумлаи "Об, об, рӯямро бишӯ..." истифода шудааст. Инчунин, агар дарс дар синфхона гузарад, хуб мебуд дар замони муосир бо маводи бойи аудиоӣ ва воситаҳои таълимӣ муҷаҳҳаз шавад. Дарсҳои ба ин тариқ гузаронидашуда барои хонандагон ҷолиб буда, дер боз дар хотир хоҳанд дошт ва ба афзоиши шавқ нисбати фан мусоидат хоҳад кард.

Зикр кардан ба маврид аст, ки муҳити синфхона бо сабаби фарқияти бунёдии худ аз муҳити беруна ба нигоҳубин ва таваҷҷуҳи бештар ниёз дорад. Дар синф омилҳои асосии таълиму тарбия инҳоянд: ҳолати ҷисмонӣ, равонӣ, илмӣ ва шахсии омӯзгор, мазмуни захираҳои таълимӣ, қоидаву қоидаҳои

таълим, фазои таълимӣ ва воситаҳои таълимӣ.

Дар байни ин омилҳо воситаҳои таълимӣ аз ҷиҳати пайвастан ва ҳамоҳангсозии назария ва амалия мавқеи хоса доранд. Истифодаи васоити таълим аз тарафи омӯзгор дар рафти таълим маводи баррасишавандаро дар сохти маърифатии хонандагон водор месозад ва хонанда ба дониши пурмазмун ноил мегардад. Мутаассифона, дар муассисаҳои таълимӣ дар зери ҳар сарлавҳа истифода бурдани воситаҳои таълимӣ мунтазам фаромӯш карда мешавад ва онҳо аксар вақт истифода набурдани воситаҳои таълимиро бо нарасидани вақт ва набудани асбобу анҷом асоснок мекунанд.

Ниҳоятан метавон гуфт, ки ҷаҳонфаҳмӣ, ки ҷузъи тарбия аст, дар синфҳои ибтидоӣ дуруст ва бошуурона тарбия карда мешавад. Чизи дигар ин аст, ки ислоҳ ва пешгирии нуқсу нофаҳмиҳо дар кӯдакӣ нисбат ба калонсолон муассиртар аст. Ба камол расонидани ворисони кишвари маҳбубамон, махсусан, хирадманду оқил тақозои замон ва рӯҳияи ҷомеаи дунявӣ ва демократӣ мебошад.

Муҳаққиқ С.В. Тарасов чунин ишора мекунад: “Яке аз принсипҳои асосии ташкили раванди таълим барои ташаккули оптималии ҷаҳонбинии хонанда “муколамавӣ будани таълиму тарбия” асосист, бар замми он “муколама на танҳо воситаи таълим, балки мазмуни он мебошад, ки бо аз худ кардани шаклҳои муколамавии шинохти олам аз тарафи хонандагон мусоидат мекунад” Муколама на танҳо имконияти мавҷудиятро инъикос мекунад, вай дар иртибот бо зарурияти дарк ва татбиқи онҳо ба вуҷуд омада, мукаммал мешавад” [140 с. 47]. Ин методи сермаҳсул ва маъмули тарбия дар синфҳои ибтидоӣ бештар мавриди истифода қарор мегирад.

Муносибати муколамавии омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим ҳамчун шарти ташаккули ҷаҳонбинии хонандаи хурдсол баррасӣ мешавад. Таъкид шудани ин шарт дар заминаи мафҳуми фалсафии муколама чун асоси ҷустуҷӯйи ҳақиқат дар миёни мардум асоснок гардидааст. Тадбиқи муносибати мутақобилаи муколамавӣ дар раванди таълим ба бартараф кардани ҳамагуна зуҳуроти бегонапарастӣ, канораҷӯйии эгоистии хонандагон

нисбат ба олам ва донишҳо дар бораи он мусоидат мекунад. Муколама ба хонандаи хурдсол имкон медиҳад, ки иштироки шахсии худро ба ҳамаи он чизе, ки дар раванди таълим, дар муҳити воқеӣ рух медиҳад, дарк намояд.

Муколама ҳамчун усули шинохт ва воситаи таълим дар он сурат ба вуҷуд меояд, агар "шахси дигар ба сифати объект дода мешавад ва нисбати худ муносибатро ҳамчун субъект бедор намуда, дар навбати худ барои ӯ объект чун субъект эътироф мегардад" [103, с. 284].

Таваҷҷуҳ ба муколама (диалог) дар илми психологӣ-педагогии муосир бо дарки мазмун ва дониши инсон дар бораи худ ва олами атроф алоқаманд мебошад.

Ба ақидаи Г.Я. Бун "Олами инсонӣ муколамавист. Худи раванди ташаккули инсон, моҳияти он аз муколама иборат аст. Касе, ки муколамаро меомӯзад инсонро меомӯзад" [27, с. 16].

Муколама ҳамон вакт натиҷаи дилхоҳ медиҳанд, ки мавзӯъ ва маводҳои онҳо аз ҳаёт ва муҳити худи кӯдакон гирифта шаванд, ҳамчунин ба синну сол ва савияи фаҳмиши онҳо мувофиқат кунанд. Чунки агар муайянкунандаи асосии мавзӯи сӯҳбат худи кӯдакон бошанд, ба он хеле таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, фаъолона иштирок мекунанд.

Зикри ин нукта ба маврид аст, ки дар адабиёти шифоҳии бачагона низ дар шакли муколамаи суруд эҷод гардидаанд. Масалан, дар сурудҳои ғайримаросимӣ, навозишӣ, инчунин мурочиатӣ дар шакли муколама эҷод гардидаанд. Сурудҳои муколавии бачагона ду хусусияти мусбат доранд: аввало, ба воситаи он музмун пурра, аниқ ва шавқовар кунонида мешавад, дуюм, ин ки барои ба осонӣ дар ёд нигоҳ доштани матн ин усул хеле мувофиқ аст.

- Зоғи ало,
- Куҷо мерай?
- Лав-лави ҷар.
- Чӣ мечинӣ?
- Саргини хар.

- Чо мекунӣ?
- Ҳалвои тар
- Ба кӣ мехарӣ?
- Ба Мир Батар.
- Мондагиша-чӣ ?
- Андактар.
- Кай мемурӣ?
- Соли дигар [123, с. 105].

Омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим моро дар натиҷаи тадқиқотҳо ба хулосае овард, ки шартҳои асосии он пеш аз ҳама дар зери таъсири бевоситаи муҳити педагогӣ ва фазои таълим, ҳамчунин тахти таъсири ҷаҳонбинии оила ва муоширату муносибати онҳо, муҳити иҷтимоии атрофиён, ҷомеа ва муҳити таълими синфхонаву омӯзгорон мебошад. Дар зинаи аввали мактабӣ раванди таълим тадриҷан ба системаи муайян даромада, захираи дониш, малака ва фаҳму дарки ҷаҳонбинӣ бо таъсири бевоситаи муҳити хонаводагӣ ташаккул ва рушд меёбад.

## 1.3. Моделҳои муосири ташаккули ҷаҳонфаҳмии кӯдакон дар раванди таълим

Омода намудан ва дорои тафаккури эҷодӣ, рушди ҷаҳонфаҳмӣ ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ будани насли наврас, вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи маориф маҳсуб ёфта, зарурати тақвияти моделҳои таълимӣ дар низоми таҳсилот ба миён омадааст. Дар замони истиқлолияти давлатӣ, дар баробари дигар илмҳо, илми педагогика низ рушд намуда, мақсад ва ҳадафи он ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии ҳамаҷониба дар равани таълим мебошад. Бинобар ин, омӯзгоронро зарур аст, ки пеш аз ҳама ба системаи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд, зеро вазифаи асосии онҳо интихоби муътадили моделҳои таълимиест, ки таълиму тарбия ва рушди хонандагонро таъмин намоянд.

Истилоҳи модел аз калимаи франсузии “Modulus” чен, намуна, меъёр гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ маънои нусха, тасвир ва нақшаро дорад, ки дар мавриди таҳқиқоти илмӣ омӯзиши навъҳо, намуна ва ғайра истифода бурда мешавад [114, с. 809].

Таҳти моделҳои тарбия дар педагогика навъҳои ба хонандагон ташаккул додани тарбияи ақлӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва ғайра, ки дар раванди тадрис ва умури тарбия ба вуқӯъ мепайвандад, фаҳмида мешавад.

Муҳаққиқи рус В.Д. Могилевский хусусиятҳои зерини моделро барои таҳқиқ муҳим медонад:

“1) модел дар бораи ашё маълумоти нав дода, ба шумо имкон медиҳад, ки он муносибатҳоеро, ки барои идрок бо роҳҳои дигар дастнорасанд, муайян намуда, биомӯзед;

2) модел хусусияти умумиҷаҳонии объекти тадқиқот ва стандарти татбиқи мақсадро ифода мекунад;

3) дараҷаи монандии модел бо объекти аслӣ танҳо бо ҳадафҳои таҳқиқот алоқаманд аст;

4) барои омӯзиши ҳамаҷонибаи ашёи воқеӣ, моделҳо бисёр лозиманд” [80, с. 211].

Асосноксозии модели мантиқӣ-семантикии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба хусусиятҳои муҳимми падидаи омӯхташуда асос ёфтааст. Модели мантиқӣ-семантикии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони хӯрдсол дар раванди таълим ҳамкории тарафҳои дидактикӣ ва динамика, яъне натиҷаи ҳамкорӣ ва бархурди қувваҳои гуногуни психикии раванди ташаккули хонандагони хурдсолро инъикос мекунад, ки натиҷаи он ҷаҳонбинии ҳамаҷониба мебошад.

Муаллифони “Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ” моделдарорӣ дар таълимро ҳамчун масъалаи психологӣ ба ду ҷанба: 1) ҳамчун мазмуне, ки хонандагон онро бояд дар рафти таҳсил аз худ кунанд ва ҳамчун воситаи маърифат онро донанд; 2) ҳамчун яке аз амалҳои асосии таълимӣ, ки қисми таркибии фаъолияти таълимӣ аст, шарҳ додаанд [63,

с. 26].

Ба назари муҳаққиқон, ҷанбаи якум зарурати ворид намудани мафҳумҳои модел ва бамоделдарориро ба мазмуни маълумот талаб мекунад. Ин имконият медиҳад, ки тавассути моделҳо дар хонандагон типи тафаккури илмӣ-назариявиро ташаккул диҳем. Бинобар ин, ба хонандагон моҳияти модел ва бамоделдарориро бояд фаҳмонд, то ки онҳо онро ҳамчун методи маърифаткунӣ қабул намоянд. Моҳияти ҷанбаи дуюмро дар хонандагон ташаккул додани маҳорати истифода бурдани модул дар сохтан ва қайд кардани нақшаҳои умумии амалҳо ва оператсияҳо ташкил медиҳад, ки онҳоро ҳангоми омезиши мафҳумҳои мураккаби абстрактӣ бояд иҷро намоянд.

Абстарктонидан чунин фаъолияти фикриест, ки бидуни он маҳорати тасаввуроту мафҳуммониданро аз бар кардан мумкин нест. Ҳама гуна фаъолияти фикриву таҳлилӣ дар худ ин ё он намуди абстрактониданро таҷассум мекунад [62, с. 67]. Абстрактонидан дар раванди таълим, дар амалиёти фикран ҷудо намудани аломату хусусиятҳои объекти омӯхташаванда ва муайян намудани аломатҳое зуҳур меёбад, ки ногузирии он аз мақсади таълим бар меояд.

Таълим ё худ омӯзонидани маҳорати абстрактонидан, чун омӯзонидани маҳорати муқоиса дар раванди таълим руҷӯъ мегирад ва ба даст овардани муваффаққият дар ин кор ба як қатор омил ва ба инобат гирифтани як қатор вазъу шароитҳо вобастагӣ дорад [62, с.67].

Ба хонандагон омӯзонидани қобилияти абстрактонидан ва ташаккул додани маҳорати муайян карда тавонистани аломату хусусияти умумӣ ва дар айни замон такрорёбандаеро тақозо мекунад, ки онҳо дар ҳақиқат муҳим буда, дар як қатор ашёҳо мушоҳида мешаванд. Шаклҳои таълим ҳамчун намуди дарсҳо бо назардошти шумораи хонандагон ва вақти ҷудошуда, хусусияти биноҳо ва таҷҳизот ташкил карда мешаванд. Бинобар ин, дар раванди таълим ба назари мо, ба роҳ мондани мушоҳидаи як микдор объектҳои муҳим зарур аст, зеро он имкон медиҳад, ки хонандагон тариқи муқоиса дар бораи аломатҳои муҳим маълумоти равшану аён ба даст оваранд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки инкишофи инсон дар асоси фаъолият ташаккул меёбад. Ташаккулёбӣ бошад, ба хислати хоси шахс алоқаманд аст. Ташаккул чунин муносибатҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҷаҳонбинӣ ва самтгирии ҷамъиятии шахсият зимни фаъолият дарк карда мешавад.

Ҳадафи раванди таҳқиқшаванда моделҳои муосири ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии кӯдакон дар раванди таълим мебошад.

Таъриф ва тафсири ҷаҳонбинӣ, ки дар дар мавзӯи "Моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия"-и таҳқиқоти мо пешниҳод шудааст, моҳияти ҷаҳонфаҳмии як хонандаи хурдсолро тавассути категорияҳои "субъективӣ", "ҳамкорӣ" ва "эҷодкорӣ" ошкор мекунад. Субъект инсони иҷрокунанда ва амалкунандае мебошад, ки тафаккур ва ирода дорад ва ба олами атроф чун объекти тафаккур муқобилат менамояд [89, с. 714], яъне манбаъест, ки на танҳо фаъолияти бошууронаи мақсадноки ӯро ифода менамояд, балки таъсирҳои берунаро қабул ва таҳлил мекунад.

Ҳамкорӣ фаъолияти якҷоя ва дастгирии кори якдигар мебошад. Ҳамкорӣ дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин маънидод гардидааст: "Ҳамкории хонандагон асосан байни худ дар ҷуфтҳо, дар гурӯҳҳои хурд ва гурӯҳҳои калон ба амал меояд. Бартарии кор дар ҷуфтҳо ва гурӯҳҳои хурд ҳамин аст, ки хонандагон фикру андешаҳояшонро баён мекунанд, аз якдигар меомӯзанд ва проблемаҳоро дар рафти муҳокимаву мубоҳиса хуб мефаҳманд. Ҳамин тавр, ғояи асосии таълим дар ҳамкорӣ якҷоя омӯхтан аст на ба таври оддӣ кореро якҷоя ба анҷом расонидан" [114, с. 488].

Эҷодкорӣ дар фарҳанг ба маънои эҷод кардан, бо бунёд ва офаридани чизе машғул шудан, бунёдкорӣ омадааст [114, с. 674].

Қобили зикр аст, дар раванди таълим, инкишофи фаҳмиши ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи се принсип: яклухтӣ; интегративӣ ва баробарии арзишӣ – маъноӣ амалӣ карда мешавад.

Муҳаққиқи рус Т.А. Затямина дар таҳқиқоти худ принсипи яклухтӣ ва интегративиро ҳамчун шарти ҳатмии мақсад, мазмун ва воситаҳои педагоги раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол маънидод кардааст.

Комил будан, аз нуқтаи назари дидактика, рафти азхуд кардани донишҳо ва тасаввуротро дар бораи олам таъмин менамояд: аз дарки рӯякии умумии ба ҷузъҳо ҷудо нашуда ба омӯзиши воқеии ҷузъ ба ҷузъ ва ниҳоят ба андеша ва таҳлили маводи таълим (ҷаҳонбинии мукаммал) меорад. Яклухтӣ дар тафаккури хонандаи хурдсол эҳсос ва ақл, заковат ва ҳиссиётро муттаҳид намуда, он дар майлҳои мушаххаси вай, ки хусусият ва василаҳои ҳамбастагиро бо ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим муайян мекунанд, ифода мегардад [133, с. 12-13].

Бо ташкили фаъолияти таълим принсипи интегративнокӣ дар асоси ду шакли субъективии дониш асос меёбад ва ин принсип интихоби мазмунеро ба инобат мегирад, ки дар он санъат ва илм бо ҳам алоқамандӣ надоранд ва ё аз ҳамдигар мустақил нестанд, балки дар асоси он якдигарро пурра мекунанд.

Истифодаи принсипи интегративнокӣ дар раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол дар корҳои илмии Т.П. Михайлова ҳам баррасӣ гардидааст, ки дар онҳо дарки воқеият аз ҷониби хонандаи хурдсол дар асоси ҳамбастагии илмӣ ва эстетикӣ сурат гирифта, бо ташаккули (бадеӣ, шоирӣ, адабӣ, мусиқӣ) образи олам дар тафаккури хонанда мусоидат мекунад [137, с. 3].

Принсипи баробарии арзишӣ – маъноӣ муҳайё кардани имкониятро барои муносибатҳои ҳамоҳанг алоқаҳои комуникативии байни иштирокчиёни раванди таълим равона гардида, барои созмон додани муносибатҳои баробарҳуқуқи ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мусоидат мекунад. Боварӣ ба имконият мусбати шахсияти хонандаи хурдсол, қобилияти эҷодии ӯ барои фаъол гардидани захираҳои ботинии ҳар як хонанда таъсир мерасонад. Баробарии арзишӣ – маъноӣ барои озодии эмотсионалӣ ва боварии инсон ба инсон, ки барои рушди эҷодии шахсият такон медиҳад, имкон муҳайё мекунад.

Қобили зикр аст, ки бо афзудани хусусиятҳои фардии инсон моҳияти фаъолияти педагогии муосир низ тағйир меёбад. Дар асоси гуфтаҳои боло чунин мешуморем, ки раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол бо

мурури замон тағйироти равобити мутақобилаи шахсият ва муҳити зистро ифода мекунад, ки бо афзоиши субъективии хонандагон алоқаманд аст.

Мақсади раванди мавриди таҳқиқ ташкили заминаҳо барои рушди субъективияти хонандаи хурдсол дар ҳамбастагӣ бо табиат ва муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ дар раванди таълим мебошад. Хусусияти дарки гуманитарии раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол ва тарҳрезии он аз нигоҳи муҳаққиқон Н.К. Сергеев ва Н.М. Боритко чунин аст:

“ - тарбия ба моҳияти инсон нигаронида шудааст ва танҳо дар моҳияти тағйирёбии сифатии шахс ифода меёбад;

- раванди таълим – ин раванди афзудани субъективияти шахс – худмуайянкунӣ ва худсобиткунӣ дар муҳити иҷтимоиву фарҳингӣ;

- механизми тарбия ба таҳаввули арзишӣ – мундариҷавии субъектҳои раванди таълим (педагог ва тарбиятгиранда) дар фазои ягонаи маъноии ҳамбастагӣ баробар мешавад;

- вазъияти тарбия хусусияти муколамавӣ дорад, чунин таъсири беруна шарти ташаккули олами дохилии ҳар як субъект мебошад” [108, с. 8].

Тамоми усулҳои гуногуни ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим дар асарҳои Г.Э. Залесский, Т.А. Затямина, Э.И. Моносзон, Р.М. Рогова, В.А. Сухомлинский, С.В. Тарасов ва И.И. Илясов пешниҳод шудаанд. Масалан, ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълимро дар асоси ақидаҳои муҳаққиқ И.И. Илясов мо ба зер тақсим мекунем:

“ - рефлексӣ, водор кардани фикр дар бораи худ, фаъолияти худ ва дарки таҷрибаи мавҷудаи зиндагӣ;

- интерактивӣ, ки ба ҳамкории гуногуни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим нигаронида шудааст;

- проективӣ, ки ба тарроҳӣ, моделсозии эҷодии фаъолияти худ равона карда шудааст” [47, с. 71].

Ҳамчунин, дар муассисаҳои ибтидоӣ ташкили раванди таълим ва шаклҳои асосии он - шакли гурӯҳии таълим ба ташаккули ҷаҳонфаҳмии

хонандагони хурдсол дар асоси интегратсионӣ ва моделсозии ҳолатҳои ҷаҳонбинӣ равона шудаанд.

Инчунин, шаклҳои асосии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои ибтидоӣ, ки ба ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсол нигаронида шудаанд, шакли коллективии таълим, дарсҳо дар асоси ҳамгироӣ ва моделсозии ҳолатҳои ҷаҳонбинӣ мебошанд.

Шаклҳои гурӯҳии таълим дар раванди таълим аҳамияти хосса дошта, дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон мавқеи асосӣ доранд. Имрӯз, мафҳуми таълими интерактивӣ дар педагогика ҷорӣ карда шудааст.

Коротаева Е.В менависад: “Таълими интерактивӣ омӯзиши ғарқи муошират аст. Дар айни замон, “ғарқшуда” маънои “иваз кардан”-и муоширатро надорад. Таълими интерактивӣ ҳадафи ниҳоӣ ва мундариҷаи асосии раванди таълимро нигоҳ медорад, аммо шаклҳоро аз тарҷума ба интерактивӣ, яъне дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкориҳо тағйир медиҳад” [53, с. 79]. Педагогҳои тоҷик ҳам таъкид медоранд, ки “ҷаҳонбинӣ хусусияти интегративӣ дошта, тамоми ҷанбаҳои таҷрибаи инсонро ҷамъбаст мекунад. Дар навбати аввал, маҷмуи донишҳоест, ки дар натиҷаи фаъолияти касбию амалӣ ҳосил шудаанд” [162, 39].

Шакли гурӯҳии таълим ҳамзамон ба назари мо се вазифаи асосиро ҳал мекунад:

1) хусусӣ - маърифатӣ, ки бевосита ба вазъи таълимӣ алоқаманд аст;

2) коммуникативӣ - рушдёбанда, ки дар раванди он малакаҳои оддии муошират дар дохили ин гурӯҳ ва берун аз он ташаккул меёбанд;

3) иҷтимоӣ- тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ки барои муносибгардонии муносиби шахс дар ҷомеа заруранд.

Ҳамин тариқ, таълими интерактивӣ, ки тавассути шаклҳои гурӯҳии ташкили фаъолияти хонандагон амалӣ мешавад, ба ташаккули субъективии хонандагони хурдсол дар ҳамкорӣ бо муҳити атроф дар раванди таълим ҷиҳати ташаккули ҷаҳонфаҳмии онҳо мусоидат мекунад.

Машғулиятҳо дар заминаи интегратсионӣ ба татбиқи принсипи

интегратсионии раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд. Дар ин ҷо олимон синфҳоро дар дарсҳои интегралӣ, дарсҳои бинарӣ (яъне дар шакли амалӣ гузаронидани ду предмет ва шарҳи алоқамандии онҳо ба якдигар), дарсҳо бо истифодаи пайвастҳои байнисоҳавӣ фарқ мекунонанд. Қариб ҳар як омӯзиши раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ нақши муҳимми таҳқиқоти интегралиро таъкид мекунад. Ҳамин тариқ, Э.И. Моносзон қайд мекунад: "Ба татбиқи бомуваффақияти ин вазифа (яъне дар доираи ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, - Н.З.) тавассути пурзӯр намудани нақши дониши умумӣ дар барномаҳои нав аз синфҳои ибтидоӣ ҷорӣ намудани дарсҳои бинарӣ мусоидат мекунад" [81, с. 83].

Олимон дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ исбот намудаанд, ки дар давраи таълим дар мактаб ҷаҳонфаҳмии хонандагон се марҳаларо мегузарад:

" - ҷаҳонфаҳмии рӯякӣ (синфҳои 1-4);

- ҷаҳонфаҳмии воқеӣ (синфҳои 5-8);

- ҷаҳонфаҳмии мукаммал (синфҳои 9-11).

Таснифи се марҳалаи ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол ба он асос меёбад, ки ҳар яки он аз ҳамдигар бо мушаххасии сифатӣ, нотакрорӣ, будани тағйироти нав фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин ҳар як марҳала – "ин доимо "чизи нав", аз пешбарӣ дида фарққунанда, воҳиди дигар мушаххасии сифатии ҷудогона" мебошад" [26, с. 177].

Яке аз усулҳои тадқиқоти педагогӣ, ки ба мо имкон медиҳад муносибати байни ҷузъҳои ҷаҳонфаҳмӣ ва механизмҳои ташаккули онро аз нуқтаи назари бархӯрдҳои гуногуни илмӣ баррасӣ кунем, модел мебошад. Бо дарназардошти дарки ҷаҳон ҳамчун ҳолати шахсият, ки омодагиро ба фаъолияти ҷаҳонбинӣ муайян мекунад, мо ба дарки зарурати чунин шакли омӯзиш, ба монанди моделсозии ҳолатҳои ҷаҳонфаҳмӣ мерасем. "Ин шакл имкон медиҳад, ки на танҳо баъзе донишҳо, ғояҳо, меъёрҳои иҷтимоиро татбиқ кунанд, балки роҳҳои истифодаи онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ муқоиса намояд. Ин шакл ба "усули ташаккули нақшаи-ченакии усули тамоюли ҷаҳонбинӣ" асос ёфтааст ва онро муҳаққиқ Г.Е. Залесский таҳия кардааст, ки ташаккули

тамоили ҷаҳонбинӣ (ҳамчун намуди фаъолияти ҷаҳонбинӣ) тавассути систематикӣ ва моделсозии системавии ҳолатҳои ҷаҳонбинӣ бо шароити тағирёбанда имкон дорад" [41, с. 13-14].

Тавре ки дар боло қайд гардид, объекти ба таври сунъӣ сохташуда, масалан, диаграмма, сохторҳои ҷисмонӣ, аломатҳо ё формулаҳоро модел меноманд, ки хосият ва муносибатҳои байни унсурҳои ин объектро таҷдид мекунанд ва объект ё ба ибораи дигар падидаи омӯхташаванда шабеҳи сохторро намоиш медиҳанд. Барои асоснок кардани раванди таҳқиқ бо хусусиятҳои муайяншудаи раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол модели мазкур имкон медиҳад:

**Ҷадвали 1.1. - Компонентҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбии ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол**

| ҚИСМАТҲО | МЕЪЁРҲО | НИШОНДИҲАНДАҲО |
|---|---|---|
| Ҳавасмандкунӣ | Маҳорати дарк намудани худтакмилдиҳӣ ва хештангарой | ✓ Мавҷудияти ангезаҳо барои худомӯзӣ<br>✓ Мавҷудияти ангезаҳои худидоракунӣ дар фаъолият |
| Мундариҷа | Донишҳои илмӣ | ✓ Саҳеҳии донишҳо дар бораи табиат, ҷомеа ва шахс<br>✓ Бошуурона истифода намудани дониш дар ҳолати ногувор ва истифодабарии он |
| | Категорияҳо | ✓ Сохтори муайян намудан ва амалӣ гардонидани шуур дар категорияҳои забон |
| | Самтҳои арзишӣ | ✓ Мавҷудияти муносибати мафҳуми фардӣ ва эмотсионалӣ-арзиҳӣ дар афкор |
| Иҷтимоишавӣ | Манфиати иҷтимоӣ | ✓ Самти манфиати иҷтимоӣ<br>✓ Хусусиятҳои рафтор: эҳтиром, ҳамкорӣ ва табдилдиҳӣ |

Моделро барои ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ таҳия намудем, ки дар асоси он дониш ва фаҳмиши хусусиятҳо робитаи мутақобилаи ҷузъҳо, ки ба сохтори ҷаҳонбинии шахсият ва натиҷаҳои ташаккули он дохил карда шудааст, нишон медиҳад, ки тавассути он метавонем самарабахширо дар фаъолияти педагогӣ

арзёбӣ намоем. Модел ба хонанда имкон медиҳад, ки дар раванди таълим қобилиятҳои маърифатӣ, ҳавасмандӣ ва ғайраро ба қадри имкон ба назар гирад, зеро арзёбии натиҷаи ташаккули ҷаҳонбинии шахс дастгирии донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ оид ба таҷрибаи зиндагии ӯ мебошад.

Марҳилаи ҷаҳонбинии сатҳӣ бо ифодаи тавсифи индивидуалӣ – субъективӣ барои амалӣ кардани фаъолияти идрок ва ҷаҳонбинӣ майян мешавад. Хонандаи хурдсол бо манфиати лаҳзавӣ ба дарки воқеият фарқ мекунад, чунки ҳоло манфиати мустаҳками маърифатӣ ташаккул наёфтааст.

Шинохти олам бо синкретикӣ будан, омехтагӣ ва ноустувории образҳои қабул мешуда фарқ мекунанд. Хонандаи хурдсол чизи асосиро дида наметавонад, дар объектҳои олами атроф чизи асосиро ҷудо намекунад, зеро маданияти мушоҳида ӯ заиф аст, ё надорад.  Ҳамин тариқ, донишҳои сенсорӣ аксар ба объекти қабулмешуда мувофиқ нестанд ва одатан, кӯдак ба хусусиятҳои барои ӯ нав ва ҷолиби ашёҳо ва ҳодисаҳо таваҷҷуҳ мекунад ва моҳияти маълумотро намекушояд. Аз ин рӯ, дониши эҳсосӣ аксар вақт ба объекти даркшуда мувофиқат намекунад. Дониш дар бораи ҷаҳони атрофи мо аксар вақт сатҳӣ ва нодуруст аст.

Муҳаққиқон М.С. Василева ва В.С. Перекалова чунин менависанд: “Дарки аввалин дар бораи олами атроф дар кӯдакон дар синни томактабӣ оғоз мешавад. Онҳо, одатан, хислати номуназзаму нопурра доранд. На ҳамаи хонандагони хурдсол фаслҳои сол, моҳҳоро номбар карда метавонанд, тағйири онҳоро фаҳмонанд, сабабҳои ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро муайян намоянд. Онҳо умумият ва тафовути ашёҳои олами атрофҳо ҷудо карда наметавонанд, онҳоро аз рӯйи хусусияташон гурӯҳбандӣ кунанд, алоқаҳои оддии байни падидаҳоро шарҳ диҳанд, мувофиқи синну сол оид ба фактҳои дидаашон хулоса бароранд. Ин бо оғози таълим бо усулҳои муосир дар муассисаҳои таълимӣ ва дар синфҳои ибтидоӣ, ки кӯдаконро ба дарки таҳлилии воқеияти атроф водор мекунад, вобаста мебошад” [28, с. 43].

Шинохти олами атроф инкишофи тафаккури ассотсиативӣ ва хаёлот - равандҳои равоние, ки барои офаридани образҳо ё тасвирҳои хаёлӣ

предметҳои даркшаванда заруранд. Ба ин восита, ба андешаи Олими рус Е.В. Нефедова: “Захираи луғавии кӯдак васеъ шуда, савияи дониши адабӣ, мусиқӣ ва бадеии ӯ баланд мешавад, ки ин ба инкишофи тахайюлоти эъҷодии хонандаи синфҳои ибтидоӣ таъсир мерасонад. Хонандаи хурдсол метавонад достони шавковаре пайдо кунад ва нақл кунад, аз импровизацияи худ лаззат бaрад. Бо вуҷуди ин, аксар вақт тасвирҳои ихтироъшуда (адабӣ ё бадеӣ) тағир ё такрори чизи қаблан дидашуда ё шунидашуда мебошанд. Тасвири дунёи атроф дар зеҳни кӯдак дар посух ба эҳсосот ва даркҳои лаҳзавӣ пайдо мешавад, ки онҳо бо тасвирҳои хотира алоқаманд нестанд ва аслан ё маҷозӣ нестанд” [136, 75]

Азхудкунии донишҳои нав ва рушди зеҳнӣ бо мурури замон ба кӯдак имкон медиҳад, ки ба сатҳи мураккабтари тафаккур ва абстрактӣ биравад. Хонандаи хурдсол на танҳо мушоҳидаҳоро дарк мекунад, балки онро равшан мефаҳмад ва ба он бовар мекунад.

Гирифтани донишҳои нав ва рушди заковат бо гузашти вақт ба кӯдак имкон медиҳад, ки ба сатҳи мураккабтари хулосабарорӣ ва абстраксия гузарад. Хонандаи хурдсол аллакай на танҳо медонад, балки аниқ мефаҳмад ва дар таҷриба эътимод мекунад. Дар кӯдак майли шинохти олам, шинохти худ ва ҷойи худ дар олам пайдо мешавад. Компоненти майлкунӣ дар марҳалаи дарки рӯякии олам асосӣ шуда, сабаби гузариш ба марҳалаи нави ҷахонбинӣ мегардад. Муҳаққиқи рус Н.М. Михайлова дар таҳқиқоти худ аз Э.И. Моносзон иқтибос оварда чунин мешуморад, ки “Системанок ҷамъ шудани донишҳо ҷаҳонфаҳмии кӯдаконро васеъ менамояд, тафаккурро рушд медиҳад, равандҳои дигари равонӣ – дарк, хотира, диққат, тасаввуротро такмил медиҳад” [132, с. 13].

Дониши хонандаи хурдсол ҳоло ҷудо-ҷудо буда, бо як системаи ягона даровaрда нашудааст, аммо кӯдак як қатор робитаҳои байни ҳам таъсиргузариро мебинад, (дар сатҳи худаш) аз нуқтаи назари илмӣ ҳодисаҳои воқеиро шарҳ медиҳад.

Дониши хонандагон ҳоло дискретӣ буда, дар як системаи ягона ҷойгир нест, балки кӯдак маҷмуи робитаҳо ва таъсири мутақобиларо мебинад ва

рӯйдодҳои воқеиро аз нигоҳи илмӣ дар сатҳи фаҳмиши худ шарҳ медиҳад.

Дарки олами атроф рушди тафаккури ҷамъбастиро ба бор меорад ва тасаввуротро дар бораи равандҳои равониро, ки барои дарки образҳои объектҳои идрокшаванда мусоидат менамояд, суръат мебахшад. Захираи луғавии кӯдак ғанӣ мегардад, савияи дониши адабию бадеии ӯ баланд мешавад, ки ин ба ташаккули тасаввуроти эҷодии хонандаи хурдсол таъсир мерасонад. Хонандаи хурдсол метавонад ягон сюжети шавқоварро нақл кунад, озодона сухан гӯяд ва аз баромади худ завқ барад. Бо вуҷуди ин, аксари тасвир ва образҳои бадеӣ ва адабии хонанда маълумоти тағйирдодашуда ва ё такрори маълумоти пештар шунида ва ё дидааш мебошанд.

П.А. Флоренский таъкид мекунад, ки тафаккури кӯдак - ин афкори суст набуда, типи хоси идрок мебошад, ки метавонад дараҷаҳои гуногуни мукаммалӣ, ҳатто ба нобиҳагӣ монанд ва ё гениалӣ дошта бошад [117, с. 28]. Вобаста ба ин, дар мавзуи “Шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим” таъкид карда будем, ки тафаккури кӯдак барои дарк ва таҳлили воқеият чун шакли комили зиндагӣ қобилият дорад. Дар сатҳи интуитивӣ, яъне беихтиёрӣ хонандаи хурдсол ба инсон нигаронида шудани олам ва иртиботи мутақобилаи онҳоро мефаҳмад. Боз як хусусияти ирратсионалӣ (ғайриқиёсӣ)-и дарки олам мавҷуд аст. Эҳсоси пешакӣ, эҳтимол бо кӯдак бевосита “ба эътибор гирифтан”-и маълумот донистанро дар бораи олам нисбат ба калонсолон имкон медиҳад. Хонандаи хурдсол эҳсос кардани нозуктарин ранг, овоз ва калимаҳоро меомӯзад, кӯдак оламро ба таври нав мекушояд: ҳамаи он чизҳое, ки ӯ дарк менамояд, эҳсоси фараҳ ва ҳайратро бедор мекунанд, хонандаи хурдсол хурдтарин тағйиротро бо ашёҳо ва ҳодисаҳо мебинад ва фарҳанги мушоҳидакуниро такмил медиҳад, мушоҳида чун сифати шахсият ташаккул меёбад.

Дар хонандаи хурдсол муносибати ҳиссӣ-арзишӣ ба дониш ва раванди дарккунӣ шакл гирифта, донишҳо барои ӯ аҳамияти шахсӣ пайдо мекунанд. Сатҳу доираи амалиёти тафаккурӣ сермаҳсул шуда, идрок ҳар чи ҷамъбастӣ мегардад ва ба хонандаи хурдсол имкон медиҳад, ки иртиботи сababӣ-таҳқиқӣ

ва генетикии байни объектҳои олами атрофро фаҳмад ва донишҳои ба дастомадаро дар ҳолатҳои нав истифода барад.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи марҳалаҳои ҷаҳонбинӣ, ба хусус ҷаҳонфаҳмии хонандагони синни хурди мактабӣ бо якдигар алоқаманданд. Фаъолияти маърифатии онҳо дар сатҳи ҷаҳонбинии комил хусусияти эҷодӣ пайдо мекунад. Фаъолияти эҷодӣ  муносибати субъекти фаъолият ба меҳнати буда, қаноатмандӣ аз кор, кӯшиши ба мустақилият дар иҷрои он; майли мусбат ҳангоми ба ҷо овардани он ва раванди ҳалли супоришҳои эҷодӣ, татбиқ намудани дониш дар амал, малака, воситаҳои фаъолияти азхуд кардашуда дар шароити нав, дарки проблема ва дидани функсияҳои нави объектиро муайян мекунад.

Хонандагон аз ҳар як марҳалаи ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ гузашта, таҷрибаи муайян ҳосил мекунанд, ки муносибатро бо олам ва бо худ мушаххастар менамоянд.

Раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмиро бо назардошти он, ки пайваста ба афзоиши фардияти хонандаи хурдсол бо иртибот бо табиат сабаб мешавад, чунин меҳисобем, ки нерӯи муносибати мутақобилаи хонандаи синни хурди мактабӣ ва муҳит, дараҷаи алоқамандӣ ё мансубияти бошууронаи ӯ ба олам дар рафти гузариш аз як марҳала ба марҳалаи дигар меафзояд. Доир ба иртиботи ҳамдигарии шахсият бо муҳит ва вазъияте, ки раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол шинохти шахсии оламро “Ман”-и худро низ ифода менамояд, зикр кардан мумкин аст, ки дар раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ чунин мавқеъҳои нави шахсияти хонандаи хурдсол ба вуҷуд меоянд: “Ман ба олам мансубам”, “Ман бо олам алоқамандам”, “Ман олами худро меофарам”.

Тарҳрезии вазъияти дидактикии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол бе муайян кардани усулҳои маъмул ва шаклҳои ташкилии раванди таълим номумкин аст.

Дар таҳқиқоти М.И. Махмутов омадааст: “Методи таълим – ин системаи принсипҳои муназзам ва қоидаҳои фаъолияти мақсадноки омӯзгор ва

коллективи хонандагон мебошад, ки тавассути усулҳои методӣ ҳалли доираи муайяни вазифаҳои дидактикӣ амалӣ мешавад” [73, с. 130, 138, 82].

Вобаста ба моделҳо метавон гуфт, ки алоқамандии ҷузъҳои модел бо маҷмуи шароитҳои педагогӣ таъмин мешавад, ки аз мавқеи муҳити гуманитарии таълимӣ амалӣ мегардад. Дар дохили он ҷузъҳои модели мантиқӣ-маъноии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол фаъолият мекунанд ва ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Дар баробари ин, варианти модел принсипҳои экологияи маърифатии инсон: якпорчагӣ, пуррагӣ ва баробарии арзиш ва маъноро дар бар мегирад. Механизм гузариш аз як зинаи ҷаҳонбинӣ ба марҳилаи дигар, ки бо ташаккули зуҳуроти нави шахсӣ: «Ман ба ҷаҳон тааллуқ дорам», «Ман ба олам пайвастам», «Ман олами худро меофарам», ифода меёбад, барои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи синфи ибтидоӣ дар ҷараёни таълим ба вуҷуд омадани падидаҳои нави шахсӣ анҷом ёфтани як давраи муайяни раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдро шарҳ дода, ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷузъҳои таркиби ин модел дар кори тадқиқотӣ-таҷрибавӣ имкон медиҳад. Омӯзгор ва хонанда ҳамчун субъекти раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи синфи ибтидоӣ амал мекунанд ва ҳамкории доимии онҳо дар муҳити инсонпарварӣ ва маърифатӣ дар асоси модели мантиқӣ-маъноии дар боло зикршуда боиси ташаккули ҷаҳонбинии мукаммали хонанда мегардад.

Муҳаққиқ Е.В. Нефедова, дар ҷараёни таҳқиқи худ чунин тасдиқ кардааст, “ки ташаккули ҷаҳонфаҳмии кӯдакони хурдсол дар ҷараёни таълим бо модели мантиқӣ-маъноӣ дар маҷмуи муҳити тарбиявии башардӯстона ва динамикаи ҷаҳонфаҳмӣ таъмин карда мешавад” [136, 179].

Дар таҳқиқот, модели мантиқӣ-маъноӣ, ки ифодаи маҳдуди сохтор ва алоқамандии компонентҳои раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи синфи ибтидоиро дар раванди таълим мефаҳмонад, дар ҷадвали 1.2 чунин таҳия гардидааст:

**Чадвали 1.2. - Модели мантиқӣ-маъноӣ ва алоқамандии компонентҳои раванди ташаккули чаҳонфаҳмии хонандаи синфи ибтидои дар раванди таълим**




Модели коркардшуда маҳдуди сохтор ва алоқамандии компонентҳои

раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсолро ифода карда, мефаҳмонад.

Ҳамин тариқ, дар боби мазкур кӯшиши таҳлили тасаввуроти анъанавӣ оид ба раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол, ки дар корҳои илмии Е.В. Нефедова, О.Е. Аляева, В.Н. Жукова, Г.Е. Залесский, Э.И. Моносзон, Р.М. Рогова, В.А. Сухомлинский, Г.И. Школник баррасӣ шудаанд, ба назар мерасад. Ин назария аз мавқеи муносибати синергетикӣ дар тафсири раванди таълим, аз ҷониби олимони рус Е.Г. Нефедова, Н.М. Боритко, О.А. Маскайлова, Н.К. Сергеев муайян шудааст. Ҳамчунин, истифодаи донишҳои нав дар раванди ташаккули дарки олам аз тарафи педагогҳо Е.В. Гривко, Т.А. Затямин, Н.М. Михайлов, Т.П. Михайлов, С.В. Тарасов, Б.М. Селковников дар ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол таъкид шудааст.

Раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол дар таҳқиқоти илмӣ давраи тағйир додани равобити мутақобилаи шахсият ва муҳит бо мақсади баланд бардоштани субъективии хонандаи хурдсол ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, ҳадафи раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонанда аз он иборат аст, ки замина дар ҳамоҳангӣ бо табиат ва муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ба воя расонидани шахсияти мактабхони хурдсол мебошад. Консепсияи гуманистии хусусияти раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачаи хурдсол имкон дод, ки принсипҳои асосии тарҳрезии раванди тадқиқот дар муҳити таълимии мактаб - интегративнокӣ, ҳамгирой ва эквивалентӣ нишон дода шаванд. Хусусияти синергетикии раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол росту ҳамвор набудани он мебошад. Ташаккули дарки олам аз ҷониби хонандаи хурдсол хусусияти марҳилавӣ дорад ва ҳар яки ин марҳилаҳо чун мафҳуми сифатӣ ва комил дар 3 марҳалаи зерин дида баромада мешавад:

1) марҳалаи ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ;
2) марҳалаи ҷаҳонфаҳмии рӯякӣ, дарки воқеии олам;
3) марҳалаи ҷаҳонфаҳмии комил ҷудо шудааст.

Ҳамаи марҳилаҳо бо ҳам алоқаманданд. Ҳар як марҳалаи нав ба хонандаи хурдсол воситаҳои гуногуни ҷаҳонфаҳмиро мебахшад. Дар таҳқиқот

раванди таълим чун вазъияти дидактикӣ, ки дар худ шароит, воситаҳо ва усулҳои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсолро дар бар мегирад, баррасӣ мешавад. Тарҳрезии вазъияти таълимӣ ва ё дидактикӣ дар омӯзиш ба се давра тақсим мешавад: рефлексионӣ, ахлоқӣ ва эҷодӣ. Ҳар як давра аз ду марҳила иборат аст, ки бо ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол алоқаманд аст. Марҳилаҳои ташхис ва тадқиқот дар давраи рефлексионӣ, инчунин марҳилаи тарбия ва ахлоқӣ; марҳилаи эҷодӣ худтанзимкунӣ ва дигаргуниро дар бар мегирад.

Ин марҳилаҳо бо давраҳои ташаккули хислатҳои нави шахсияти хонандаи синни хурди мактабӣ, яъне тағйирёбии шахсият ба охир мерасад. Мо, усулҳои зерини ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачаро дар раванди таълим муҳим мешуморем: рефлексивӣ, яъне андеша дар бораи худ, фаъолияти худҳавасмандкунӣ барои дарки таҷрибаи худ; интерактивӣ, яъне иштирокчиёни раванди таълим ба ҳамкории ҳамаҷонибаи ҳамагон нигаронида шудааст; лоиҳавӣ, яъне ба тарҳрезии эҷодии фаъолияти худ тамаркуз мекунад.

Шаклҳои ташкилии асосии раванди таълим бояд таълими гурӯҳӣ, машғулият дар асоси интегративнокӣ ва тарҳрезии вазъиятҳои ба ҷаҳонбинӣ мусоидаткунанда бошад.

Дар таҳқиқот модели мантиқӣ-маъноии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол дар раванди таълим коркард шудааст, ки алоқамандии вазъияти динамикаи ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол ва дидактикии он, ки дар дохили муҳити гуманитарии раванди таълим ба амал меояд ва дар заминаи принсипҳои яклухтӣ, интегративнокӣ ва баробарии арзишӣ – маъноӣ асос ёфтааст, нишон дода шудааст.

Дигаргуниҳои раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол чун тасаввуроти  тағйирёбанда дар бораи мансубияти худ ба олам, оид ба имконияти субъективияти ӯ дар ҳамбастагӣ бо олам “Ман ба олам мансубам”, “Ман бо олам алоқамандам”, “Ман олами худро меофарам” баррасӣ мегарданд.

Бо сифати шаклҳои асосии ташкили раванди таълим дар мактаби

ибтидоӣ, ки ба ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол равона шудааст, фаъолияти зеринро муҳим мешуморем: шаклҳои гурӯҳии таълим, машғулият дар заминаи интегративнокӣ (якҷоя кардан), тарҳрезии вазъиятҳои ба ҷаҳонфаҳмӣ мусоидаткунанда.

Хулоса, метавон гуфт, ки натиҷаҳои ба даст омада, дар раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синнни хурди мактабӣ дар заминаи моделсозӣ ба мо, имкон медиҳанд, ки дар инкишофи шахсияти кӯдак динамикаи мусбӣ инкишоф дода шуда, ба ин васила дарки ҳамаҷониба ба даст оварем. Мундариҷа ва сохтори ҳар як қисми ҷаҳонбинӣ ба ташаккули шахсияти хонанда таъсири муайян мерасонад. Мо, модели назариявии ташаккули ҷаҳонбинии илмиро дар асоси дониш ва дарки хосият ва таъсири онҳо таҳия кардем. Дар асоси модели таълимӣ ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълим тавассути таҳияи системаи сохторӣ, яъне арзиши маърифатӣ, меъёрӣ, амалӣ, аффективӣ ва ҷузъҳои таркибии раванди таълим баррасӣ мешавад.

Инчунин, ташаккули ҷаҳонфаҳмии  низ ба хонанда имкон медиҳад, ки дараҷаи маънавию камолоти ахлоқӣ баланд гардад. Дониш ва малакаҳои марбут ба амнияти ҷаҳонфаҳмӣ ба шахс имкон медиҳанд, ки ба омилҳои манфие, ки ба ташаккули шахсияти хонандагон таъсир мерасонанд, муқобилат кунад. Натиҷаҳои равандҳои ташаккули ҷаҳонфаҳмии пешниҳодшудаи мо, моделсозии ибтидои омӯзиш ва рушди тағйироти ҷараёни муосири таълим мебошанд.

## Хулосаи боби якум

Таҳқиқоти боб муайян намуда, ки дар педагогика масъалаи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз масъалаҳои муҳимми тарбияи ахлоқию маънавӣ ба шумор рафта, пажуҳиши он дар замони муосир саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол дар сатҳи назариявӣ аз ҷиҳати фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва методологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Таҳқиқи фаъолияти ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълим барои дар фаъолияти худ татбиқ намудани ақида, принсип ва эътиқоди худи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст.

Ҷаҳонфаҳмӣ ҳамчун категорияи педагогӣ табиатан интегративӣ буда, воситаи тавсиф ва дарки зуҳуроти шахсият, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-таърихӣ ва тарбиявӣ буда, сохтори бисёрзинагӣ дошта, шахсият ва иҷтимоӣ-типологиро дар робита бо берунӣ ва дохилӣ инъикос мекунад

Таҳқиқоти мо, нишон дод, ки ҷаҳонфаҳмӣ ба навъе бо раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ алоқаманд буда, шояд ягон ҷузъи сохторӣ, механизм ё моликияти охирин бошад, ки принсип ва эътиқоди шахсро ба атроф муайян мекунад. Дар ин маврид ба мақсад мувофиқ аст, ки моҳияти фаъолияти ҷаҳонбинӣ ва функсияи танзимкунандаи хоси он дар раванди таълим ба назар гирифта шавад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, фаҳмиши падидаи идроки ҷаҳон дар бораи муҳити атроф ва ҷаҳон ҳамчун механизме, ки иштироки шуурро дар раванди дарки падидаҳои гуногуни олами атроф муайян мекунад, наздик аст. Раванди ташаккули ҷаҳонбиниро, ки боиси ташаккули пайвастаи шахсияти хонандаи ҷавон тавассути алоқа бо табиат мегардад, ба назар гирифта, мо чунин мешуморем, ки қувваи таъсири мутақобилаи хонандаи хурдсол бо муҳити зист, дараҷаи робита ё робитаи бошууронаи он, ҷаҳон ҳангоми гузаштан аз як марҳила ба марҳилаи дигар афзоиш меёбад. Қадами навбатии ҳалли масъалаҳои омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ бояд муайян намудани

шароитҳои педагогӣ бошад, ки ба ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим мусоидат мекунанд.

Бо назардошти ҷаҳонфаҳмӣ ҳамчун ҳолати шахсият, ки омодагиро ба фаъолияти ҷаҳонбинӣ муайян мекунад, мо зарурати таълимро, ба монанди моделсозии шароити ҷаҳонбинӣ дарк мекунем. Ин шакл имкон медиҳад, ки на танҳо дониш ва идеяҳо татбиқ карда шавад, балки роҳҳои татбиқи онҳо дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт муқоиса карда шавад.

# БОБИ 2. ОМИЛҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БА ВОСИТАИ ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

## 2.1. Низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим

Дар ҷараёни бозсозии ҷомеа зарур аст, ки як таълимот ва консепсияи наве таҳия гардад, ки ба ташаккули муносибатҳои нав дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назари ҷадид ба ҷаҳон мусоидат намояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки проблемаи ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон сарфи назар аз актуалӣ будани он, имрӯз дар таҷрибаи мактаб нисбатан суст рушд ёфтааст.

Дар вазъияти имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низоми нави умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим, ки сатҳи баланду босифати таҳсилоти наслҳои ояндаро таъмин мекарда бошанд, зарур аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки дар сифат ва низоми таълиму тарбияи насли имрӯза беҳтар гардад, то ин ки аз нигоҳи одобу маърифат, рушди зеҳнӣ ва ҷаҳонбинӣ ҷавобгӯйи замон бошанд. Аз ҷумла, дастур медиҳад, ки “дар шароити ҷаҳонишавӣ мо ба ҷалби аҳли ҷомеа, ба хусус падару модар, бояд наслеро тарбия карда, ба воя расонем, ки аз нигоҳи одобу ахлоқ, донишу заковат, худшиносиву ҷаҳонбинӣ ба ниёзмандиҳои ҷаҳони муосир мувофиқ бошад” [44, с. 225].

Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дониш ва фаҳму дарки предмету ашёҳои олами иҳотакарашуда вобаста мебошад. Дар мактаб омӯзгорон аз жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ истифода намуда, доираи дониш ва тасаввуроти кӯдаконро доир ба ҳодиса, воқеаҳо ва предметҳои табиат зиёд мекунанд. Қобилияти мушоҳидакорӣ ва шавқу ҳаваси омӯзонидани онҳоро тараққӣ медиҳад. Кӯдакон дар вақти истифодаи зарбулмасалҳо, чистонҳо, суруду таронаҳо, афсонаҳо, тезгӯякҳо ба сифату хусусияти предмету ҳодисаҳои табиат ва гирду атрофи он шинос мешаванд, бойгариҳои маънавии халқи худро аз худ менамоянд.

Дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии кӯдакони синни хурди мактабӣ ин вазифаи умум, масъулияти якҷояи оила, мактаб, муҳит ва ҷамъият мебошад. Дар он ҷамъияте, ки ҳамкории мактаб, оила ва аҳли ҷамъият хуб ба роҳ монда шавад, кӯдакон аз ҳар ҷониб хуб инкишоф меёбанд. Ин масъулияти худро омӯзгорон танҳо дар натиҷаи таъмин намудани талаби ягонаи омӯзишу ахлоқ нисбат ба хонандагон адо карда метавонанд. Яъне ташкили дурусти ҷараёни таълиму тарбия, ба ҳаракат даровардани ҳамаи унсурҳои он дар муассисаи таълимӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти омӯзгорон, волидон ва аҳли ҷомеа ба ҳалли ҳамин масъала сафарбар карда шавад. Дар боби аввал қайд намуда будем, ки асосҳои ҷаҳонфаҳмӣ ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад ва мактаб ҳамчун сарчашмаи маълумот баҳри ташаккули минбаъдаи ҷаҳонбинии илмии хонандагон метавонад нақши муайянеро дошта бошад.

Инкишофи ҷаҳонфаҳмии бачагон ба азхуд кардани донишҳои асосии илмӣ дар бораи олами атроф, ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият асос ёфта, ба омодагии эмотсионалии онҳо барои дуруст баҳо додан ва шинохти ашё мусоидат мекунад.

Дар ин раванд  муассисаи таълимӣ нақши калидӣ дорад. Педагогҳо Х. Раҳимов ва А. Нуров вазифаи муҳимми ташаккули омӯзиши илмии хонандагонро аз ҷониби мактаб чунин тавсиф менамоянд: “Ташаккули илмии хонандагони хурдсол роҷеъ ба тасаввуроти табиат ва ҳаёти иҷтимоӣ, тарбияи ҳисси дӯстдории табиат, ғамхорию эҳтиёт кардан ва афзун гардонидани зебоии он, мусаллаҳ намудани хонандагон бо методҳои дастраси дарки олам вазифаи муҳимми мактаб мебошад” [98, с. 199-200]. Зеро давраи  рафтан ба мактаб дар ҳаёти кӯдак тағйироти куллиро ба амал меорад. Тамоми роҳи ҳаёти ӯ, мавқеи иҷтимоии ӯ дар ҷомеа, дар оила тағйир меёбад. Фаъолияти асосии ӯ бо роҳбарии омӯзгор - ухдадории омӯхтан ва ба даст овардани дониш мегардад. Омӯзиш кори ҷиддиест, ки муташаккилӣ, интизом ва кӯшишу иродаи кӯдакро талаб мекунад. Мактаб ҳамчун муассисаи давлатӣ бояд омӯзиши илмро дар шуури ҳар як хонанда  ҷой диҳад. Академики рус М.Н.

Скаткин навиштааст: “Вазифаи мактаб ташаккули манзараи умумии ҷаҳон дар байни мактаббачагон мебошад, зеро ҳар қадаре ки он дар шуури инсон равшантар инкишоф ёбад, доираи фаҳмиши ӯ дар бораи воқеият васеътар хоҳад буд” [153]. Дониш, таҷриба ва малакаҳое, ки кӯдак азхуд мекунад, метавонад ба дараҷаҳои мухталифи ақл қобилияти маърифатии худро инкишоф диҳад.

Ҷараёни таълиму тарбия дар замони имрӯз чунин аст, ки на танҳо зеҳну хотира, балки мебояд ғоя ва тафаккуру дониши хонандагон ва ташаккули ҷаҳонфаҳмии онҳоро дар низоми таълим инкишоф диҳем. Ин ҳама, педагогҳо ва психологҳоро водор месозад, ки оиди тафаккуру ҷаҳонфаҳмӣ ва ташаккули он дар хонандагон фикру андешаи дақиқу саривақтӣ намоянд.

Тафаккур протсеси олитарини марифатест, ки тавассути он инсон дар бораи хусусиятҳои муҳимми предмету ҳодисаҳои олами материалӣ ва алоқаи байни онҳо маълумоти мушаххас мегирад [82, с. 218]. Тафаккур ба инъикоси хосиятҳо, хусусиятҳои ҷисмҳо ва падидаҳо оғоз намуда, имкон медиҳад, ки аввалин хулосаҳои ибтидоӣ бароварда шаванд. Дар ин замина, кӯдак тадриҷан ба ташаккули мафҳумҳои ибтидоии илмӣ шурӯъ мекунад.

Дар синни аввали мактабӣ барои аз худ кардани асосҳои илм ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ба хонанда зарур аст, ки миқдори зиёди донишҳоро аз худ намояд. Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон дар тамоми давраи таълими фаннӣ дар як низоми муайян асосҳои илмҳоро дар бораи табиат, ҷомеа ва инсон аз худ менамоянд. Онҳо ҷаҳонбинӣ, ғояҳо ва консепсияҳои таърихӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, экологиро аз худ мекунанд ва эътиқод ба миён меоранд, ки ин асоси илмии худшиносии ба вуҷуд омадаистода, ҷаҳонфаҳмии хонанда мебошад. Дар ташаккули ҷаҳонбинӣ субъектҳои гуманитарӣ, аз ҷумла омӯзиши фолклор нақши махсус доранд. Соҳаи таълимии мероси фолклорӣ имконият медиҳад, ки худро ҳамчун як шахси аз ҷиҳати маънавӣ дарк намуда, қобилияти баҳои бадеӣ, эстетикӣ, ахлоқии ҷаҳони атрофро инкишоф диҳад, арзишҳои пойдори фарҳангро аз худ кунад. Дар муайян кардани ҷаҳонбинӣ равишҳои гуногун миёни олимон, аз

ҷумла Х. Раҳимов, А. Нуров, Й. Юнусов, Х.Р. Шомуродов, В.Н. Мошанский, А.Г. Спиркин, В.Ф.Черноволенко, Г.Е. Залесский ва ғайра мавҷуданд, аммо ҳамаи олимон дар бораи арзёбии аҳамияти ташаккули ҷаҳонбинии шахс, ки тавассути раванди таълим амалӣ мешавад, мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, вай бояд тавре сохта шавад, ки дар ниҳоят боиси ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар хонандагон гардад.

Дар болотар зикр намуда будем, ки ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаб аз синфи якум оғоз мешавад. Аз ин рӯ, дар синфҳои поёнӣ ин кор асосан пропедевтикӣ (аз калима юнонӣ propaideuo - ман пешакӣ таълим медиҳам) буда, барои таълими амиқтари ақидаҳо ва эътиқодҳо танҳо заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Бояд тазаккур дод, ки бо банақшагирии дуруст, муассисаи таълимӣ метавонад кори дар хона оғозшударо пайгирӣ кунад. Муассисаи таълимӣ аввалин ҷойест, ки кӯдакон расман бо матнҳо шинос мешаванд. Албатта, ташаккули одати хониш дар мактаб ва вусъати он ба системаи тарбия вобаста аст. Дар ин миён нақши муҳимми муассисаи таълимиро дар бунёди китобхона набояд фаромӯш кард.

Китобхонаи мактабро зарур аст, ки ҳама гуна маводи чопӣ ва ғайри чопиро мувофиқи ҳадафҳои таълимӣ ва талаботи хонандагону омӯзгорон омода созад. Дар китобхона бисёр чорабиниҳои коллективона гузарондан мумкин аст. Натиҷаи ин фаъолиятҳо ташаккул додани одати мутолиа дар кӯдакон аст, ки тадриҷан ба роҳ монда мешавад. Кӯдакон чизҳои хондаашонро бо ҳаёти худ муқоиса мекунанд. Воқеан, китобҳои адабиёти бачагона ва шифоҳӣ назари шахсии кӯдаконро ба зиндагии худ равшан мекунанд ва барои онҳо равзане мекушоянд, ки тавассути он онҳо метавонанд зиндагии дигаронро бубинанд, аз назар гузаронанд ва суҳбат кунанд.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки кӯдаконе, ки аз давраи омодагӣ ва синфи якуми мактаби ибтидоӣ ҳикоя ва қиссаҳо хонда шуда буданд, дар синфи шашум аз беҳтарин хонандагон ба шумор мерафтанд. Аз пайвандакҳо ва ҷумлаҳои алоқаманд барои мутобиқ кардани мундариҷа ва андешаҳо, ташкили

намоишгоҳҳои мавзуӣ, гузаронидани бозиҳо барои такмили малакаҳои бадеӣ, аз қабили навиштан, нақл кардан ва дигар корҳову чорабиниҳои самарабахши баланд бардоштани қобилияти хонандагон мебошанд.

Беҳтарин китобҳое, ки кӯдаконро ба хондани баланд ташвиқ мекунанд, китобҳое мебошанд, ки такрори забон доранд. Китобҳои тасвирии бидуни матн инчунин барои машқ кардани ҳикоя ва таҳкими забони гуфторӣ ва хаттӣ мувофиқанд. Ҳар як китоби фолклорӣ метавонад кӯдакро барои эҷоди ҳикояи худ ташвиқ кунад.

Аммо ҳикояҳо ва қиссаҳо як вазифаи муҳимми дигаре доранд, ки шояд камтар баррасӣ шавад. Ҳикоя беҳтарин роҳи дарки бузургтарин асарҳои адабӣ ва санъат аст. Ҳикояҳо бар хилофи дигар шаклҳои адабӣ кӯдакро дар роҳи кашфи шахсият ва маънии зиндагӣ ҳидоят мекунанд. Ҳикоя ба кӯдак таълим медиҳад, ки чӣ гуна таҷрибаҳо барои идомаи рушди шахсияти инфиродӣ заруранд. Қисса ба кӯдак ваъда медиҳад, ки агар ӯ шуҷоъ бошад ва дар роҳи ин талоши хаста ва пурқувват қадам гузорад, неруҳои хайрхоҳ ба кумакаш меоянд ва муваффақияташ бешубҳа хоҳад буд. Қиссаҳо онҳоеро, ки андешаи танг доранд ва барои пайдо кардани шахсияти худ кӯшиш намекунанд, ҳушдор медиҳанд, ки онҳо бояд ба зиндагии дилгиркунанда ва якрангӣ розӣ шаванд.

Афсӯс, ки ин қиссаҳо аз кӯдакони имрӯз гирифта шуда, дар филму сериалҳо ба шакли беҳтар намоиш дода мешаванд ва имкони ташаккули тахайюлотро аз кӯдакон дур мекунанд.

Адабиёт бо роххои гуногун ба инкишофи эхсоси бачахо сабаб мешавад. Ҳикояҳои илмӣ-фантастикӣ онҳоро водор мекунанд, ки дар бораи оянда фикр кунанд. Хикояхои нави реалистӣ бачахоро ба дониши одами муосир ва муносибати вай бо муҳит шавқу ҳаваси кунҷков мегардонанд. Кӯдак бо ёрии адабиёт тарзу усулҳои муомила бо одамон ва душвориҳои рӯзгори худро мешиносад, аз қаҳрамонҳои ҳикояҳо чӣ гуна ҳалли ҳамин гуна масъалаҳо ва фаҳмидани эҳсоси дигаронро меомӯзад.

Маҳз аз ин таҷрибаҳо илҳом гирифта шудааст, ки кӯдакон барои навиштан ё нақл кардани ҳикояҳои аз ақли худ сохташуда ё намоиш додани

бозӣ бармеангезанд.

Ҷорҷ Шеннон мегӯяд: "Инсон арзишҳои адабиётро дар кӯдакӣ пайдо мекунад ва таъсири амиқи он дар синни балоғат зоҳир мешавад."

Хондан ва шиносоӣ бо адабиёт ба кӯдакон таъсири гуногун дорад, тавре Ҷон Глейзер мегӯяд: “Адабиёт ба рушди эҳсосии кӯдакон мусоидат мекунад. Саҳми адабиёт дар зуҳури эҳсосот ва дар додани тасвири ин эҳсосот ва муайян кардани онҳост.

Кӯдакон ба он чизе, ки хондаанд, вокуниш нишон медиҳанд, ки онҳо ба пайдоиш ва инкишофи омилҳои гуногун таъсир мерасонанд ва ба инкишофи забонӣ, маърифатӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии кӯдакон ба тарзи дарк кардани ҳикоя таъсир мерасонанд

Дар мутолиа ва таъсирбахшии ӯ эътиқод, интизориҳо, маҳорати хониш, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷинсият, услуби фардии хонанда алоқаманд аст. Ҳар як намуди адабиёт хусусияти хос ва вазифаи гуногун дорад. Китобҳои гуногун ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки ангезаҳо шахсиро, ки ба дигарон таъсир мерасонанд, бифаҳманд.

Шахсияти омӯзгор дар тамоми системаи корҳои таълимиву тарбиявӣ оид ба ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон нақши бузург дорад. Омӯзгор на танҳо бо усулҳои махсуси педагогӣ, балки бо шахсияти худ, обрӯ ва муошират бо шогирдон таълим медиҳад. Ин аст, ки кор дар ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаббачагон аз ҳар як омӯзгор малакаҳои дидактикӣ ва тарбиявӣ, мунтазам такмил додани сифатҳои ахлоқии онҳо, инчунин муносибати бодиққат, ҳассос ва ғамхорро нисбати хонандагон талаб мекунад.

Аз худ кардани бошууронаи доираҳои ибтидоии илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ-эстетикӣ, мафҳумҳои меҳнат ва ахлоқӣ роҳи асосии ташаккули асосҳои ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаббачагони хурдсол мебошад. Дар баробари ин, фолклор дар бораи бозёфтҳои илмӣ, дар бораи ҳаёти одамони барҷаста, дар бораи фаъолияти олимони намоён ва дар бораи омӯзиши табиат аҳамияти бузурги ҷаҳонбинӣ ва тарбиявӣ доранд.

Дуруст аст, ки эҷодиёти фолклори бачагона бисёр ғанӣ ва арзанда аст.

Аммо на ҳамаи қиссаву афсонаву шеърҳои эҷодиёти шифоҳии кӯдакона дар бедор намудани тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии онҳо таъсир амиқе мерасонанд. Аз ин лиҳоз, дар интихоби намунаҳои эҷодиёти шифоҳии мардум бодиққат бояд буд.

Муҳаққиқ Муҳаммадҳодии Муҳаммадӣ бар ин назар аст, ки мавзуъҳое, ки барои афсонаҳои кӯдакон интихоб мешаванд, робитаи мустақиме бо синни онҳо доранд. Мавзуъҳое, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ мешаванд, мавзуъҳое ҳастанд, ки бо зеҳн ва ҷаҳонфаҳмии онҳо бояд пайвандӣ дошта бошанд [83, с. 226].

Эҷодиёти шифоҳие, ки барои бачаҳои синни то мактабӣ ва хонандагони синни хурди мактабӣ эҷод гардидаанд, бештар шакли кӯтоҳ доранд. Масалан, афсонаҳо шакли кӯтоҳ доранд, ки сохтори зеҳнӣ ва дарки мафҳуми кӯдак ва таҷрибаи ӯ аз зиндагӣ ба назар гирифта шудааст.

Муаллифони китобҳои дарсии хонандагони синни хурди мактабӣ ва гирдоварандагони эҷодиёти шифоҳии бачагона ё китобҳои фолклорӣ барои бачагон ҳангоми таҳия намудани афсонаву қиссаву порчаҳои шеърӣ ва ғайра бояд ба захираи луғавии кӯдакон таваҷҷуҳ намоянд. Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқон, кӯдакон бояд битавонанд дасти кам наваду ҳашт дар сади калимаҳои истифодашударо хонанд, то дарку фаҳми матн парешон нашавад. Масъалаи дигаре, ки дар китобҳои фолклорӣ бисёр муҳим аст, тасвири онҳо мебошад. Зеро расм барои кӯдак ба дараҷае муҳим аст, ки дар гурӯҳҳои синнусоли “А” ва “Б” ин расм ба ҳадде муҳим аст, ки кӯдак пеш аз шунидани ҳикоя, хондани китоб ва ё аз ӯ пурсидани он ба дидани расмҳо майл дорад. Падару модарон ба ӯ бодиққат хонда, ба ҷузъиёти симои онҳо диққат диҳанд. Воқеан, пеш аз муқаррар шудани пайванди “фарзанд ва афсона” пайванди «бача ва тасвир» ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, расмҳо дар ин синну сол дар талқини мафҳумҳое, ки шоир ё нависанда ба кӯдак хостаанд, нақши хеле муҳим доранд.

Китобҳои тасвирӣ робитаи хеле интерактивӣ ва комилан гуногунро байни волидон ва фарзандони онҳо эҷод мекунанд. Ин китобҳо барои

волидайн ва кӯдакон имкон фароҳам овардаанд, ки дар бораи мавзуи ҳикоя, тасвир ва калимаҳои он суҳбат кунанд, ки фаҳмиши муҳтаворо тақвият бахшида, робитаи байни кӯдакон ва волидонро мустаҳкам мекунад.

Табиист, ки симои китоб дар ҳар синну сол бояд ба шароити фард мувофиқ бошад ва мувофиқи донишу иттилооти кӯдак ва чаҳорчӯби равонии ӯ дар он синну сол эҷод шавад. Илова ба тасвир, бисёре аз устодони соҳаи адабиёти кӯдакон интихоби навъи ҳуруф ва ҳатто андозаи ҳуруфро муҳим медонанд ва бар ин назаранд, ки ин ду бояд ба тасвир ва матн хидмат кунанд, масалан, барои кӯдаконе, ки синни аввали мактабӣ мехонанд, тасвирҳо бояд калон бошанд, ҷолибият ва гуногунии рангҳо, кӯтоҳии матн, андозаи калимаҳо ва масофаи мувофиқ ва ғайра риоя карда шаванд.

Ҳамчунин, бешак, бозсозӣ ва бознависӣ кардани афсонаҳои кӯҳна ва умуман фолклор барои кӯдакони имрӯза тасвири муносиб ва ҷолибро тақозо мекунад; зеро ин тасвирҳо дар баробари расонидани мафҳум ва муҳтавои афсонаҳо, ҷалби кӯдакро низ эҷод мекунанд, то онҳо ба мутолиаи афсона шавқ зоҳир кунанд; аммо агар ин ҳикояҳо барои шунавандагони калонсол бошанд, ин тасвир лозим намеояд.

Дунёи синни аввали мактабӣ олами шавқовар аст. Пур аз чизҳои нав, ки дониши онҳоро дар бораи ҷаҳон пурра мекунанд. Пур аз таҷрибаҳои наве, ки дар муҳити мактаб будан ба онҳо медиҳад ва дар ниҳоят савод омӯзанд ва қобилияти хондан, навиштан ва ғарқ шуданро дар ҷаҳони ҷолиби китобҳо ва ҳикояҳо пайдо мекунанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки синни кӯдак ҳарчи инкишоф ёбад, тафаккур, ки асоси рушди ҷаҳонфаҳмии онҳост, тавассути эҷодиёти бачагона инкишоф меёбад. Ин ба волидон ва омӯзгорони хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки афсонаҳое, ки вобаста ба синни кӯдакон аст, дар таълиму тарбияи кӯдакон самаранок истифода намоянд. Зеро, эҷодиёти шифоҳии бачагона ба кӯдак таъсири калон расонида, эҳсос ва дарки олам ва ҷаҳонбинии ӯро дигаргун мекунад, ки дар ин маврид дар мавзуи “Асосҳои таълим ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ” пурратар хоҳем

гуфт.

Синни хурди мактабӣ яке аз зинаҳои муҳимми донишҳосилкунӣ ва тарбия ба шумор меравад. Ибтидои омӯзиш ва таълим маҳз дар ҳамин синну сол ба амал бароварда мешавад. Равоншиноси рус Н.С. Лейтес дар ин хусус навиштааст: "Синни хурди мактабӣ зинаи азбаркунӣ ва васеъ намудани сатҳи дониш ва зинаи суръати тези омӯзиш мебошад" [67, с. 44]. Дар замони кунунӣ хирадманду солимфикр тарбия намудани насли наврас тақозои давру замон, мароми ҷомеаи дунявию демократист. Муҳите, ки кӯдак дар он зиндагӣ карда, рушд менамояд ва меомӯзад, таъсири зиёде бар такомул, хусусан камолоти зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии вай дорад. Тарзи тағйирпазирии ҳаёти ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва оила ба кӯдак таъсири калон расонида, дарки оламро аз тарафи ӯ низ дигар мекунад.

Дар робита ба низоми ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ нақши оила басо бузург аст. Нақши ҳалкунандаи оила аз таъсири амиқи он ба тамоми маҷмӯи ҳаёти ҷисмонӣ ва маънавии шахси дар он парваришёфта вобаста аст. Оила барои кӯдак ҳам муҳити зист ва ҳам муҳити омӯзишӣ ва падидаи оғози ҷамъиятшиносӣ мебошад. Таъсири оила ба дараҷаи бештар ба давраи ибтидоии ҳаёти кӯдакон, аз ҳама гуна воситаҳо ва усулҳои тарбия чандин маротиба зиёдтар мебошад. Педагог Й. Юнусов бар ин назар аст, ки оила дар танҳоӣ ба тарбия машғул шавад, натиҷаи дилхоҳро соҳиб шуданаш мушкил аст... Алоқаи мустаҳками мактабу оила сабаби баланд гардидани самараи таълиму тарбияи хонандагон хоҳад шуд [131, с. 286].

Муҳаққиқон М. Лутфуллоев, Қ.С. Абдураҳимов ҳам чунин назар доранд: "Дар педагогикаи ҳамкорӣ дар раванди муошират бо кӯдакон тавлид ёфта, бе боварии хонандагон ба омӯзгор тасаввур кардан номумкин аст. Танҳо муҳити якдигарфаҳмӣ, эҷодкории коллективона метавонад кӯдаконеро ба воя расонад, ки фикр карданро, бо корҳои илмӣ машғул буданро дӯст доранд, лаёқати дидактикӣ ва ташкилотчигӣ дошта бошанд, ба одамон кор карда тавонанд, эҷодкор бошанд ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ аз дигарон фарқ кунанд" [72, с. 177].

Дар ҳаёти ҳар як шахс, волидон нақши калон ва масъулиятнок доранд. Онҳо ба кӯдак намунаҳои нави рафторро меомӯзанд, бо ёрии онҳо олами атрофро дарк менамоянд ва дар ҳама амалҳои худ ба онҳо тақлид мекунад. Ин тамоюл бо иртиботи мусбии эҳсосии кӯдак бо волидон ва хоҳиши ӯ ба мисли падару модари худ ҳарчи бештар тақвият меёбад. Падару модар ва аҳли оила дар саргаҳи ташаккули андешаву эҳсос ва рушди ҷаҳонфаҳмии кӯдак қарор доранд. Фарзандон дунёро бо чашму дили онҳо мебинанду мешиносанд ва муносибати худро ба олами атроф, қабл аз ҳама аз дидгоҳи падару модар муайян мекунанд [124, с. 30]. Вақте ки волидон ин намунаро дарк мекунанд ва мефаҳманд, ки ташаккули шахсияти кӯдак аз бисёр ҷиҳат ба онҳо вобаста аст, пас онҳо тавре рафтор мекунанд, ки ҳамаи амал ва рафтори онҳо дар ташаккули кӯдак саҳм гузоранд.

Барои ҳамин, низоми таълиму тарбия дар оила ва мактаб чун фаъолияти муташаккили педагогии касбӣ, ки бо таъсири гуногун ба тафаккури хонанда алоқаманд мебошад, бо донистани хусусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва синнусолию дарккунии олам, олами ботинии кӯдакон ва омилҳои муҳити фарогири ӯ ниёз дорад.

Аз ин рӯ, системаи таълиму тарбия дар оила ва мактаб ҳамчун як фаъолияти муташаккили касбии педагогӣ, ки бо таъсироти гуногун ба тафаккури хонандагон алоқаманд аст, ба донистани синну сол ва дарки ҷаҳон, хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҷаҳони ботинии кӯдаконро талаб мекунад, ба омилҳои муҳити атроф ниёз дорад.

Кӯдакон бо қобилияти равонӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонии гуногуне таваллуд мешаванд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки аз тариқи робита бо муҳит чизҳои зиёди гуногунеро дарк намуда, биёмӯзанд. Дарки муҳит аз тарафи хонанда барои илми педагогика, ки қонунмандиҳои рушди кӯдак, муносибати ӯро ба олами атроф дар раванди таълим ва ҳаёт меомӯзад, муҳим мебошад. Яке аз сабабҳои аз тарафи хонанда дарк намудани қонуниятҳои инкишофи табиат ин дуруст дарк намудани қонуниятҳои инкишофи иҷтимоӣ барои инкишофи фардии худи инсон мебошад. Дар илми фалсафӣ дарк - ин шинохти ашёҳои

табиат, мавҷудоти зинда, одамон ва ғайра ва ҳамчунин, ҳодисаҳои объективӣ, яъне алоқамандии ашёҳо, ҳаракатҳо, воқеъаҳо ва ғайра мебошад [84, с. 443].

Бояд зикр кард, ки синни хурди мактабӣ муҳимтарин солҳои ҳаёт аст ва таҷриби ин солҳо зербинои зиндагии ояндаи ҳар инсон хоҳад буд.

Бинобар ин, фаъолияти самараноки таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама, инкишофи равандҳои ақлии шинохти мустақими ҷаҳони атроф - ҳиссиёт ва даркҳоро ҳавасманд мекунад. Хонандагони хурдсол бо равонӣ ва тозагии дарк ва як навъ кунҷковии фикрронӣ фарқ мекунанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки шахсияти омӯзгор дар тамоми системаи таълиму тарбия дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон нақши бузург дорад. Аммо мавқеи оиларо низ дар ин самт нодида гирифтан мумкин нест.

Муҳаққиқ Х.Р. Шомуродов чунин андеша дорад: "Агарчи бачаҳо дар хонадонашон бо фаҳмишҳои нодуруст тарбия ёбанд ҳам, муассисаи таълимӣ дастовардҳои ғании илму техника ва амалиёти рӯзафзунро далел оварда, мавҳумоту ғалатфаҳмиҳоро тавассути таълиму тарбияи шуурона бояд ислоҳ кунад" [129, с. 134].

Дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ҳамчунин алоқамандии ҳаёти кӯдакон бо зиндагии калонсолон мавриди таваҷҷуҳ аст. Муносибати ҷиддии калонсолон ба масъалаҳои кӯдакон шарти муҳими ташаккули дарки дурусти ҷаҳон мебошад. Зеро, ба ақидаи педагогҳо "ғалатфаҳмӣ ва ғайриилмӣ маънидодкунии ину он ҳодисаи муҳити зисти кӯдакон, албатта, пеш аз ҳама, аз ғалатфаҳмию муносибати нодурусти худи калонсолони оила сар мезанад. Чунин тасаввурот ва мулоҳизаҳо асоси ҷаҳонбинии стихиявиро ташкил медиҳанд, чунки онҳо моҳияти ҳодисаҳо, сабабҳои пайдошавии онҳо, қонуниятҳои инкишофи табиат ва ҷамъиятро ҳоло дуруст дарк карда наметавонанд" [98, с. 200]. Синни хурдтари мактаб синни ташаккули шахсият буда, он бо муносибатҳои нав бо калонсолон ва ҳамсолон, шомил шудан ба тамоми системаи гурӯҳҳо, шомил шудан ба намуди нави фаъолият - таълим хос аст, ки дар назди хонанда як қатор талаботи ҷиддӣ мегузорад. Ба андешаи муҳаққиқ М.И. Лисина: "Нақши муошират бо калонсолон дар ташаккули

ҷаҳонбинӣ ҳалкунанда аст. Тавре ки фаҳмида мешавад, ин таъриф ба таъсири мутақобилаи фарҳанг ва ҷаҳонфаҳмӣ тамаркуз мекунад, зеро маҳз ба шарофати иштироки фаъолонаи одамон дар раванди эҷоди фарҳанг ҷаҳонфаҳмӣ ба вуҷуд меояд” [68, с. 36].

Муҳаққиқи рус Олими рус Е.В. Нефедова дар таҳқиқоти худ натиҷаи муносибати калонсолонро бо хонандагон хурдсол ба маврид чунин баён доштааст: “Барои хонандагони хурдсол калонсолон шахсе ба ҳисоб мераванд, ки тамоми ҳаёти кӯдак дар атрофи онҳо сохта мешавад. Ин дар мактаббачаи хурдсол зарурати дар хаёти калонсолон иштирок кардан, ба ҳамаи шаклҳои мураккаби фаъолияти калонсолон, муносибатҳои ӯ бо одамони дигар тақлид кардан, ба ҳамин тариқ давом додани таҷрибаи муносибатҳои эмотсионалии хонандаи хурдсолро ба миён меорад. Мактаббачаи хурдсол хушмуомила шуда, эҳсосот ва манфиатҳои одамони дигарро ба назар мегирад. Ӯ худро ҳамчун субъекти системаи муносибатҳои инсонӣ, субъекти дар ҳаёт мавқеи муайянеро ишғол мекунад, дарк мекунад. Мактаббачаи хурдсол худро ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ дарк мекунад. Хусусияти таҷрибаи иҷтимоии хонандаи синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки таҷрибаҳои эмотсионӣ дарки таъсири иҷтимоиро пешгӯӣ мекунанд. Мактаббачаи хурдсол, аз баҳодиҳии калонсолон ва муошират бо онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад, бинобар ин, аксар вақт дар вазъияти мушаххас, ӯ на худи идеяи иҷтимоӣ, балки баҳои эмотсионалии калонсолонро, ки барои ӯ эътибор доранд, қабул мекунад” [135, с. 36].

Аз иқтибоси зикргардида фаҳмида мешавад, ки яке аз зиддиятҳои асосии ташаккули шахсияти хонандагон дар он аст, ки қобилияти идора кардани рафтори худаш ташаккул меёбад, ҳамчунин, ӯ бечунучаро кӯшиш мекунад, ки намунаҳои рафтори калонсолонро пайгирӣ ва риоя намояд.

Пажуҳишгарон Т. Мустафоқулов ва М. Назруллоева бар ин назаранд, ки “дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани кори таълиму тарбия сифатҳои маънавӣ-психологии хонандагони синни хурди мактабӣ шакл мегиранд. Зеро, ки ташаккули сифатҳои маънавӣ-психологии шахсияти бачагон пеш аз ҳама, ба тарзҳои муносибати байниҳамии калонсолону ҳамсолон, яъне волидону

омӯзгорон, ҳамсинфон, муоширати коллективӣ ва фаъолияти таълимӣ вобаста мебошад. Махсусан, ҳангоми иштироки бачагон дар тарзҳои нави муоширати байниҳамӣ нисбат ба атрофиён ва коллективи синф дониш ва таҷрибаи рафтори маънавии онҳо васеъ шуда, барои ташаккули характеру ирода мусоидат мекунад" [82, с. 170]. Аз моҳияти мазкур бармеояд, ки барои инкишофи ҳамаҷониба ва самараноки таҳсилоти синни аввали мактабӣ таъмини ҳамкории дуҷонибаи омӯзгорон ва волидон, ворид намудани онҳо ба фаъолиятҳои гуногун ва барпо намудани муҳити боварибахш ва хайрхоҳона аз рӯзҳои нахусти таҳсил хеле муҳим аст.

Насли имрӯзаро бояд тавре тарбия ва ба воя расонем, ки фаъолияти онҳо ба талаботи бозори ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд ва чун шахсияти баркамол мавқеи худро дар ҷамъият пайдо карда тавонанд. Бинобар ин, пойдевори рафтори маънавӣ ва инчунин аз бар намудани меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори маънавии шахсият, ки аз синни хурди мактабӣ сарчашма мегирад, омӯзонидани меъёрҳо, қоидаҳои маънавӣ ва раванди дурусти омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳам дар муҳити оилавӣ дар мадди аввал қарор дошта бошад.

Сохти ҷамъиятии муҳит, ки кӯдакон дар он зиндагӣ мекунанд ба ташаккули идеалҳои кӯдакон таъсири назаррас мерасонад.

"Муҳит, ба андешаи Н.В. Савин, – инчунин гирду атрофи бевоситаи кӯдак, аҳли оила ва коллективи дар он таълиму тарбия мегирифтагии ӯ, ғайр аз ин шароити ҳаёти ӯ: хона, хӯрок ва ҷиҳози хона мебошад" [104, с. 32]. Бинобар ин, донистани характери одамони гирду атрофи бевоситаи кӯдакон ва омӯхтани таъсири шароити гуногун ба инкишофи онҳо муҳим аст. Яъне муҳит ҳам метавонад дар баробари таъсири мусбат таъсири манфӣ ҳам расонад.

Агар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим дуруст ба миён гузошта шавад, метавон гуфт, ки хонандагони хурдсол рафтору кирдори худро дигар намуда, тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии онҳо инкишоф мeёбад. Таълиму тарбия дар мафкураи мардуми мо, пеш аз ҳама, ташаккул додани қобилияти мадании кӯдакон ба ҳисоб меравад, ки бо ин васила метавон

ҷавҳари ақлонӣ ва ҷаҳонбинии онҳоро низ таҳким бахшид.

## 2.2. Асосҳои таълим ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ

Таълиму тарбияи насли наврас аз муҳимтарин масъалаи ҳалталаб ба шумор меравад. Оинномаи ахлоқӣ даъват менамояд, ки наврасонро дар роҳи ягонагиву рафоқат, омӯзишу меҳнатдӯстӣ, ростқавливу ватанпарастиву худшиносии миллӣ тарбия намоем, зеро таълими ибтидоӣ заминаи муҳимтарини ташаккули шахсият ва таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиши онҳо мебошад. Ҳамаи ин муҳимтарин одобу хислати инсон дар эҷодиёти шифоҳии халқ ба таври равшан ва барҷаста ифода ёфтаанд.

Истилоҳи эҷодиёти шифоҳии халқ аз ҷониби муҳаққиқон бо чандин истилоҳот: “адабиёти даҳанакӣ”, “адабиёти омиёна”, “эҷодиёти даҳанакии халқ”, “адабиёти мардум”, “фарҳанги мардум”, “фарҳанги халқ”, “адабиёти тудаҳо” ва “фолклор” мавриди истифода қарор гирифтааст.

Адабиётшинос ва фолклоршиноси шинохтаи тоҷик Равшан Раҳмонӣ корбурди истилоҳи “адабиёти омиёна”-ро, ки ба забони мо нисбати истилоҳоти дигар муносибтар ифода менамояд, мувофиқ медонад ва барои рангинбаёнӣ гоҳо аз мафҳумҳои “фолклор” ва “фолклоршиносӣ”, ки вирди забони муҳаққиқони ҷаҳон аст, истифода намуданро дуруст мешуморад [100, с. 3].

Ташаккули ҷаҳонбинии инсон дар давоми тамоми умр ҷараён мегирад. Ин ҷараён, дар раванди таълим бо дигаргуниҳои мунтазам ба инкишофёбии умумии хонандагони синни хурдсол вобастагӣ дорад. Синнусоли хурди мактабӣ хонандагони синфҳои 1-4-ро дар бар мегирад. Аз рӯйи таснифот бачагони аз 7 то 11- сола ба ин зинаи синнусолӣ рост меояд. Дар зинаи ибтидоӣ, ба хонандагони синни хурди мактабӣ барпокунии системаи мукаммали ақидаҳо нисбати қонунияти инкишофи табиат ва ҷамъият вазифа гузошта нашудааст. Аз ин рӯ, ҷаҳонбинӣ барои хонандагони синни аввали мактабӣ танҳо тавассути эҷодиёти шифоҳӣ, ки дар китобҳои забони модарӣ

оварда шудаанд, ибтидо гирифта, ба воситаи онҳо метавонанд тасаввуроту фаҳмиш, маълумот ва ғояҳои зайли ҷаҳонбинӣ ташаккул дода шавад. Масалан, ба воситаи хислату характери қаҳрамонҳо ва образнокии табиати афсонаву ҳикояҳо, тасаввуроти ибтидоии хонандагон дар бораи дигаргунии ҳаёти табиӣ дар фаслҳои сол, бориши барфу борон ва тандуру чароғак, дарк намудани одитарин алоқамандӣ ва вобастагии ҳодисаҳо дар инкишоф, тасаввурот роҷеъ ба моддӣ будани муҳити атроф ва дар инкишофи доимӣ будани он, фаҳмидани табиати мухолифатҳои таърихию иҷтимоӣ, тасаввурот дар бораи ҳаёти инсонӣ ва ғайриинсонӣ, фаҳмидани нақши ҳалкунанда бозидани халқ дар таърих ва ғайра оғоз мегардад. Пас метавон гуфт, яке аз воситаҳои муҳимми таълиму тарбия ва ташаккул додани ҷаҳонбинии кӯдакон адабиёт, ба хусус эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор меравад. Тавре ки Г.Н. Волков мегӯяд: «Дар паси тахайюлоти афсонавӣ ҳамеша ҷаҳони ҳақиқии ҳаёти халқӣ мавҷуд аст - ҷаҳон бузург ва рангоранг аст. Эҷодиёти бешумори мардум аз таҷрибаи мушаххаси зиндагии онҳо ба воя мерасанд ва хусусиятҳои ҳаёти ҳаррӯзаи онҳоро инъикос мекунанд» [30, с. 126].

Эҷодиёти шифоҳии халқ дар баробари адабиёти бадеӣ инъикоскунандаи ҳаёти ҷамъият, урфу одат ва таърихи он мебошад. Насри эҷодиёти шифоҳӣ намунаи ҳаёти маънавии халқ мебошад, ки дар гузашта низ миёни мардум хеле маъмул буд ва насли имрӯз ҳам, аз он баҳраваранд.

Дар асоси таҳлилҳо гуфтан ба маврид аст, ки дар нақшаҳои тақвимии маъмулии омӯзгорони мактабҳои миёна ғайр аз мақсади маърифатӣ мақсадҳои тарбиявӣ ҳам муайян мешавад, вале мақсадҳои тарбиявии онҳо на ҳама вақт ба хусусиятҳои ҷаҳонбинидоштаи мазмуни таълим мувофиқат мекунад. Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дониш ва фаҳму дарки предмету ашёҳои олами иҳотакарашуда вобаста мебошад. Аз ин рӯ, мо, метавонем дар муассисаҳои таълимӣ доираи дониш ва тасаввуроти хонандагони синни хурди мактабиро доир ба ҳодиса, воқеаҳо ва предметҳои табиат ба воситаи жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ ташаккул ва зиёд намоем ва қобилияти мушоҳидакорӣ ва шавқу ҳаваси омӯзонидани онҳоро

тараққӣ диҳем.

Педагоги рус И.Ю. Бабанский ба маврид аст, ки як зумра омӯзгорон асоси ташаккулёбии ҷаҳонбиниро дар истифодаи баъзе нишонаҳои дидактикӣ дар қисматҳои ҷудогонаи фанҳо мебинанд. Ба андешаи ӯ, ин тарзи муносибат дар шароити имрӯза кофӣ нест. Вазифа аз он иборат аст, ки ташакули ҷаҳонфаҳмии хонандагонро дар ҳар як дарс ва мавзуъ мавриди истифода қарор диҳем [21, 61].

Хонандагон дар вақти истифодаи зарбулмасалҳо, чистонҳо, суруду таронаҳо, афсонаҳо, тезгӯякҳо ба сифату хусусияти предмету ҳодисаҳои табиат ва гирду атрофи он шинос мешаванд, бойгариҳои маънавии халқи худро аз худ менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар педагогикаи солҳои 70-80-уми асри XX дар Тоҷикистон ба масъалаи нақши фолклор дар тарбияи хонандагон таваҷҷуҳи бештаре доштаанд. Аз ҷумла, дар маҷаллаи “Мактаби советӣ” як қатор мақолаҳои илмиву методии муҳаққиқон, омӯзгорони таҷрибадор ба табъ расидаанд. Б.Олимов, Ф.Икромов, Р.Ҳаётова, Н.Иномова, С.Тағоев паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқи моро баррасӣ кардаанд.

Омӯзгори рус А.Б. Гаврилова ба маврид таъкид медорад, ки дар айни замон бисёр проблемаҳои таълиму тарбия пеш аз ҳама аз он сабаб ба миён меоянд, ки бачаҳо аз дарки анъанаҳои халқӣ дур мондаанд ва ба тарбияи бачагон бо маданияти халқӣ кам диққат дода мешавад, ки таҷрибаи таъсири мусбати он исбот шудааст [144].

Дар воқеъ, эҷодиёти шифоҳии халқ кӯдаконро ба хислату характери миллӣ, равиши зиндагӣ ва урфу одати ҷамъият, хусусияти забонӣ ва инчунин ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият шинос менамояд. Беҳуда нест, ки насри эҷодиёти шифоҳиро дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо таҳрири наву пардози муосир бо шаклҳои гуногун [15, с 88; 16, с. 48; 14, с. 108] ва бо теъдоди зиёд ბознашр намуда, дар корҳои таълимиву тарбиявии муассисаҳо ва хонавода фаровон истифода мебаранд.

Қиссаи одамон ва ашё ба таври дигар ва бо забони форам онҳоро ба

омӯхтан ташвиқ мекунад.

Ба туфайли фолклор, кӯдак ба олами атроф ба осонӣ ворид мешавад, ҷозибаи табиати зодгоҳи худро пурратар эҳсос мекунад, тасаввуроти мардумро дар бораи зебоӣ ва ахлоқ азхуд мекунад, бо урфу одатҳо шинос мешавад, ба ибораи калом, дар якҷоягӣ бо лаззати эстетикӣ он чизеро аз худ мекунад, мероси маънавии халқ номиданд, ки бидуни онҳо ташаккули шахсияти комил имконнопазир аст [144]. Аз ин рӯ, бояд таваҷҷуҳ ва муҳаббат ба фолклорро тарбия кард. Барои ин методҳои фаъоли педагогӣ лозиманд, ки диққати хонандагонро эҷодиёти халқ барангезанд. Эҷодиёти шифоҳии халқ барои инкишофи ҳисси эстетикӣ ва тафаккури бадеии кӯдакон кумак намуда, майл ва завқи онҳоро нисбат ба табиат зиёд намуда, нутқашонро равон ва зеҳнашонро қавӣ мегардонад. Тамоми намуд ва шаклҳои хурди эҷодиёти шифоҳӣ, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиш ва шинос шудан бо табиат аз бар мекунанд, дар ташаккули характер ва олами маънавии онҳо аз ҳар ҷиҳат ёрӣ мерасонад. Барои ҳамин, дар оила ва муассисаҳои томактабӣ ҳам аз асарҳои эҷодиёти шифоҳӣ фаровон истифода менамоянд.

Бунёди эҷодиёти шифоҳии халқиро шеърҳову чистонҳо, қиссаҳову афсонаҳо, латифаву ривоятҳо ва ғайра ташкил медиҳанд, ки дар таълим ва такомули нутқ, зеҳн, тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии хонадагони синфҳои ибтидоӣ бетаъсир нахоҳанд монд. Агарчи бахши намоишномаҳои бачагона ва рассомӣ низ дар такмил додани фаҳму дарки кӯдакон бетаъсир нестанд, ба назари мо, масъалаи шеъру чистон, зарбулмасалу мақол ва қиссаву афсона дар рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муҳимтар ва пурарзиштар менамоянд.

Яке аз маъмултарин ва қадимтарин жанрҳои фолклор дар адабиёти бачагонаи тоҷик ин – афсона мебошад. Қисми зиёди афсонаҳо мазмуни фантастикӣ дошта, вале асоси ғоявии онҳоро ҳақиқати ҳаётӣ ташкил додаст. Дар афсонаҳо бештар орзу ва хаёлоти ширини мардуми меҳнаткаш инъикос ёфтааст. Афсонаҳоро инчунин маҷмуи ақида ва тасаввуроти халқ дар бораи зебоӣ, ҳодисаҳои табиат, муҳит, ҷамъият, муносибатҳои одамон номидан

мумкин аст. Дар афсонаҳо ақлу заковат, идрок, фаҳмиш ва ҷаҳонбинии халқ тасвири бадеии худро ёфтаанд [48, с. 122].

Жанри афсонаро ба се навъи жанрӣ: афсонаҳо дар бораи ҳайвонот, афсонаҳои муъҷизаангез ё тилисмотӣ ва афсонаҳои иҷтимоӣ-маишӣ тақсим мешаванд.

Дар фолклори тоҷик жанри афсона яке аз муҳимтарин жанри эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор рафта, мавқеи махсус дорад. Раҳмонов Р. чунин назар дорад: “Истилоҳи “афсона” дар адабиёт шифоҳӣ ва адабиёти таълифӣ ба шаклҳои гуногун: афсона, қисса, достон, ривоят, ҳикоят, саргузашт, нақл ва амсоли ин маънидод шудааст” [100 с. 8].

Афсонаро ҳамчун жанри алоҳида ва махсуси фолклори тоҷик олимону муҳаққиқони зиёде чун Б.Шермуҳаммадов, В.Асрорӣ, Р. Амонов, Д.Рабиев, Ш.Мирзоева, Д.Раҳимов, Р.Раҳмонӣ, А.Сӯфизода, Ҷ.Обидов, Ҷ.Бобокалонова ва дигарон аз нуқтаи назари илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Ҳар кадоме аз олимони номбурда оид ба ин ё он ҷиҳати афсонаҳои тоҷикӣ таваҷҷуҳ намуда, тадқиқоти илмиеро анҷом додаанд.

Афсона дар “Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ” чунин маънидод шудааст: “Афсона яке аз намудҳои машҳуру маъмули эҷодиёти даҳанакии халқ буда, ягон ҳодисаи табиӣ ва ё воқеаи ҷамъиятиро бо усули фантастикӣ тасвир менамояд” [79, с. 15].

Асрорӣ, В. Менависад: “Афсона – асари насрии эҷодиёти даҳанакии халқист, ки бо мурури замон ташаккул ёфта, дар фолклор ҳамчун жанр устувор гардидааст. Афсона аз ҳодисаҳои гуногуни бостонӣ, ҳам реалӣ, ки аз воқеаҳои зиндагии одамон таркиб ёфт, бо мақсади дарк намудани ҳаёт, талқини андешаҳои дидактикӣ, ғоявӣ – эстетикӣ вабаста ба ҷараёни мафкураи замон ва гӯянда нақл карда мешавад” [11, с. 200].

Фолклоршинос Равшан Раҳмонӣ жанри афсонаро чунин таъриф кардааст: “Нақлҳо ва қиссаҳои иҷтимоӣ, маишӣ, ҳаҷвӣ, ишқӣ, ибратангез ва пандомез, ки дар бораи инсонҳои гуногун, ҳайвонот, махлуқоти хаёлӣ ба монанди дев, парӣ, аждаҳо ва низ сеҳру ҷоду ва дигар воқеот ва ҳаводиси

саргузаштӣ, ки бо хаёли бадеъ, ба ҳайси андешаҳои рангин ва аҷибу ғариб баён кардаанд ва бо хаёлоти дилангезу пурҳаяҷон ба шунаванда ва хонанда завқу шавқ бахшанд ва орзуҳо ва ормонҳои мардумро инъикос диҳад ва некиҳо чун раҳму шавқату шодивю сурурро ба бадиҳо чун нафрату адоватро бедор кунад, афсона номида мешавад” [100, с. 17-18].

Дар таҳиқоти муҳақиқи Қодиров Қ.Б чунин омадааст: “Афсона яке аз муҳимтарин жанри эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор рафта, дар худ хирад ва ғановати маънавии халқро таҷассум менамояд. Аз тариқи афсонаҳои хуб кӯдакон аз бисёр арзишҳои ахлоқӣ пай мебаранд. Пойдорӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ, шуҷоат, навъи дӯстӣ, умедворӣ, озодагӣ ва ҷавонмардӣ, арзишҳое ҳастанд, ки дар маркази бисёре аз афсонаҳо қарор доранд. Афсона аз намунаи инкишофёфтаи наср аст, ки бешубҳа, реша дар эҷодиёти шифоҳӣ дорад ва ҳамчун манбаи боарзиш дар инкишофи тафаккур, фаҳмиш, нутқ, камолот ва ҷаҳонбинии насли наврас дар тӯли солҳо хидмат кардааст, зеро дар онҳо масъалаҳои муҳимми педагогӣ ба воситаи образҳои дилчасп ифода ёфтаанд. Афсона бо хусусияти антропоформизмаш (ба ҳайвонот қобилияти фикр кардан, гап задан, чун одамон фаъолият намудан бахшидан) фарқ мекунад ва ин қувваи эмотсионалии онро баланд мебардорад” [63, с. 24]. Тадқиқотҳои психофизиологӣ нишон медиҳанд, ки дар кӯдакони синни наврасӣ нимкураи чапи майнаи сар бештар фаъолият мекунад ва аз ин рӯ, наврасон ба ҳолатҳое таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки онҳо тобиши эмотсионалиро доранд. Афсонаҳо, ки табиатан хусусияти эмотсионалӣ доранд, таваҷҷуҳи наврасонро ба худ ҷалб мекунанд.

Афсонаҳо ба таври равони насрӣ гуфта мешаванд, вале дар онҳо порчаҳои шеърӣ низ метавонанд ҷой дошта бошанд. Ин қабил порчаҳо дар мавриди гуфтугӯйи фикри қаҳрамони афсона истифода мешаванд. Инро дар афсонаи “Гунҷишк”, “Чӯбаки сандалвор”, “Бузаки чинибинӣ” ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст, ки завқ ва диққати хонандагонро бештар ба афсона ҷалб менамояд. Масалан порчаҳо дар афсонаи “Бузаки чинибинӣ” зиёд истифода гардидаанд, мо ин ҷо намунаеро аз лаҳзаи бузи чиниминӣ, ки ба

боми рӯбоҳ рафта, худро муаррифӣ мекунад, аз “Куллиёти фолклори тоҷик” чунин намуна меоварем:

“Маюм бузаки чиниминӣ,
Ду шох дорум, ду бинӣ.
Ҳур ду биним хидманӣ.
Ҳар ду шохум кидманӣ,
Кӣ хурдай Ҳулули ман?
Кӣ хурдай Балули ман?
Кӣ тиру камон дора?
Мероя ба ҷанги ма?” [56, с. 148-149].

Афсонаҳо ба наврасон имконият медиҳанд, ки масъалаҳои барои худашон муҳимро аз афсонаҳо пайдо намоянд, тавассути он ба олам ворид шуда, ба маърифати он гузаранд. Муҳаққиқ А. Сӯфизода бар ин назар аст: “Ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии одамизод нахустин бор дар асотир ва афсона, нақл ва ривоятҳои шифоҳӣ ифода ёфтааст” [111, с. 12].

Афсонаҳо дар ҳама давру замон, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҳаёти маънавии халқ барои тарбияи ҷавонон ва васеъ намудани донишу ҷаҳонбинии онҳо, дар мубориза бар зидди баъзе боқимондаи урфу одатҳои куҳнаи феодалӣ, ки дар он замон ҷонсахтона умр ба сар мебурд, аҳамияти калон дошт [87, с. 24].

Аз тарафи дигар, афсонагӯйӣ мақоми аввалро дар омӯзиш, рушди тахаюл, кунҷкобӣ, ҳушмандӣ ва ҷаҳонбинии кӯдакон дар синни тобактабӣ ва синни аввали мактабиро дорад.

Муҳаққиқон Н. Ҳабибова ва М. Нургулова чунин назар доранд: “Афсонаҳо дар фитрати кӯдак барои тамоми ҳаёт асосҳои рафтор ва муоширатро ташаккул медиҳанд, ӯро аз ҳама чизе, ки дар муносибати ӯ ба олами атроф халал ворид мекунад, огоҳ менамоянд” [118, с. 89].

Аксари афсонаҳои эҷодӣ дар тӯли солҳо ба туфайли сайри ҷаҳон кардани худ аз сарватҳои маънавӣ ва таҷрибаи рӯзгори қавмҳои гуногун баҳра гирифта, то замони мо расидаанд, ки метавон онҳоро як навъ пандномa ё ганҷинаи

ҳикмат ном бурд.

Методикаи кор бо афсона таърихи чандинсола дорад. “То замони корҳои таҳқиқотии муҳаққиқон Бруно Беттелгейм (1903-1990), К.Г. Юнг (1875-1961), В.Я. Пропп (1895-1970) афсонаҳо аз ҷониби табақаи поёни ҷамъият барои дилхушӣ нақл мешуданд, ки хоси онҳо буд. Баъд, дар асоси таҳқиқотҳои илмии педагогӣ-психологӣ консепсияи муосири кор бо афсона ба вуҷуд омад” [141].

Дар осори Гнездилов А.В. чунин омадааст: “Равоншиносон ва педагогҳои машҳур ба эҷодиёти шифоҳӣ баҳои баланд додаанд ва афсонаро як навъи педагогикаи халқӣ шуморида, воситаи самарабахши психологӣ ва инкишофдиҳандаи инсон арзёбӣ намудаанд. Аз ин рӯ, ташкили дарси махсуси афсонахонӣ ва афсонагӯиро ҳамчун шакли тарбия ва воситаи инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакони синни аввали мактабӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳим шуморида мешавад. Дар раванди дарс педагог бояд чунин афсонаҳоеро интихоб намояд, ки таваҷҷуҳи кӯдаконро ҷалб намоянд ва мундариҷаи афсона барои онҳо фаҳмо бошад. Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки афсонанақлкунӣ санъат ва маҳорати махсуси педагогиро талаб менамояд.

Асрҳои аср афсона ҳамчун воситаи хуби муассири таъсиррасонӣ ба ҳолати рӯҳии кӯдак истифода мешуд” [37, с. 56]. Одатан, волидон ва умуман калонсолон пеш аз хоб ба кӯдакон афсона мегӯянд. Ин анъана аз таърихи тамаддуни башар вазифаи асосии калонсолони хонавода буд. Афсонаҳо танҳо барои андармон ва хоб кардани кӯдакон нақл карда намешаванд, балки дар тарбияи муайян ва инкишофи шуур, хаёл, ҳиссиёт ва ҷаҳонфаҳмии онҳо таъсири амиқ мерасонад. “Афсона барои кӯдак на танҳо хаёлот, балки як воқеияти махсусест, ки барои дар худ барпо кардани олами ҳиссиёт, муносибатҳо, категорияҳои муҳимтарини ахлоқӣ, дар оянда - ҷаҳони маънохои зиндагӣ кӯмак мекунад. Афсонаҳо кӯдакро аз ҳаёти оддӣ берун мекунанд” [143].

Бинобар ин, зарур аст, ки аз ҷониби падару модарон ҳам анъанаи

афсонахонӣ дубора эҳё гардад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки вақте кӯдак бодиққат ва бо сабр қиссаеро гӯш мекунад ва аз шунидани он лаззат мебарад, сабрро машқ мекунад ва маҳорати хуб гӯш кардан ва масъулият ва пойбандӣ ба гуфтаҳои ӯ дар ӯ мустаҳкам мешавад. Вай бо шунидани ҳикояҳо ва шиносоӣ бо калимаҳои нав захираи лексикаи ақлии худро инкишоф медиҳад, ки барои муошират бо ҷаҳони беруна кӯмак мекунад. Инчунин, бо шунидани қиссаҳои нек хислатҳои неки ахлоқӣ ва инсониро инкишоф ва мустаҳкам менамояд. Назари ӯ дар ҳалли мушкилот тағйир меёбад ва ҷаҳонфаҳмиву ҳазорон чизҳои дигари хубе дар кӯдак ба вуҷуд меоянд, ки ӯро инсон месозад.

Кӯдакон тавассути афсона доираи назарашонро васеъ мегардонанд, аз қонуну қоида ва меъёру арзишҳои ҷамъиятӣ бохабар мешаванд ва ҳамчунин, ба моҳияти неку бад сарфаҳм мераванд ва ҷаҳонфаҳмиашон дар зимни ҳамин меъёрҳо ташаккул меёбад. Шунидани афсона барои кӯдакон имкони тасвирсозиро фароҳам меоварад. Ҳамчунон, ки кӯдак афсонаро мешунавад, саҳнаҳо ва амали шахсиятҳоро дар тахайюлоти худ меофарад. Тавонии ҷисм ва хаёлбофӣ оғози тасвири офариданда аст. Ба назар мерасад, ин тавоноӣ бар рушди шинохти иҷтимоии кӯдакон таъсири мусбат дошта бошад. Муҳаққиқ Эллен Грин бар ин назар аст, ки "кӯдаконе, ки омадагии бештаре барои намоиши тахаюлӣ доранд, дар муқоиса бо кӯдакони дигар тавонотар ҳастанд" [91, с. 51].

Ба ақидаи А.В. Гнездилов: "Афсонаҳои халқӣ, асоси доираи мутолиаи кӯдаконро ташкил медиҳанд. Дар афсонаҳо шавқоварии мазмун, тасвири барҷастаи қаҳрамонҳо, мувофиқати образҳои хаёлӣ бо ҳақиқати воқеӣ ва ифоданокии байни ҳодисаҳо ба кӯдакон таъсири бузурги эмотсионалӣ мебахшанд" [63, с. 24].

Афсонаҳо дар бораи ҳайвонот дар эҷодиёти ҳамаи халқҳо, аз ҷумла дар фолклори тоҷик низ хеле зиёд ва маъмуланд. Персонажҳои онҳо дорои хислатҳои одамӣ буда, бо мақсади таълиму тарбия эҷод гардидаанд.

Дар миёни мардуми мо афсонаҳои сеҳрноки "Фариштамоҳи зебову доно", "Эраҷи девафкан", "Деҳқон ва Хирс", "Духтари ҷасур", "Рӯбоҳи

заррин”, “Гурзод”, “Чархи гардон, дуки ларзон”, “Водарег”, “Султон - саги зард”, “Робиаи чилгазамӯй” ва монанди инҳо хеле машҳуранд.

Муҳаққиқони тоҷику эрон бештар ба истилоҳи “афсонаҳои тамсилӣ” такя кардаанд.

Фолклоршиноси тоҷик В. Асрорӣ афсонаҳои тамсилиро аз ҷиҳати мазмун ва услуб ба ду гурӯҳ  тақсим намудааст: “1) афсонаҳое, ки дар онҳо воқеаҳои шавқовари саргузаштӣ тасвир гардидаанд. Масалан, афсонаи “Рӯбоҳи маккор”, ки чунин аст: “Рӯбоҳ либоси шайхони парҳезгорро дар бар карда, бедонаву мурғу хурӯсро ба доми худ гирифтор мекунад”. Ё афсонаи “Хомӯшак”: “Ба пои хомӯшак хор мехалад. Ӯ назди буз, гург, сайёд, муш, гурба ва монанди инҳо рафта, илтимос мекунад, ки хорро аз пояш кашида гиранд. Онҳо намехоҳанд. Дар охир шамол бузро маҷбур мекунад, ки хори пои хомӯшакро хӯрад”. 2) афсонаҳои пандомез, ки ҳодисаву воқеаҳои ҳикматнок тасвир мегарданд” [12, с.218-219]. Хаёлот дар афсона одатан дар асоси ҳақиқати зиндагӣ ба таври махсус эҷод мегардад. Ҳар афсона, ки ҳатман дар он зиндагӣ ва рафтору амали меҳнати инсон тасвир мешавад, новобаста аз ин ки чигуна мазмуни хаёлӣ дорад, муносибату муомилаҳои мардум ва андешаву ҷаҳонбинии онҳо ифода меёбад.  Масалан, афсонаи “Аз ҳама кӣ зӯр?”, ки чунин аст:

- “Мӯрча-ако!
- Лаббай!
- Саратон чаро ин қадар калон?
- Аз бисёри давлатамон.
- Миёнатон чаро ин қадар борик?
- Аз бисёр меҳнатамон”

Ин афсона, ба кӯдакон панд медиҳад, ки дар ҳаёт на он нафаре, ки дасту панҷаи пурзӯр дорад, зӯр аст, балки ҳамон нафаре, ки зиёд меҳнат мекунад, аз ҳама зӯртар аст.

Тариқи омӯзиши ингуна афсонаҳо, кӯдакон дарк мекунанд, ки чӣ гуна бо дигарон иртибот пайдо намоянд ва муносибати худро бо атрофиён дар

асоси чӣ устувор кунанд. Дар чӣ хислатҳои писандида ва рафторҳои нописандида мавриди сарзаниш қарор мегирад. Кӯдакон, ҳамчунин, дарк ва фарқ гузоштану шинохтани дӯсту душманро ёд мегиранд.

Дар эҷодиёти кӯдаконаи ҷамъияти мо гург, харгӯш, асп, фил, буз ва рӯбоҳ бештар нақш меофаранд. Гург, харгӯш, фил, асп ва рӯбоҳ дар афсонаҳои зиёде чун “Гург ва Харгӯш”, “Саъва ва Фил” [1, с. 121-122], “Гурги нодон” [1,с. 132-133] ва ғайра нақш доранд. Рӯбоҳ дар ҳар афсонае нақши гуногунеро бозӣ мекунад ва бо ҳилаву найранг ва тезҳушияш дар бисёр мавридҳо мағлуб ва гоҳо пирӯз аз майдон берун меояд. Кӯдакон аз чунин навъи афсонаҳо, ҳамчунин дар мавриди зиндагии хирс дар зимистону баҳор, тарзи шикори гург ва ё ноком гаштани ӯ дар шикор, хусусиятҳои харгӯш ва аз дигар ҳайвонотҳо маълумотҳои гуногунро меомӯзанд. Масалан, нақшаи тавзеҳотӣ аз фанни хониши бадеиро, ки дар хонандагони синфи 1 “б ”- шаҳри Бохтар ба нақша гирифтаем, зикр кардан ба маврид аст:

**Мавзуъ:** **Деҳқон ва Хирс**

**Мавод : китоби дарсии сифи 1-ум саҳ .**

**Салоҳияти фаннӣ:** Матнҳои ба талаботи синфи 1 мувофиқро бо риояи мувофиқ хонда метавонад ;

**Салоҳияти умумии таълимӣ:** Муайян кардани алоқаи сабабу натиҷа дар рояи масъалаҳои омӯхташуда;

**Салоҳияти тарбиявӣ-ахлоқӣ**: Нигоҳ дошта тавонистани мувозинат дар сухангӯи, гӯш кардан ва ҷавоб додан;

**Мақсади таълимӣ** : Хонанда матни “Деҳқон ва Хирс”-ро хонда ба саволҳои “ Кӣ? Чӣ?, Кай?, Дар куҷо?, Барои чӣ? ҷавоб дода тавонанд.

**Мақсади маърифатӣ** : Хонанда аз матни :” Деҳқон ва Хирс ” амалҳои некро дар муқоиса бо амалҳои бад номбар карда тавонад;

**Намунаи кори хонанда :**

Деҳқон бо ки ошно шуд ? Рӯзе деҳқон бо хирс ошно шуд.

Деҳқон бо хирс чӣ маслиҳат кард ? Маслиҳат карданд.ки якҷоя шалғам коранду байни худ тақсим кунанд.

Симоҳои асосии афсонаро гуед ?  Симоҳои афсона : Бобои деҳқон ва Хирс аст.

**Ҷадвали 2.1 “ Дониш ва малака ”**

| Дониш | Малака |
|---|---|
| Симоҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро медонанад; Амалҳои нек ва бадро муайян карда метавонад; Аз рӯи матни хондашуда саволу ҷавоб карда метавонад; | Гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда метавонад; Амалҳои нек ва бадро гурӯҳбандӣ карда метавонад; Аз рӯи матни хондашуда саволу ҷавоб карда метавонад; |

**Равиши дарс :**

1. **Қисми ташкилии дарс :**а) Омода намудани синфхона ва хонандагон ба дарс;)

**2.Арзёбии дарсҳои гузашта** : Саволу ҷавоб (шифоҳӣ)

**3. Ангезиши зеҳн :**

Бачаҳои азиз ба ин расмҳо менигарем: (Расми хирс ва деҳқон)

Ба фикри Шумо инҳо кистанд?

**Хонандагон :** 1. Расми хирс аст , ин ҳайвони ваҳшӣ мебошад.

2.Расми бобои деҳқон мебошад , ӯ аз саҳар то шом дар саҳро кор мекунад.

**4. Бачаҳо оё инсон бо ҳайвон дӯст шуда метавонад?**

Дар асл не , мо ин дӯстиро танҳо дар афсонаҳо мебинем.

Акнун ман як афсонаи “Деҳқон ва хирс”-ро ба шумо мехонам бо диққат гӯш кунед.

**5.Саволу ҷавоб:** Деҳқон бо чӣ ошно шуд?

Онҳо чӣ маслиҳат карданд?

Бори дуюм чӣ ҳодиса рӯй дод?

Чарои дӯстии деҳқону хирс барҳам хурд?

Симоҳои асосии афсонаро гӯед?

Сабабу натиҷаи барҳам хурдани дӯстӣ дар чист?

**6.Нақшофарӣ:** Гӯянда , деҳқон ва хирс .

**7. Лаҳзаи дамгирӣ:** Бозии “Седугона як бегона”

**8. Бачаҳоим азиз, акнун ба китоб менигарем “Чистон ва тезгӯяк ”**

**Чистон:** Ки бошад ин паҳлавон.

Паҳлавони бешабон ,

Хоболуди зимистон ,

Марди кори тобистон ( Хирс )

**Тезгӯяк:** Замира зира захира кард.

**9.Ҷамъбасти дарс:** Дар дарс имрӯз фаъол буданд. Арзёбӣ

Дар чунин афсонаҳо, ҳамчунин, камолоти ахлоқӣ, шуҷоат, иттиҳод, эҳтиром ба калонсолон ва дӯстиву рафоқат баён шуда, дар муқобили сифатҳои зиддиахлоқӣ, ба монанди танбалӣ, ҳасудхӯриву муфтхурӣ, фиребгарӣ ва ғайра низ зикр мешаванд. Халқ хулқу атвори ҳар ҳайвон, парранда ва ҳашаротро мушоҳида карда, хулосабарорӣ намудааст ва типҳои мусбату манфиро офарида, онҳоро дар осори худ бо мақсади тарбияи насли наврас истифода кардааст. Масалан, мӯрча, ки ҳамеша дар ҳаракат аст, ҳамчун меҳнаткаш; харгӯш, ки аз одитарин ҳаракати инсон дар ҳарос аст, тарсончак; саг, ки ҳамеша бо аҳли хонавода дӯстӣ дорад, вафодор; шер, ки бо ҷасорату ҷанговариаш миёни дигар ҳайвонҳо машҳур аст, шоҳ ва ғайра номгузорӣ шудаанд.

Дар афсонаҳои тамсилӣ, аз як ҷониб хислаҳои хоси ҳар як ҳайвон ба инобат гирифта шуда бошанд, аз ҷониби дигар, ҳамаи хати сюжет ва амалиёти персонажҳо муносибати ҷамъиятӣ, хулқу атвори гуногуни ҳаёти одамият дар madди назар гирифта шудааст [11, с. 247].

Вақте ки ҳайвонҳо ва паррандагони безабон сухан мекунанд, хонандагон худро хушҳол ҳис мекунанд ва мехоҳанд, ки ҳамроҳи онҳо гап зананд ва амалиёти онҳоро иҷро намоянд.

Дар китоби "Алифбо" суҳбат аз рӯйи расм дода бошад, дар синфи сеюм матни зерини афсона дода шудааст.

Як намуна аз афсонаи "Гурги нодон"-и кӯдаконаро меоварем: "Будааст, набудааст, як гург будааст. Вай бисёр гурусна мондаасту дара ба дараю саҳро ба саҳро гашта, дар ҳеҷ ҷо хӯрок наёфтааст. Гурги гурусна харобу беҳол шудааст. Рӯзе вай ғамгину маъюс дар роҳ бо Бузаке вохӯрдааст.

– Оҳ, Бузаки меҳрубон! – гуфтааст Гург. – Туро ёд кардам.

– Аз гапҳоят маълум, ки маро хӯрдан мехоҳӣ, гуфтааст Бузак. Агар розӣ бошӣ, ман ба паси кӯҳ рафта, зираю пиёз хӯрда меоям. Гӯштам бомаза мешавад. Кайф карда мехӯрӣ!

Гург ба суханони Бузак бовар карда, розӣ шудааст. Бузак рафтаасту дигар барнагаштааст.

Гурги гурусна боз машғули ҷустуҷӯйи хӯрок шудааст. Ногаҳон аз пеши ӯ Аспе баромадааст.

– Ба пойи худат омадӣ, – гуфтааст Гург пеши роҳи Аспро гирифта.

– Маро хӯрдан мехоҳӣ? – пурсидааст Асп. – Ин тавр бошад, як хоҳиш дорам. Ман ба як ҷо хат бурданиям. Агар каме дар ҳамин ҷо биистӣ, зуд бармегардам, баъд маро маза карда мехӯрӣ.

– Ку, он хатро нишон бидеҳ! – талаб мекунад Гург.

– Хат дар таги пойи ақибам, бовар накунӣ, худат омада бин! – гуфтааст Асп.

Гург ба таги пойи рости Асп нигоҳ карданӣ шудааст. Асп ба рӯйи Гург чунон лагади сахт задааст, ки ҳамаи дандонҳои вай шикаста, беҳуш шуда афтидааст. Асп хандида, чорхеззанон рафтааст.

Гург баъд аз чанд вақт ба ҳуш омада, дидааст, ки ҳам Асп аз даст рафтаасту ҳам бедандон мондааст. Вай ҳарчанд зӯр задааст, лекин аз ҷояш хестан натавонистааст" [1, с. 132–133].

Дар афсонаи зикргардида қаҳрамони он гурги нодоне ҳаст, ки гурусна монда, дар ҷустуҷӯйи хӯрок будааст ва аз содагии хеш сайди худро аз даст медиҳад. Ҳадафи асосии афсона дар он аст, ки насли наврас бояд дар зиндагии хеш ба ҳар кас бовар накунанд ва ҳамчунин, дар замони кунунӣ зираку ҳушёр бошанд, то аз фиребу маккории дигарон дар амон бошанд.

Аз таҳлили афсонаи "Гурги нодон" бармеояд, ки ҳайвонҳо амали шабеҳи инсон доранд ва ба осонӣ метавон онҳоро бо типҳои гуногуни инсонҳо татбиқ дод.

Т. Мустафқулов ва М. Назруллоев бар ин назаранд, ки барои инкишофи хаёли ғайриихтиёрии бачагони синни хурди мактабӣ пеш аз ҳама, хондани ҳикояҳо, қиссаҳо, афсонаҳои аҷоиб аҳамияти басо калон доранд. Масалан, Афсонаҳои халқи тоҷик [82 с. 169].

Ҷонварон дар афсонаҳои кӯдакона бар асоси ҷуғрофия ҳам зоҳир мешаванд. Ҳар иқлиме ҷонварони хоси худро дорад, ки дар дигар иқлимҳо ҷонварони ноёб ё камёб ҳастанд. Барои мисол, ҳайвони хонагии австралиягӣ кенгуру аст ва ё  паланг, гавазн ва ҳамчунин шутур, ҷонвари махсуси минтақаҳои гарму биёбонӣ аст, аммо дар афсонаҳо зикр мешаванд, ки фаҳму дарк ва тахайюли кӯдаконро нисбат ба ин гуна ҳайвонҳо бедор месозад. Масалан, яке чунин афсонаҳо  "Паланг, гавазн ва рӯбоҳ" мебошад, ки чунин аст: "Боре паланг дар пастхамии теппае сайру гашт карда мегашт. Якбора дид, ки гавазни хурдакаке дар зери дарахтон дар алаф charида гаштааст. Гавазн палангро дид ва аз тарс дар ҷояш шах шуда монд. Роҳи гурез набуд. Он гоҳ гавазн тамоми далерии худро ҷамъ намуда, хост палангро фиреб диҳад. Вай пай бурд, ки ин паланг то ҳол ҳеҷ гавазни зиндаро надидааст. Барои ҳамин худро чунин нишон дод, ки гӯё палангро намебинад ва рӯяшро гардонида, чаридан гирифт.

Паланг дар тааҷуб монд, ки: "Барои чӣ ин ҳайвони аҷоиб намегурезад?" Вай ба гавазн наздиктар шуда пурсид:

- Гӯед азизам, барои чӣ дар болои сари шумо шох аст?
- Барои палангро пора кардан!

- Гӯед, барои чӣ дар биқинатон ин қадар доғҳои сафед бисёранд? –пурсид боз паланг.

Гавазн ҷавоб дод:

- Ҳар боре, ки ман як паланг хӯрам, дар бадани ман як доғи сафеди нав пайдо мешавад. Ман бародарони туро чунон бисёр хӯрдаам, ки акнун ҳамаи доғҳои баданамро ҳисоб карда наметавонам!

- Паланг инро шунида тарсид ва гурехта рафт. Паланг дар роҳ рӯбоҳро дида монд ва ба ӯ дар бораи тарси худ нақл кард. Рӯбоҳ хандида фиристонд.

- Гавазни хурдакак туро фиреб кардааст! – гуфт рӯбоҳ.

- Вале паланг ба гапи ӯ бовар накарда бошӣ, - гуфт рӯбоҳ, - иҷозат деҳ, ки ман дар пушти ту савор шавам ва мо якҷоя ба пеши гавазни хурдакак рафта, ҳамаашро фаҳмида гирем.

- Вақте ки гавазн онҳоро дид, фаҳмид, ки рӯбоҳ ҳамаи ҳақиқатро ба паланг гуфта додааст. Акнун чӣ тавр халос шавад? Якбора ба ӯ ба тамоми овоз фарёд зад:

- Раҳмат, азизам, хоҳарак-рӯбоҳ! Дирӯз ту ба ман ваъда дода будӣ, ки паланги калонеро меорӣ. Мебинам, ту ба гапат истода метавонӣ! Чӣ хел паланги зебоеро барои ман овардӣ! Дар вақташ омадӣ, айнан дар вақти хӯроки пешин!

Паланг инро шунида, худро ба қафо кашид ва рӯбоҳи бечораро газида гирифта, бо тамоми қувва гурехта рафт” [56, с. 172].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ жанри афсонаро барои имконияти ҳамдардӣ ба қаҳрамонҳои дӯстдоштаашон бештар мепарваранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, афсонаҳо дар бораи ҳайвонот таҷрибаи зиндагиро аз ҳама беҳтар ба кӯдакон меомӯзонанд.

Муҳаққиқ Муҳаммадҳодии Муҳаммадӣ бар ин назар аст, ки шахсиятҳои гиёҳӣ бар се навъ тақсим мешаванд:

“а) шахсиятҳои гиёҳии решадор, ба монанди дарахт, бутта ва ҳар шахсияти гиёҳии дигар, ки бо реша дар замин бошанд;

б) шахсиятҳои гиёҳии донаӣ ва мевагӣ, ба монанди тамоми донадор, аз

ҷумла гандум, лӯбиё ва ғайра ва ҳамчунин, шахсиятҳои мевагӣ ба монанди себу шафтолуву ҳандалаву каду ва ғайра;

в) шахсиятҳои гиёҳии гулмонанд, ба монанди қосидак, навҳои гуногуни гул, ки аз бутта ҷудо мешаванд” [83, с. 184-185].

Бо шарофати образҳои бадеӣ ва забони махсуси афсонагӯи дар кӯдакон эҳсоси зебоипарастӣ рушд мекунад. Афсона пардаро ба олами асрор ва муъҷизаҳо, ба олами марғуб, вале ба таври возеҳ эҳсосшаванда мекушояд. Ҳар як афсона маънои нуҳуфта, пинҳонро дорад, дилхоҳ афсона некӣ, ростқавлӣ, адолат, ҳамдигарфаҳмӣ ва шафқатро тарғиб мекунад. Мафҳумҳои ахлоқие, ки дар тасвири қаҳрамонҳо ба таври возеҳ ифода ёфтаанд, дар ҳаёти воқеӣ ва муносибат бо наздикон амалӣ мегарданд, ба меъёрҳои ахлоқие табдил меёбанд, ки хоҳишҳо ва амалҳои кӯдакро идора мекунанд.

Метавон гуфт, ки дар замони муосир усули кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи афсонаҳо ва қаҳрамонони он дар тарбияи хислату нишонаҳои таҳаммул ва эҳтироми кулли инсонҳо аз ҷониби олимони равоншинос, педагогика ва логопедия фаъолона таҳия мегардад. Чунки ҳатто, дар афсонаҳои аз ҳама содаву хурд лаҳзаҳои пандомӯз ва дорои хусусиятҳои волои тарбиявӣ ва ахлоқӣ мақоми пурарзиш доранд.

Эҷодиёти шифоҳӣ ва махсусан афсонаҳо, ба андешаи мо, василаи боэътимод дар ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ, башардӯстӣ, инсонпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбанд.

## 2.3. Таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳии халқӣ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Адабиёти хаттӣ ё нигошта бо такя ба адабиёти шифоҳӣ таҳияву эҷод ва такмил ёфтааст. Адабиёти шифоҳӣ муқаддамтар аз адабиёти расмии хаттӣ падид омада, ҳангоми эҷод ё пайдоиши падидаҳои бадеии адабиёти шифоҳӣ ба монанди сурудҳову таронаҳо, қиссаҳову афсонаҳо, зарбулмасалу чистонҳо ва ғайра бо оғози зиндагии иҷтимоии инсон ҳамқадам аст ва таърихи басе дарозу куҳан дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки кӯдакон пеш аз он ки ба эҷодиёти хаттӣ даст ёбанд, аз манбаъҳои эҷодиёти шифоҳӣ баҳравар

мегарданд. Эҷодиёти шифоҳӣ аввалин манбаи рушду дарки ҷаҳонфаҳмии кӯдакон мебошанд. Падару модар ва умуман, калонсолони хона ҳар он афсонаву сурудҳову шеърҳое, ки шунидаанд ва дар зеҳн доранд, ҳамон эҷодиёти шифоҳист, ки барои кӯдакон нақл мекунанд.

Дарвоқеъ, эҷодиёти шифоҳии халқ дар баробари адабиёти бадеӣ инъикоскунандаи ҳаёти таърихиву иҷтимоии миллии халқ буда, дар ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷой ва мавқеи хос дорад ва бо ҳаёт ва зисти мардум пайваста арзи ҳастӣ мекунад. Чуноне ки зикр гардид, хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути манобеи назмиву насрии эҷодиёти шифоҳӣ ба характер, урфу одат ва тарзи зиндагии халқ, фикру ақида ва ҳодисаву воқеаҳои табиат шинос шуда, қобилияти фикрию эҷодӣ ва тафаккури ҷаҳонфаҳмии онҳо ташаккул меёбад. Ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тибқи омӯзиш, ба хусус омӯзиши манобеи гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ васеъ ва ташаккул меёбад.

Ҷаҳонфаҳмӣ ин ба маънои ҷамъи донишҳо, эътиқодҳову идеалҳо, ки одамон муносибати худро ба муҳити фарогирифтаи табиӣ ва иҷтимоӣ зоҳир менамоянд, фаҳмида мешавад, ки ҳамаи ин дар эҷодиёти назмиву насрии шифоҳӣ инъикос ёфтааст.

Муҳаққиқ Д. Латифов дар таҳқиқоти худ чунин зикр менамояд: “Дар шароити кунунӣ бидуни таълиму тарбияи бардавом ва махсус дар зиндагӣ судманд иштирок намудани инсон мушкил аст. Махсусан тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият, сотсиализатсияи ӯ, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодии ӯ болу пар мекушояд. Ва дар ин кор саҳми эҷодиёти бадеии халқ калон аст” [66, с. 44-45]. Муҳаққиқ ҳамчунин қайд менаомяд, ки ҳамин тавр дар инкишоф ва ташаккулёбии шахсият тавассути эҷодиёти бадеии халқ аломатҳои инфиродӣ бо таъсири омилҳои ирсият, муҳит, ҳолати демографӣ ва хусусан тарбия рушд меёбад.

Хушбахтона, эҷодиёти шифоҳии мардуми моро саросар мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия, илмомӯзиву таҷрибаандӯзӣ ва ташаккули рушди

ҷаҳонбинӣ ва камолоти инсонӣ фарогир мебошад. Мундариҷаи эҷодиёти даҳанакии халқ, - мегӯяд Носирҷон Маъсумӣ, - ниҳоят бой аст: панду насиҳат, таълиму тарбия, қаҳрамонӣ-паҳлавонӣ, софдилӣ, фидокорӣ-вафодорӣ, ҳунаромӯзӣ-санъатварӣ, муҳаббати самимӣ, ҳикматомӯзӣ, ахлоқу одоб, ҳаҷв-шӯхӣ, суханварӣ-ҳозирҷавобӣ, муносибат ва муомилаи ҷамъиятӣ, шикоят, мубориза, инъикоси беҳтарини орзӯю ҳавас, талаби хоҳиш дар бораи ҳаёт ва ҷамъияти озод, оромӣ ва хаёлӣ дар муборизаҳои синфӣ-сиёсӣ, дар мубориза бо табиат эҷод карда, ба шакл даровarда шудаанд, ки инъикос ва хулосаҳои ҳаётӣ-ҷамъиятӣ мебошанд [85, с. 5].

Манобеи эҷодиёти шифоҳии бачагонаро метавон дар ду бахши ҷудогона: бахши назм (байтҳо ва дубайтиҳо, суруду таронаҳо ва ғайра) ва бахши наср (қиссаҳову афсонаҳо ва ҳикояҳову латифаҳо ва ғайра) мавриди баррасӣ қарор дод. Кӯдакон ба воситаи дониши азхудкардаи эҷодиёти шифоҳӣ ва ҷаҳонбинии волидон ва маҳорати педагогии омӯзгорон ба омӯзиши бахшҳои гуногун машғул шуда, дар ин замина, дониш ва тафаккури онҳо инкишоф ёфта, ҷаҳонбиниашон равнақ меёбад.

Ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз вазифаҳои муҳимми таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, дар назар дошта мешавад, ки хонандагон бояд маҳорати ба маводи таълимӣ иҷро карда тавонистани амалҳои фикриро пайдо кунанд ва маълумот ба даст биоваранд. Дар доираи амали тарзи муқарраркардаи таълим ва дар ҷараёни он ташаккул ёфтани тафаккури эмпирикӣ, анализ, синтез, муқоиса ва ғайра сурат мегирад. Мувофиқи таҳқиқотҳои мавҷуда эҷодиёти шифоҳӣ, ки заминаи ибтидоии фаҳму дарки тафаккур ва ҷаҳонфаҳмӣ мебошад, барои машқ додани амалҳои фикрӣ ва рушди ҷаҳонбинии васеъ мусоидат менамояд.

Омӯзиши жанрҳои гуногуни эҷодиёи шифоҳӣ ҳамчун китоби дарсии ҳаёт ба шумор рафта, ба ҳаёт ва рӯзгору фаъолияти инсон сару кор дорад ва ҷаҳонбинӣ, донишу хирад ва маърифату тафаккури инсонро такмил медиҳад. Дар синфҳои ибтидоӣ жанрҳои хурди асарҳои бадеии эҷодиёти шифоҳӣ, аз ҷумла ҳикояву афсона, чистону зарбулмасалҳо, таронаву шеърҳо ва тезгӯякҳо

омӯзонида мешаванд.

Гузаронидани машғулияти беруназсинфӣ дар синфи 3”А” соли таҳсили 2018-2019 дар литсейи ДДБ ба номи Носири Хусрав дар мавзуи афсонаи “Захми забон” нишон дод, ки хонандагон нисбат ба усули нақли омӯзгор тавассути нақшофарӣ мухтавои дарсро хубтар дарк мекунанд. Дар ҷадвали зерин ва диаграмма натиҷаи тестҳо оварда шудаанд. Саволномаи тестӣ аз 10 саволи кушода иборат буд.

Тест аз рӯйи афсонаи “Захми забон”

1) Ҳар рӯз ҳезумкаш ба куҷо мерафт?

а) ба кӯҳ б) ба ҷангал в) ба беша

2) Рӯзе ӯ бо чӣ вохӯрд?

а) шер б) гург в) хирс

3) Ҳезумро ба куҷо мебурд?

а) бозор б) шаҳр в) деҳа

4) Бо пули фурӯхташуда чӣ мекард?

а) рӯз мегузаронд б) ҷамъ мекард в) ба ҳамсоя медод

5) Қаҳрамонҳои афсона киҳоянд?

а) деҳқон ва хирс

б) рӯбоҳ ва лаклак

в) ҳезумкаш, занаш ва хирс

6) Барои кори неки хирс ҳезумкаш чӣ фикр кард?

а) ба ивази некиаш ҷавоб бояд гардонам

б) дигар бо ӯ дӯстӣ накунам

в) ҳезумҳои ҷамъкардаашро намегирам

7) Хирс ва ҳезумкаш ба куҷо рафтанд?

а) ба ҷангал

б) ба хонаи хирс

в) ба хонаи ҳезумкаш

8) Зани ҳезумкаш хирсро дида чӣ гуфт?

а) хеле шод шудам, ки бо хирс дӯст шудед

б) ҳеҷ чиз нагуфт

в) ҷӯраи ту ҳамин хирси баднамуд аст?!

9) Хирс аз шунидани суханони зани ҳезумкаш чӣ кор кард?

а) хурсанд шуд б) баромада рафт в) ранҷид

10) Захми забон гуфта чиро мефаҳмед?

а) бо табар ба сари хирс задани ҳезумкаш

б) суханони ҳезумкаш

в) озори суханони зани хезумкаш

**Ҷадвали 3.1. – Натиҷаи пурсишнома то нақшофарӣ**

| № | Ному насаб | Нишондодҳо | | | | | | | | | | Сатҳи азхуд-кунӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | | |
| 1 | Амонова Нозанин | - | + | + | + | - | + | + | + | + | - | 80 | 4 (хуб) |
| 2 | Абдураҳимов Мустафо | + | + | + | + | + | + | + | + | + | - | 90 | 5 (аъло) |
| 3 | Абдуллоева Сайбӣ | + | + | + | + | + | - | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 4 | Ахмедов Илҳом | - | + | - | + | - | + | + | + | - | - | 60 | 3 (миёна) |
| 5 | Батирова Асал | + | + | + | + | - | - | - | + | - | - | 50 | 3 (миёна) |
| 6 | Каримов Алиҷон | - | + | - | + | - | - | - | + | - | - | 30 | 2 (ғайри қ-бахш |
| 7 | Каримов Ҳоҷиакбар | - | + | + | + | - | + | + | + | - | + | 80 | 4 (хуб) |
| 8 | Кенҷаев Расул | + | + | + | + | + | + | + | + | + | - | 90 | 5 (аъло) |
| 9 | Машрабов Юсуф | + | + | + | + | - | + | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 10 | Мирзоева Меҳрофарин | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | 100 | 5 (аъло) |
| 11 | Мусавиров Шодмон | + | + | + | + | - | - | + | + | + | - | 80 | 4 (хуб) |
| 12 | Нуралиева Сумая | - | + | - | + | - | + | + | + | + | - | 60 | 3 (миёна) |
| 13 | Нуралиев Ҷамолиддин | - | + | - | + | - | - | + | + | - | - | 50 | 3 (миёна) |
| 14 | Негматов Абдураҳмон | - | + | + | + | - | + | + | + | - | - | 60 | 3 (миёна) |
| 15 | Пирзода Мадина | - | + | - | + | - | + | + | + | - | - | 50 | 3 (миёна) |
| 16 | Раҳматов Билол | - | + | - | + | + | - | + | + | - | - | 60 | 3 (миёна) |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 17 | Рустамзода Муҳаммад | - | - | + | + | - | - | + | + | - | - | 50 | 3 (миёна) |
| 18 | Собиров Нуралӣ | + | + | + | + | - | + | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 19 | Толибоев Абубакр | + | + | + | + | - | + | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 20 | Тағоев Юсуф | + | + | + | - | + | + | + | + | - | + | 90 | 5 (аъло) |
| 21 | Тағоев Сулаймон | - | - | + | - | + | - | - | + | - | - | 40 | 3 (миёна) |
| 22 | Умаров Муҳаммад | - | + | + | + | - | + | + | + | + | - | 80 | 4 (хуб) |
| 23 | Хайруллозода Шабнам | + | + | + | + | + | + | + | + | - | - | 90 | 5 (аъло) |
| 24 | Ҳакимова Оиша | - | + | + | - | - | - | + | + | - | - | 50 | 3 (миёна) |
| 25 | Ҷалилов Зокир | + | + | + | - | + | - | + | + | + | - | 80 | 4 (хуб) |
| 26 | Холмуродов Муҳаммад | - | + | + | - | - | - | + | + | - | - | 40 | 3 (миёна) |
| 27 | Шомаҳмадова Фотима | + | + | + | + | + | + | + | + | - | + | 90 | 5 (аъло) |

**Ҷадвали 3.2. – Натиҷаи пурсишнома пас аз нақшофарӣ**

| № | Ному насаб | Нишондодҳо | | | | | | | | | | Сатҳи азхуд-кунӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | | |
| 1 | Амонова Нозанин | + | + | + | + | - | + | + | + | + | + | 100 | 5 (аъло) |
| 2 | Абдураҳимов Мустафо | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | 100 | 5 (аъло) |
| 3 | Абдуллоева Сайбӣ | + | + | + | + | + | - | + | + | - | + | 90 | 5 (аъло) |
| 4 | Ахмедов Илҳом | + | + | - | + | - | + | + | + | - | + | 80 | 4 (хуб) |
| 5 | Батирова Асал | + | + | + | + | - | + | - | + | + | - | 90 | 5 (аъло) |
| 6 | Каримов Алиҷон | + | + | - | + | + | - | - | + | + | - | 70 | 4 (хуб) |
| 7 | Каримов Ҳоҷиакбар | + | + | + | + | - | + | + | + | - | + | 80 | 4 (хуб) |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Кенҷаев Расул | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | 100 | 5 (аъло) |
| 9 | Машрабов Юсуф | + | + | + | + | + | + | + | + | - | - | 90 | 5 (аъло) |
| 10 | Мирзоева Меҳрофарин | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | 100 | 5 (аъло) |
| 11 | Мусавиров Шодмон | + | + | + | + | - | + | + | + | + | + | 100 | 5 (аъло) |
| 12 | Нуралиева Сумая | + | + | - | + | - | + | + | + | + | - | 80 | 4 (хуб) |
| 13 | Нуралиев Ҷамолиддин | - | + | + | + | - | - | + | + | - | - | 60 | 3 (миёна) |
| 14 | Негматов Абдураҳмон | + | + | + | + | - | + | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 15 | Пирзода Мадина | - | + | - | + | + | + | + | + | - | + | 90 | 5 (аъло) |
| 16 | Раҳматов Билол | - | + | - | + | + | - | + | + | - | + | 80 | 4 (хуб) |
| 17 | Рустамзода Муҳаммад | + | - | + | + | + | - | + | + | + | - | 80 | 4 (хуб) |
| 18 | Собиров Нуралӣ | + | + | + | + | - | + | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 19 | Толибоев Абубакр | + | + | + | + | - | + | + | + | - | + | 90 | 5 (аъло) |
| 20 | Тағоев Юсуф | + | + | + | + | + | + | + | + | - | + | 100 | 5 (аъло) |
| 21 | Тағоев Сулаймон | + | - | + | - | + | - | + | + | - | - | 70 | 4 (хуб) |
| 22 | Умаров Муҳаммад | - | + | + | + | - | + | + | + | + | - | 90 | 5 (аъло) |
| 23 | Хайруллозода Шабнам | + | + | + | + | + | + | + | + | - | + | 100 | 5 (аъло) |
| 24 | Ҳакимова Оиша | + | + | + | - | + | - | + | + | - | - | 80 | 4 (хуб) |
| 25 | Ҷалилов Зокир | + | + | + | - | + | - | + | + | + | - | 90 | 5 (аъло) |
| 26 | Холмуродов Муҳаммад | + | + | + | - | + | - | + | + | - | - | 60 | 3 (миён) |
| 27 | Шомаҳмадова Фотима | + | + | + | + | + | + | + | + | - | + | 100 | 5 (аъло) |

**Ҷадвали 3.3. – Натиҷаи пурсишнома**

| Рақами савол | Ҷавобҳои дуруст | | Фоизи азхудкунӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | То накшофарӣ | Баъд аз накшофарӣ | То накшофарӣ | Баъд аз накшофарӣ |
| 1 | 15 | 25 | 55,5 % | 92,5 % |
| 2 | 24 | 27 | 88,8 % | 100 % |
| 3 | 20 | 23 | 74 % | 85,1 % |
| 4 | 23 | 24 | 85,1 % | 88,8 % |
| 5 | 16 | 23 | 59,2 % | 85,1 % |
| 6 | 19 | 24 | 70,3 % | 88,8 % |
| 7 | 24 | 25 | 88,8 % | 92,5 % |
| 8 | 27 | 27 | 100 % | 100 % |
| 9 | 9 | 17 | 33,3 % | 62,9 % |
| 10 | 10 | 18 | 37 % | 66,6 % |
| | **187** | **233** | **69,2 %** | **86,2 %** |

**Дар диаграммаи 3.1 ва 3.2 сатҳи азхудкунии хонандагон нишон дода шудааст.**




**Диаграммаи 3.1. – Натиҷаи таҳлил пеш аз нақшофарӣ**




**Диаграммаи 3.2. – Натиҷаи таҳлил пас аз нақшофарӣ**

Натиҷаҳои дар диаграммаҳои 3.1 ва 3.2. овардашуда муайян менамоянд, ки чи гуна хусусияти вазифаҳои афзалиятнок дар давоми таҷриба тағйир ёфт. Дар гурӯҳ ҳиссаи вазифаҳои дорои хусусияти репродуктивӣ аз марҳила ба

марҳила коҳиш ёфт.

Муҳаққиқи тоҷик М.Пиров бар ин назар аст, ки образҳои эҷодкардаи халқ дар тарбияи маънавии насли наврас нақши калон бозида, ҷаҳоншиносии онҳоро инкишоф медиҳад. Тавассути омӯхтани эҷодиёти даҳании халқ хонандагон аз ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии халқ, таърихи гузашта ва зисту зиндагии мардум нисбатан пурра хабардор мегарданд [94, с. 4].

Китобҳои дарсии забони модарии синфҳои ибтидоӣ дар заминаи намунаҳо аз эҷодиёти устодони сухан ва адабиёти шифоҳии миллати тоҷик ба роҳ монда шудааст. Дар китобҳои забони модарӣ, дар баробари осори бачагонаи адибони классику муосир панду андарзҳо, суруду чистонҳо ва афсонаҳои осори адабиёти шифоҳии бачагона низ ҷой дода шудаанд, ки хонандагон тавассути онҳо ба санъати бадеӣ ва халқӣ ошноӣ пайдо намуда, забони тоҷикиро меомӯзанд ва ҳам аз неруи тарбиявии эҷодиёти шифоҳӣ - ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти иҷтимоии халқ, таърихи гузашта ва зисту зиндагии мардум ва ҳодисаҳои табиат нисбатан иттилоъ гирифта, баҳраманд мегарданд (Ҷадвалҳои 3.4-3.9).

**Ҷадвали 3.4. - Китоби Алифбо, соли барориши 2022, 151 саҳифа, муаллифон: М.Лутфуллоев., Ф.Шарифзода., И.Абдуллоев.**

| № | Саҳифа | Тезгӯяк | Чистон | Зарбулмасал | Афсона | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 20 | | | | Дарси 13-14 | Нақли афсонаи “Бузаки ҷингилапо”аз рӯйи расм |
| 2 | 119 | | | | Дарси 128 | |
| 3 | 141 | | | | Дарси 153 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 143 | | | | Дарси 155 | |
| 5 | 148 | | | | Дарси 158 | |

**Ҷадвали 3.5. - Китоби Забони модарӣ, барои синфҳои 1, соли барориши 2021, 190 саҳифа, муаллифон: А. Байзоев, А. Аҳмадҷонова, Г.Машокирова, Ҷ. Зубайдова, Ҷ.Абдуллоев.**

| № | Саҳифа | Тезгӯяк | Чистон | Зарбулмасал | Афсона | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 9 | | Дарси 1 | | | |
| 2 | 10 | | | Дарси 2 | | |
| 3 | 13 | | Дарси 3 | | | |
| 4 | 14 | Дарси 4 | | | Дарси 4 | |
| 5 | 28 | | | | Дарси 11 | |
| 6 | 30 | | | Дарси 12 | | |
| 7 | 37 | | Дарси 17 | | | |
| 8 | 49 | | | Дарси 25 | | |
| 9 | 59 | | Дарси 32 | | | |
| 10 | 60 | | | Дарси 33 | | |
| 11 | 61 | | | Дарси 34 | | |
| 12 | 62 | | Дарси 35 | | | |
| 13 | 74 | | Дарси 42 | | | |
| 14 | 75 | | Дарси 43 | | | |
| 15 | 78 | | Дарси 45 | | | |
| 16 | 85 | | | | Дарси 49 | |
| 17 | 91 | | Дарси 55 | | | |
| 18 | 92 | | Дарси 56 | | | |
| 19 | 93 | | | | Дарси 57 | |
| 20 | 94 | Дарси 57 | Дарси 57 | | | |
| 21 | 98 | | | Дарси 60 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 22 | 101 | | Дарси 61 | | | |
| 23 | 106 | | Дарси 62 | | | |
| 24 | 109 | | | Дарси 64 | | |
| 25 | 111 | | Дарси 66 | | | |
| 26 | 131 | | | | Дарси 81 | |
| 27 | 134 | | | Дарси 82 | Дарси 82 | |
| 28 | 147 | | | | Дарси 89 | |
| 29 | 154 | | | Дарси 90 | | |
| 30 | 156 | | | Дарси 91 | | |
| 31 | 162 | | | Дарси 95 | | |
| 32 | 189 | | Дарси 110 | | | |
| 33 | 190 | Дарси 111 | | | | |
| | | | | | | |

**Ҷадвали 3.6. - Китоби Забони модарӣ, синфи 2 соли барориши 2021, 320 саҳифа, муаллифон: Ҳарифзода Ф., Лутфуллозода М., Ғаниева Б.**

| № | Саҳифа | Тезгӯяк | Чистон | Зарбулмасал | Афсона | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 10 | | | | Дарси 7-8 | |
| 2 | 34 | | | | Дарси 33-34 | |
| 3 | 44 | | | | Дарси 41-42 | |
| 4 | 48 | | | | Дарси 47-48 | |
| 5 | 50 | | | | Дарси 49-50 | |
| 6 | 55 | | | | Дарси 55-56 | |
| 7 | 58 | | | | Дарси 59-60 | |
| 8 | 89-90 | | | | Дарси 1-2 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 9 | 118 | Дарси 35-36 | Дарси 35-36 | | Дарси 35-36 | |
| 10 | 123 | | Дарси 41-42 | | | |
| 11 | 136 | | | | Дарси 61-62 | |
| 12 | 137 | | | | Дарси 63-64 | |
| 13 | 142 | | | Дарси 67-68 | | |
| 14 | 173 | | | | Дарси 31-32 | |
| 15 | 185 | | | | Дарси 45-46 | |
| 16 | 189 | | | | Дарси 51-52 | |
| 17 | 193 | | | | Дарси 55-56 | |
| 18 | 202 | | | | Дарси 65-66 | |
| 19 | 214 | | Дарси 75-76 | | Дарси 75-76 | |
| 20 | 247 | | | | Дарси 5-6 | |
| 21 | 249 | | | | Дарси 7-8 | |
| 22 | 288 | | | | Дарси 47-48 | |
| 23 | 293 | | | | Дарси 51-52 | |

**Ҷадвали 3.7. - Китоби Забони модарӣ, синфи 3, соли барориши 2021, 304 саҳифа, муаллифон: Абдуллоев И., Абдуллоев З., Ҷалилова М.**

| № | Саҳифа | Тезгӯяк | Чистон | Зарбулмасал | Афсона | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 64 | Дарси 58 | | | | |
| 2 | 84 | | | Дарси 8 | | |
| 3 | 122 | | | | Дарси 43 | |
| 4 | 149-150 | | | | Дарси 11-12 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 172 | | | | Дарси 32 | |
| 6 | 248 | | | | Дарси 29 | |

**Ҷадвали 3.8. - Китоби Забони модарӣ, синфи 4, соли барориши 2024, 279 саҳифа, муаллифон: М. Зиёев, Ф. Олимов, Б. Зоолишоев**

| № | Саҳифа | Тезгӯяк | Чистон | Зарбулмасал | Афсона | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 28 | | | Дарси 10 | | |
| 2 | 29 | | | | Дарси 11 | |
| 3 | 64 | | | | Дарси 6 | |
| 4 | 76 | | | | Дарси 3 | Ҳикояи халқӣ |
| 5 | 82 | | | Дарси 5 | | |
| 6 | 130 | | | | Дарси 3 | Маросими барфӣ |
| 7 | 184 | | | | Дарси 6 | Наврӯз |
| 8 | 208 | | | | Дарси 4 | Шарҳи афсонаи “Гилеми паррон” |
| 9 | 221 | | | | Дарси 8 | |
| 10 | 262 | | | | Дарси 1 | |

**Ҷадвали 3.9. Натиҷаи таҳлили китобҳои дарсии “Забони модарӣ” дар синфҳои ибтидоӣ**

| № | Синфҳо | Тезгӯяк | Чистон | Зарбулмасал | Афсона |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 1 | 15 | 27 | 11 | 12 |
| 2 | 2 | 1 | 3 | 1 | 21 |
| 3 | 3 | 1 | 0 | 1 | 4 |
| 4 | 4 | 0 | 0 | 2 | 8 |
| **Ҷамъ** | | **17** | **30** | **15** | **45** |
| | | | | | |

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯхтани жанрҳои эҷодиёти шифоҳӣ на танҳо ба образҳои мусбат, балки бо характер ва рафтори қаҳрамонҳое шинос мешавад, ки онҳо бо бадахлоқӣ, дуруғгӯйӣ, фиребкорӣ ва дигар кирдорҳои ғайриахлоқии инсонӣ ба ҷамъият ва ҳам ба одамон зарар меоваранд. Дар синфҳои ибтидоӣ, омӯзгор ба воситаи нақли сюжети афсонаҳои халқӣ бояд аз бофтаи тахаюлии онҳо ба хонандагон маълумот пешниҳод намояд, то онҳо огоҳ бошанд ва дарк намоянд, ки дар олами ҳастӣ ҳеҷ гуна деву парӣ, ғулу аждаҳо ва ғайра вуҷуд надоранд, балки махлуқоте мебошанд, ки аз тахайюли эҷодкор эҷод гардидаанд. Дар ин ҳолат, омӯзгор бояд ба чӣ тавр баён кардан ва ба воситаи нақли худ ба хонанда таъсир расонидан диққати аввалиндараҷа диҳад. Зеро, нақл кардани афсона ҳамон вақт аз ҷониби омӯзгор натиҷаовару таъсиррасон мегардад, ки тартиби баррасии он дуруст бошад ва калимаҳо ба такрор такрор наёбанд ва ҳатто садояш форам бошад. Дар “Методикаи таълими забони тоҷикӣ” ба маврид баён гардидааст, ки нутқи муаллим ҳамгоми нақл бурро, шунаво ва фаҳмо бошад. Дод гуфтан ва бисёр гап задан, ба такрор кор фармудани баъзе калимаҳо, аз қабили хуб, яъне, яъне ки, яъне ки масалан ва калимаҳои шевагӣ ба фаҳмидани нақли муаллим халал мерасонад. Овози муаллим бояд дар синф баробар паҳн шавад, то онро ҳама хонандагон фаҳманд. Ниҳоят, нақли муаллим шаклану мазмунан бояд барои шогирдон намунаи ибрат бошад [106,]. Ба ин восита, қисматҳои асосии образҳои қаҳрамонҳо муайян гардида, дар хонандагон хислатҳои далериву шуҷоатмандӣ зоҳир мегардад ва ҷаҳонфаҳмиву тафаккури онҳо ташаккул меёбад. Масалан, дар китоби забони модарии синфи 3 афсонаи “Гурбачаи сода”, ки мушбача аз содагии гурбача истифода карда, ӯро фиреб медиҳад, чунин оварда шудааст:

“Буд набуд, як гурбача буд. Вай Мошон ном дошт. Боре Мошон муш доштанӣ шуд. Аммо ӯ ҳанӯз хурдакак буд ва чӣ будани мушро намедонист. Фақат аз гурбаҳои калон шунида буд, ки онҳо ҳамеша муш медоранд. Вай ҳам мехост, ки зудтар ягонто муш дорад, то ба қатори гурбаҳои калон дохил шавад.

Мошон ба таҳхона даромад. Ин сӯю он сӯй гашт, вале касеро надид.

Камин гирифта поид, вале муше пайдо нашуд. Ногоҳ каҳтӯда хиширрос зад. Мошон пеш ҷаҳид ва чашмаш ба ҷонвараки думдарозе афтод

- Ту кистӣ? – пурсид Мошон.
- Мушбача.
- Ваҳ, - хурсанд шуд мошон. – Худи ту ба ман даркорӣ!
- Барои чӣ? – пурсид мушбача.
- Барои чӣ буданашро намедонам, лекин медонам, ки гурбаҳо бояд муш доранд.

Мушбача гуфт:

- Гурбаҳо барои он муш медоранд, ки мушу гурбабозӣ кунанд. Мехоҳӣ ин бозиро ба ту ёд бидиҳам?
- Албатта мехоҳам, - гуфт Мошон.
- Чашматро пӯшу то се шумор, ана баъд чашматро кушову маро дор!

Гурбача ба як кунҷаки таҳхона рафта истод. Баъд чашмашро пӯшида, аз рӯйи гуфтаи мушача то се шумориду чашмашро кушод. Дид, ки аз мушбача дарак нест ” [1, с. 34-35].

Афсонаи зикргардида, ҳушмандӣ ва зиракии хонандагонро бедор намуда, фикру андешаи онҳоро нисбат ба шахсиятҳое, ки фиребкориву дуруғгӯйӣ, бераҳмиву бадкирдорӣ хислати онҳост, ҳушёр менамояд. Ҳамчунин, шинохти онҳоро ба шахсоне, ки фиреб медиҳанд, қавӣ мегардонд ва дар кадом ҳолат барои аз чанголи маккор раҳо ёфтан фиреб доданро меомӯзонад ва ё фиреб кардан хуб аст ё нохуб, омӯзонида мешавад.

Бинобар ин, мо, омӯзгорон вазифадорем, ки дар раванди таълим ҷиҳати омӯзонидани тарбиявию ғоянокии навъҳои гуногуни жанрҳои эҷодиёти шифоҳӣ диққати махсус диҳем ва андешаи халқро возеҳу равон баён карда тавонем ва хонандагон ғояҳои воқеии дар жанрҳои эҷодиёти шифоҳӣ инъикосёфтаро бо пуррагӣ дарк ва аз худ карда тавонад, то ин ки худро дар ҷараёни ҳодисаву воқеаҳо ҳамроҳи қаҳрамонҳои эҳсос намуда, рафтору гуфтори нек ва пешқадами онҳоро омӯхта, қабул намоянд ва тафаккуру тахаюл ва ҷаҳонбинии худро ташаккул диҳанд.

Дар назди омӯзгор ва фаъолияти таълимии ӯ нисбат ба ташаккул ва ҷаҳонфаҳмии хонандагон талаботи муайян гузошта мешавад. Чунин талабот омӯзгорро ба он водор менамояд, ки дар ҷараёни хониши афсонаҳову латифаҳо, чистонҳову таронаҳо ва ғайра хонандагонро на танҳо соҳиби донишу малака, маҳорати баёни нутқ ва кори таълимӣ гардонад, балки ба он кӯшиш намояд, ки онҳо амалиёти қаҳрамонҳоро дуруст дарк намоянд. Педагоги тоҷик И.М. Маҳмудов яке аз муҳимтарин вазифаҳои омӯзгори синфҳои ибтидоиро дар дарк намудани эҳсосоти кӯдак донista, зикр менамояд, ки омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд завқи хонандагонро вобаста ба қаҳрамонони афсонаҳои дӯстдоштаашон бедор намояд [74, 170].

Омӯзгор дар системаи муносибатҳои тарбиявӣ на фақат ҳамчун ташкилотчӣ ва роҳбари фаъолияти хонандагон, балки ҳамчун шахсияте, ки бо ҷаҳонбинии худ, арзишҳо, сифатҳои муайяни маънавӣ, мустақиман ба шуур, эҳсос ва рафтори мактаббачаи хурдсол таъсир мерасонад, баромад мекунад. Омӯзгор баъд аз хониши маводи гуногун мазмуни онро бо хонандагон муҳокима карда, бо назардошти мавзуъ ва арзёбӣ бештари вақт ба чунин саволҳо ҷавобҳо пурсад:

- Ин афсона ё латифаву чистон ба шумо чӣ омӯзонд?
- Воқеаҳо чӣ гуна рӯй дода буданд?
- Рафтору кирдори кадоме аз иштирокдорон ба шумо писанд омад? Чаро?
- Агар шумо ба ҷойи он мешудед, чӣ кор мекардед?
- Чӣ тавр ин донишҳоро дар ҳаёти шахсӣ истифода мебаред? ва ғайра.

Омӯзгор тавассути саволу ҷавоб фикру андешаҳои хонандагонро ҷамъбаст менамояд. Чунин муҳокимарониҳо ҳангоми машғулиятҳо мусоидат ба он мекунанд, ки кӯдакон ҳушзеҳн шаванд, ҷаҳонфаҳмиашон рушд ва тасаввуроташон васеъ гардад, ба тахайюлот ғута зада, образҳо офаранд, дунё ва воқеаҳоро дониста гиранд ва дорои малакаҳои иҷтимоӣ гарданд.

Ҳамчунин, омӯзгор дар ҷараёни дарсҳо бояд доимо ба пешниҳоди саволи вобаста ба мавзуъ баргардад, масалан, ба саволи маърифати олами атроф. Албатта, моҳияти савол сол аз сол тағйир меёбад. Вазифаи омӯзгор,

аввалан, ҳар дафъа ҷавоби муфассал пешниҳод намудан, сониян, кумак расонидан ба хонандагон бо истифода аз мисолҳои мушаххас, саволро дуруст тартиб додан, дар донистани мушкилоти марбут ба ин масъала саҳм гузоштан аст. Дониши амиқи назарияи савол, азхудкунии комили далелҳои таърихии инкишофи маърифат барои омӯзгор зарур аст. Дар баробари ин, бояд ки хонандагон ҳамеша ин ҳақиқати нисбиро объективӣ қабул кунанд. Системаи ягонаи таълиму тарбия ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ҳаҷми минбаъдаи масъалаҳои дар синф ҷорӣ кардашударо муайян кунад. Истифодаи имконоти методологиро мушкилоти маърифати ҷаҳони атроф низ тақозо мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ баланд бардоштани захираи дониш ва тасаввурот, инчунин, бошуурона ва дуруст дарк намудани предмету ашёҳои олами воқеӣ аҳамияти калон дорад. Вобаста ба инкишофёбии синну сол ҷаҳонфаҳмии кӯдакон бою рангин гашта ташаккул меёбад.

Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дониш ва фаҳму дарки предмету ашёҳои олами иҳотакарашуда вобаста мебошад. Дар мактаб омӯзгорон аз навъҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ истифода намуда, доираи дониш ва тасаввуроти кӯдаконро доир ба ҳодиса, воқеаҳо ва предметҳои табиат зиёд мекунанд. Қобилияти мушоҳидакорӣ ва шавқу ҳаваси омӯзонидани онҳоро инкишоф медиҳад. Ба қавли Файзулло Шарифзода, маълум аст, ки дар синни хӯрди мактабӣ шояд ҳануз шавқ ба дараҷаи дилхоҳ ва талабот инкишоф наёбад. Вале исбот шудааст, ки дар ин сунну сол дар кӯдакон нисбат ба соҳаҳои гуногуни дониш ва намудҳои фаъолияти амалӣ майлу шавқи муайян пайдо мешавад, талошҳои маънавӣ ва маърифатҷӯӣ ривоҷ меёбанд. Илова бар ин, шавқу майли талабагони хӯрдсол ба донишҳо ва фаъолиятҳо дар заминаи муносисбати эҳсосӣ (эмотсионалӣ) зуҳур мекунад [113, с. 349]. Кӯдакон дар вақти истифодаи зарбулмасалҳо, чистонҳо, суруду таронаҳо, афсонаҳо, тезгӯякҳо ба сифату хусусияти предмету ҳодисаҳои табиат ва гирду атрофи он шинос мешаванд, боигариҳои маънавии халқи худро аз худ менамоянд. Дар ин ҳангом, аз омӯзгор донистан ва омӯхтани

бештари эҷодиёти шифоҳӣ, асарҳои шоирону нависандагони классику муосир ва адабиёти бачагонаи ҷаҳон талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, ба қавли педагогҳо М. Лутфуллоев, Қ.С. Абдураҳимов барои омӯзгор на танҳо тайёрии махсуси касбӣ зарур аст, балки тайёрии ҳаматарафа, ақлу хирад ва тафаккури солим, ҷаҳонбинии васеъ ва ахлоқи ҳамида дошта бошад ва масъалаҳои ба миён омадаро эҷодкорона тибқи талаботи илмӣ ва амалия ҳаллу фасл намояд [72, с. 50]. Зеро омӯзгор шахсест, ки барои инкишофи тафаккур, тахайюл ва ҷаҳонбинӣ заминаи боэътимод мегузорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳу сифати донишандӯзии шогирдонро вобаста ба фаъолияти омӯзгор дониста, чунин қайд мекунад: “Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад” [44, 258-259].

Мо, бояд модаронро ҳам маҷбур кунем, ки танҳо ҳикояҳоеро, ки мо барои кӯдакон қабул кардаем, нақл кунанд ва дарк кунанд, ки тарбияе, ки рӯҳи кӯдакон тавассути нақл кардани ҳикояҳо ба даст меорад, назар ба тарбияе, ки ҷисми онҳо тавассути машқҳо ба даст меояд, бештар аст.

Мардум барои раҳоӣ аз нокомиву нобаробарӣ ва маҳрумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодӣ орзуҳои хешро оромона дар қолаби ривояту қиссаву маталҳо, суруду таронаҳо гуфтаанд.

Қисса аз ибтидои офариниш то ба имрӯз вуҷуд дорад ва шояд достони аввал достони Одам ва Ҳавво ва аввалин достоннавис Одам бошад, ки ба фарзандонаш дар бораи ронда шуданаш аз осмон хабар додааст.

Ҳикоя ҳамчун усули таълими арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ истифода мешавад. Таваҷҷуҳи Афлотун ва Арасту ба ҳикоя барои кӯдакон низ аз ҳамин ҷиҳат аст.

Воқеан, мардум ниёзҳои худро дар қиссаҳо бо забони соддаву фаҳмо баён мекунанд. Пешниҳоди масъалаҳои ҷолибу аҷиб ва зуҳури омилҳои табиӣ, ғайритабиӣ ва метафизикӣ хонандагонро аз шунидани қисса лаззат бурда, ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиш зиёд мекунад.

Кӯдакон бо шунидани ривояту афсона ва афсонаҳои мардумӣ дар бораи ҷаҳон ва он чӣ дар он аст, маълумот мегиранд ва дар зеҳнашон хоҳишҳои дилхоҳи худро ташаккул медиҳанд. Қариб дар тамоми ривоятҳои халқу миллатҳои гуногун ин хусусият доранд.

Қиссаву ривоятҳо ҳамеша дар рушду камоли равонӣ ва фарҳангии инсонҳо муассир буда, зиндагии иҷтимоӣ ва фарҳангии одамон, тарзу усулҳои кору истеҳсоли онҳо ва рафтору кирдор, тафаккур, эҳсос, дину одоб ва эътиқоди мардумро ба таври возеҳ нишон додаанд.

Дигаре аз манбаъҳои эҷодиёти шифоҳӣ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва шеъру чистонҳо мебошанд. Чистонҳои шавқовар ва зарбулмасалу шеърҳои дилкаш ба тасвири чизҳои зиндагӣ бахшида, хотироти бачагонро мустаҳкам мекунад, диққати онҳоро ба тобишҳои аҷоибу ғароиби табиат ҷалб месозад [9, с. 3].

Суруду таронаҳо, байтҳову дубайтиҳо ва чистонҳои манзум бинобар шакли зоҳирӣ ва маъноиашон метавон ба се гурӯҳ: синни томактабӣ, синни аввали мактабӣ ва мактабӣ тақсим кард. Ҳар яке аз ин гурӯҳҳо дар эҷодиёти шифоҳӣ вижагиҳои худро доранд. Масалан, суруд ё дубайтӣ ва чистоне, ки ба синни хурди мактабӣ тааллуқ дошта бошанд, аз нигоҳи шаклу муҳтавои худ ва истифодаи калимаҳовуибораҳо, услуби баён ва фаҳму мазмун бо суруду афсонаву чистонҳои синни мактабӣ тафовут доранд. Вале маводҳоеро ҳам дидан мумкин, якранганд. Дар эҷодиёти шифоҳӣ ташхис ва муайян намудани баъзе аз суруду таронаҳо, ки мутаалиқ ба кадоме аз гурӯҳанд, душвор мебошад, зеро суруду таронаҳое ҳам ҳаст, ки аз нигоҳи шаклу баён зоҳиран ба кӯдакони синни аввали мактабӣ тааллуқ доранд, вале аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ба такомули рушди фикрии кӯдакони синфҳои 7-8 мувофиқанд. Кӯдакони синни хурди мактабӣ бинобар хусусиятҳои рушди зеҳнии худ, аз дарку фаҳми ингуна эҷодиёт оҷизанд ва ё баракс. Таҷриба нишон медиҳад, ки аҳёнан хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба суруду таронаҳое майлу рағбат доранд, ки онҳо ба хонандагони синфҳои болоӣ иртибот доранд, зеро фаҳмиш ва қобилияти азхудкунӣ ва зеҳнии чунин гурӯҳи хонандагон, ки лаёқат ва

дониши хуб доранд, байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагони синфҳои болоӣ рост меояд. Зарбулмасал ва мақол сухани кутоҳи образноки ба итмомрасидае мебошанд, ки дар он мушоҳида ва андешаҳои халқ дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти воқеӣ ба таври хулоса ифода шудаанд [11, с. 4]. Калимаи зарбулмасал арабӣ буда, маъноящ масал гуфтан ё мисол овардан аст. Ва мақол низ арабӣ буда, маъноящ гуфтор, нутқ, сухан ва ғайра мебошад.

Зарбулмасал яке аз густурдатарин жанрҳои хурд дар эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор рафта, аз воқеаҳои зиндагӣ гирифта шудааст ва таърихи беш аз ҳазорсола дорад, ки моҳияти ҳодисаҳои мураккаби ҳаётро баён мекунад.

Мусаллам аст, ки зарбулмасал ва мақол суханони образноки халқие мебошанд, ки ба осонии ҳайратовар ва шабеҳи саҳли мумтанеъ моҳияти ҳодисаҳои хеле мураккабро осонфаҳму дастрас ифода менамоянд.

Яъне дар зарбулмасалу мақолҳои эҷодиёти шифоҳӣ зиндагию маишат, ҷаҳонфаҳмӣ, марзҳо ва меъёрҳои одобу ахлоқ, арзишҳои этникӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ бозтоб шудаанд, ки инро хонандагони хушзеҳн ба осонӣ дармеёбад. Муҳаққиқ М.Р. Исматуллоев низ бар ин назар аст, ки ин навъи жанри фолклорӣ ақида, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаҳои ҳаётӣ, заковат ва ахлоқи оммаи васеи мардумро ба таври хеле сода, муъҷаз ва пурмазмуни бадеӣ ифода менамояд [49, с. 157]. Зарбулмасалҳо ба кӯдакон барои омӯхтани олами атроф, дарк кардани падидаҳо, ҳодисаҳои гуногун кумак мекунанд.

Омӯзиш ва таълими педагогии зарбулмасалу мақолҳои эҷодиёти шифоҳӣ дар тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон доранд ва хонандагонро мустақиман ба фикр кардан омада мекунанд. Зарбулмасалу мақолҳо ба шуур ва характери хонандагон таъсир расонида, ҷаҳонфаҳмии онҳоро инкишоф медиҳад.

Зарбулмасалҳо дар давраҳои гуногуни зиндагонӣ, дар муҳити муайяни иҷтимоӣ, дар шароитҳои сиёсӣ-иқтисодӣ бо мазмунҳои гуногун ба вуҷуд омада, кор фармуда шудаанд. Дар зарбулмасалҳо муносибати иҷтимоӣ ва муносибати равшани нисбат ба ҳодисаҳои табиат доштаи халқ акс ёфтааст [85,

с. 138].

Аз нигоҳи илми фолклоршиносӣ, образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои ҳазорсолаи мардум, ки дар контекстҳои таърихӣ-географӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва психологӣ дар зарбулмасалҳо хулоса шудаанд.

Дар зарбулмасалҳо образи ҳодисаю предметҳо ба таври бадеӣ тасвир шуда, дар нутқи гӯянда на танҳо гуфторро зебову дилкаш мегардонад, балки онро қувват медиҳад, тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр, тавассути зарбулмасалу мақол одамон муносибат ва мубодилаи афкор менамоянд [97, с. 3]. Мақол низ ҳодисаву воқеаи ҳаёти ҳаррӯза ва хислатҳои одамиро ифода намуда, ба монанди зарбулмасал воқеаҳои зиндагӣ ва маъниҳои ҳаётро ба таври умумӣ инъикос менамояд. Зарбулмасалу мақолҳо жанри латифу ибратомӯзи халқиеанд, ки хислатҳои хуби одамонро ситоиш намуда, хислатҳои бади онҳоро сахт маҳкум мекунад. Масалан: Дарс агар мушкил бувад, нофаҳмро хоб оварад; Худписандӣ далели нодонист; Олими беамал, занбӯри беасал ва ғайра.

Қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар раванди таълим ва дар ҳаёти ҳаррӯза ба хонандагони хурдсол асосҳои ахлоқии ҳаётро меомӯзонанд. Зарбулмасалу мақолҳо як навъи махсуси назми шифоҳӣ мебошанд, ки таҷрибаи кории бисёр наслҳоро дар бар мегиранд.

Аз рӯйи таҳлили китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ зарбулмасалу чистону тезгӯякҳои халқӣ дар синфи 4 камтар истифода шудаанд. Аз ин рӯ як соати дарси тарбиявиро доир ба мавзӯи чистон ва тезгӯяк баргузор намудем.

Маънии зарбулмасалу мақолҳо ва дигар жанрҳои фолклорӣ хеле бузург аст ва бесабаб нагуфтаанд, ки «ақл дорӣ, аз ақл пайравӣ кун, агар надорӣ, ба зарбулмасал пайравӣ кун».

Барои мисол, мо, дар нақшаи соати тарбиявӣ дар синфҳои 4-и Литсейи хусусии “Эҳсон”-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе чистон ва тезгӯякро чунин баргузор намудем, ки чунин буд:

Дар мавзуи “Чистон ва тезгӯяк”

Мақсади дарс:

*Чистон -ро гуфта маъношро шарҳ дода тавонанд;

*Тезгӯяк –ро гуфта маъношро шарҳ дода тавонанд;

*Васеъ намудани захираи луғавии хонандагон ;

Равиши дарс : Омода намудани хонандагон ба дарс;

Бачаҳои азиз дар тахтаи синф ҳарфҳои пароканда додашудааст, шумо аз ҳарфҳои пароканда дар ҷадвали зерин ҷобаҷогузорӣ намуда калимаро ёбед: (ҳарфҳои пароканда )

И Т С Ч Н О

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Е Т Г З Ӯ К Я

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

Бале , дарси имрӯзаи мо “ Чистон ва тезгӯяк” мебошад:

Ба фикри Шумо, чистон чист? ва тезгӯяк чист ?

Хонанда : Чистон ин як муамое мебошад , ки мо аз хондани матнаш ҷавобашро меёбем .

Хонанда : Тезгӯякҳо мазмуни маънои оддӣ дошта, асосан аз тарафи волидайн, бобову бибӣ ва дигар наздикон барои кӯдакони хардсол сар карда мешавад.

Дуруст акнун ба гурӯҳҳо ҷудо мешавем.

Гурӯҳи 1 – Офтобак

Гурӯҳи 2 – Зангӯла

Гурӯҳи 3 – Лола

Гурӯҳи 4 – Донояк

Гурӯҳи 5 – Ситора

Гурӯҳи 6 –Нилуфар

Ба гурӯҳо супориш дода мешавад : Чистонро хонеду ҷавобашро ёфта маънои чистонро шарҳ диҳед.

Ҳамаи гуруҳо супоришро гирифтанд ба кор шурўъ намоед ,

Ба шумо 5- дақиқа вақт дода мешавад.

Супориши гурўҳҳо :

*1) Гурўҳи 1.* Бозор ба бозор кофтем,
Оқибат ўро ёфтем.

Пўл додему харидем,

Овардему партофтем.

(Қолин)

*2) Гурўҳи 2.* Ҳар сол ояд чор меҳмон,
Яке пиру як ҷавон.
Сеюмаш гарму тафсон ,
Чорумаш зарду гирён.
( Фаслҳои сол)

3) *Гурўҳи 3.* Замин дорад,

Осмон дорад.

Ман дорам,

Ту надорӣ.

(Ҳарфи М)

4) *Гурўҳи 4.* Мехоҳӣ бо роҳи дур,

Гап зани ту бо ҳузур.

Бо падар ё модарат

Бародар ё хоҳарат.

Агар хоҳи пас шунав,

Биё бо ман ҷӯра шав. (Телефон)

5) *Гурӯҳи 5.* Гарчи ҷонаш алов аст,

Аз зодагони об аст.

Дар иҷрои кори нек

Офтоб асту Моҳтоб аст.

(Неругоҳи барқӣ)

6) *Гурӯҳи 6.* Дар ҷангалу бешаҷоям,

Ман шоҳи ҳайвонҳоям.

(Шер)

Муаррифии гурӯҳо: Кани ,кадом гурӯҳ тайёр аст.

Гурӯҳи 1. “Офтобак” Гурӯҳи мо чистонро хонда ба чунин хулоса омадем,ки ҷавобаш қолин мебошад. Барои он ки ӯро мо бозор ба бозор рафта мекобем,чен мекунем ба писанди худ меёбему пул дода мехарему оварда дар хонаҳоямон мепартоем.

Гурӯҳи 2 . “Зангула” Гурӯҳи зангула баъд аз хондани чистон ба чунин хулоса омаданд,ки ҷавобаш фаслҳои сол мебошанд. Барои он ки як соли мо чор фасли сол дорад яке пир ин фасли зимистон мебошад , ҷавон ин зиндашавии табиат аст. Маънои сеюмаш гарму тафсон ин фасли тобистон рӯзҳои гарми аст, чорумаш зарду гирён ин фасли тирамоҳ аст яъне дар ин фасл тамоми табиат зардпуш ,заррин мешавад.

Гурӯҳи 3. “Лола” Гурӯҳи мо пас аз хонадани чистон ба чунин хулоса омадем ,ки ҷавобаш ҳарфи “М” мебошад, чун ки калимаҳои “Замин ”, “Осмон” ва “Ман” ҳарфи “м” дораду калмаи “Ту” надорад .

Гурӯҳи 4. “Донояк” Пас аз хондани чистон мо ба чунин хулоса омадем ,ки ҷавоби чистон “Телефон” мебошад. Мисол: агар мо хоҳем бо роҳи дур гапзанон кунем, дар як сония бе малол гап мезанем. Оилаи мо дар дигар

канори мамлакат ё шаҳр бошад ба ҳузур гап мезанӣ, яъне вай ҷураи назики ту мешавад.

Гурӯҳи 5. "Ситора" Мо чистонро хондем ва ба чунин хулоса омадем, ки ҷавобаш "Неругоҳи баркӣ" .Чун ки ҷонаш аз алов асту аз зодагони об аст ин равшани ва гармиҳои хонаҳои мо аз барқ мебошад . Барқ бошад аз нерегоҳи барқи ба хонаҳои мо меояду мисли Офтобу Моҳтоб равшани медиҳад.

Гурӯҳи 6. "Нилуфар" Пас аз хондани чистон гурӯҳи мо ба чунин хулоса омадем,ки ҷавобаш "Шер". Шер ҳайвони даранда аст. Вай дар ҷангал зиндагони мекунад.Ҳайвонҳо аз ӯ метарсанд. Чун ки шоҳи ҷангал мебошад.Одам низ аз ӯ метарсад вай ҳайвони ваҳшӣ аст.

Офарин, хонандагони азиз!

Акнун бачаҳо мусобиқаи тезгӯякхони , кадом гурӯҳ бисёр ва дуруст тезгӯяк мехонад.

*Гурӯҳи 1. 6 - то*

Сад сар як сар ,як сар дарди сар.

Чуқа афтод дар чуқа ,бе чуқа монд Хуқа.

Эраҷ эҷод кард ,эҳсон эълон кард.

Дар ҳавлича ду тутча ,ин тутча чи тутча .

*Гурӯҳи 2. 8- то*

Садто сафедор ,сад себу анор .

Собирҷон соатсоз аст ,соҳиби касбу кор аст.

Зулфия зар медӯзад,Зевар аз ӯ омузад.

Дар дасти оча бача , дар дасти бача кулча .

*Гурӯҳи 3. 11-то*

Ғоз зоғ нест ,зоғ ғоз нест.

Рӯз намуд, шаб набуд.

Писта доштам биста ,бистта доштам писта.

Ман писари падарам ,падарам писари падараш.

Ман олу хур ,ту хурмо, ту хурмо хур ман олу.

Зафар сафар кард, Сафар зафар кард.

Шаш сандуқ шиша шикаст .

Гова дидам, оба хурдам,оба хурдам ,гова дидам.

*Гурӯҳи 4.   12-то*

Шаст сада шинондем ,шастуяк шамшод.

Шастушаш шиша доштем ,шасто шишааш шикаст.

Ба  шаш шохи шафтолу шасту шаш шиша шикаст.

Гурбаи мо оча шуд, очаи балоча шуд.

Шаш зарби шаш, шавад сивушаш.

Дар дасти бача куча,дар дасти оча бача.

Ба як мошон як коса ош ба як мошон як коса мош.

Чавалай галла дорад, ду байтали ала дорад.

Аз як дара сел омад ,аз як дара себ омад.

*Гурӯҳи 5.    7- то*

Файзу Файзу футболбоз , Файзу Файзу футболбоз,

Ака андак чида хӯрд, андак ака чида хӯрд.

Устод табақ дод, устод сабақ дод,

Додари Дарбоз дар сари дор .

Салим шутур савор шуд.

*Гурӯҳи 6.   6- то*

Бист бистари пистоқӣ, Бист бистари пистоқӣ.

Чой рехта ба пиёла, ба пиёла Ҳилола.

Замира зира захира кард.

Соат тик – тик мекунад, гунҷишк чик-чик мекунад.

Бобо ,бобои додои ту, додо доди бобои ту.

Дар ҷамъбасти дарс:   Баҳогузори байни гурӯҳҳо.

Бачаҳои азиз дар хона бисёртар чистону тезгӯякҳо азёд кунед.

Пас аз гузаронидани тадқиқоту таҳлилҳо ва таҷриба ба хулосае омадем, ки хонандагон бештар жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳиро донистан ва дар нутқи худ истифода бурдан мехоҳанд. Аммо бештар дар рӯзгор зарбулмасалу маколҳоеро ба кор мебаранд, ки аз ҷиҳати маъно равшан, образнок ва аз нуқтаи назари бадеӣ ва педагогӣ асос ёфтаанд, ки боиси қаноатмандист.

Мувофиқи асарҳои тадқиқотии Г.И. Батурина шакли маъмули зарбулмасалҳо дастур аст. Аз нуқтаи назари педагогӣ дастурҳои се категория ҷолибанд:

- таълимоте, ки ба кӯдакон дар бораи одобу рафтори хуб, аз ҷумла қоидаҳои ахлоқи нек дастур медиҳанд;
- таълимоте, ки хонандагонро ба рафтори шоиста даъват мекунад;
- дастурҳои навъи махсус, ки дорои маслиҳатҳои педагогӣ мебошанд ва натиҷаи тарбияро нишон медиҳанд, ки ин як навъ таҷрибаи оммавии педагогист [19, с. 213].

Ҳангоми кор бо кӯдакони синни хурди мактабӣ зарбулмасал ва мақолҳо кайҳост, ки яке аз воситаҳои таъсирбахши тарбия ҷойгоҳи устуворро ишғол

кардаанд. Зарбулмасалу мақолҳо бо содагиву кутоҳӣ, мукаммалии мантиқӣ, ифодаи образнок фарқ мекунанд. Онҳо ба кӯдакон ҷаҳони ҳиссиёт ва таҷрибаҳои амиқ, инчунин кашфиётҳои гуногуни эҳсосиро нишон медиҳанд. Зарбулмасалҳо таълим медиҳанд - онҳо танбалӣ, лофзанӣ, хунукназариро маҳкум мекунанд. Хоксорӣ, зиракӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҷаҳонбинӣ ситоиш карда мешавад. Зарбулмасалу мақолҳо паҳлӯҳои гуногуни рафтори инсон ва хислати ӯро ошкор месозанд.

Ҳамчунин, ҳифз ва қироати шеърҳои бачагона дар рушди андеша, тафаккур, нутқ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ низ мусоидат менамояд.

Омӯзгор А. Абдунабӣ аҳамияти шеърдонию шеъразёдкуниро чунин шарҳ додааст:

1) Бисёр аз ёд донистани он хотираи шахсро қавию мустаҳкам менамояд;
2) Шахсро суханвару сухандон, адабгуфтор, нутқи шифоҳиашро возеҳу равшан мегардонад;
3) Тавассути он захираи луғавии хонанда бой мегардад;
4) Дар сиришти хонанда маънипарастӣ ва ба моҳият, ғоя, ҳадафи мавзуъ амиқу чуқур сарфаҳм рафтанро парвариш медиҳад;
5) Ҳисси зебопарастӣ, ватандӯстӣ, фарҳангпарварӣ, рафтору гуфтори нек, миллатдӯстиро дар вуҷуди ҳар фарди солимақл бедор менамояд [2].

Муҳаққиқ Ҷин Лупер соли 1980 дар яке аз анҷумани байналмилалӣ чанд далели зарурати ворид намудани кӯдакон ба дунёи шеърро чунин баён кардааст:

а) шеър кӯдаконро дар шинохти мафҳумҳои ҷаҳони перомунашон ёрӣ медиҳад. Масалан, андоза, шумора ва рангу замон тавассути шеър фаҳмида мешавад;

б) аз он ҷо, ки вожаҳои дақиқ ва гуногун нақши муҳимме дар забони шеър иҷро мекунанд, шеър мояи ангезиши кӯдакон дар лаззат бурдан аз забон ва густариши доманаи вожагон мешавад;

в) шеър кӯдаконро кумак мекунад, то дар мавқеият ва ҷойгоҳи инсонҳои

дигар худро гузошта, шиносанд;

г) шеър эҳсос ва дигар ҳолатҳоро баён менамояд, ки бо кӯдакон ошност ва ба ин васила, онҳоро дар дарк ва пазириши эҳсосоташон ёрӣ мекунад;

д) шеър чашми кӯдаконро боз карда, ба онҳо кумак мекунад дарёбанд, ки дигарон низ дорои тафаккуру эҳсос ва ҷаҳонбинӣ ҳастанд [86, с. 342.]

Дигаре аз жанрҳои эҷодиёти шифоҳӣ, ки ҳодисаву воқеаҳои табиату ҷамъияти инсонӣ дар он инъикос гардидаст ва дар рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти хос дорад, чистон мебошад.

Муҳаққиқ А.П. Симнанӣ (1934-2017) бар ин назар аст, ки чистонҳо, ки "дар воқеъ намоёнгари ҷаҳонбинии мардум ҳастанд, дорои маънои сершумор мебошанд ва дар онҳо аз орзуҳо, гароишҳо, афкор, одобу русум ва шеваи зиндагӣ сухан рафтааст. Ба хусус барои такмил додани завқ ва кунҷкобии кӯдакон бисёр муассир аст ва муҷиби тақвияти ҳуш ва истеъдод мешавад" [17 с. 131]

Дар эҷодиёти даҳанакии халқ дар бораи ҳамаи растаниҳо, олами ҳайвонот, муҳит ва объектҳои алоҳидаи ҷуғрофӣ зарбулмасалҳо ва чистонҳоро дучор омадан мумкин аст, ки онҳо аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ доранд. Истифодабарии онҳо дар дарс ва берун аз дарс барои кӯдакон аҳамиятнок мебошад [38, с. 5]. Хонандагон дар омӯзиши зарбулмасалу чистон метавонанд оид ба растанӣ, олами ҳайвонот, муҳити атроф ва ғайра маълумот ба даст оваранд. Масалан:

Гар даҳонаш во шавад,
Бӯи хуше пайдо шавад. (Гули садбарг)

Аз чистони зерин хонанда маълумот пайдо мекунад, ки гули садбарг то нашукуфад, бӯйи хуши он пайдо намешавад ва ба машоми кас намерасад.

Ба ақидаи муҳаққиқ М.Пиров чистонҳои халқӣ яке аз жанрҳои маъмулу машҳур ва қадимаи эҷодиёти халқ ба ҳисоб рафта, асосан бо шеър ва насри мусаҷҷаъ эҷод шудаанд, ки муҳимтарин лаҳзаҳои асосии ҷамъияту табиат, хусусиятҳои хоси одамон ва олами набототу ҳайвонотро бо тарзи киноя ва маҷоз ифода менамоянд [94, с. 28]. Чистон ба монанди зарбулмасалу мақол аз

як ҷониб кӯдаконро ба ҳаёт ва зиндагии гузаштаи халқ, роҳу равиши воситаҳои рӯзгори онҳо шинос намояд, аз ҷониби дигар, қобилияти зеҳну тафаккур, муаммокушоӣ ва муҳокимаронии мустақилонаи онҳоро васеъ ва инкишоф медиҳад.

Муҳаққиқ С. Раҳимов бар ин назар аст, ки дар ҳаёти маънавии кӯдакон чистонгӯӣ ва чистонёбӣ мавқеи калон дорад. Чистонҳои зиёде мавҷуданд, ки эҷодкунандагони онҳо шахсони мушоҳидакор, нозукбин ва хушзеҳнанд, ба олам бо назари дақиқ чашм андухта, хислатҳои кӯдакон, ҳодиса ва ашёро муқаррар менамоянд [99].

Омӯзиши чистонҳо дар синфҳои ибтидоӣ боиси ғанӣ ва равонии нутқи хонандагон гардида, онҳоро ба мустақилона фикру баён намудан ва иттилоот оид ба муҳити атроф ва фарқ гузоштани ашёву ҳодисаҳои табиатро меомӯзонанд.

Чистонҳо аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷаи худ ҳамеша ба ҳақиқати зиндагӣ, ҳодиса ва ашёи олам, ки муҳитро иҳота кардаанд, зич вобаста мебошад [122, с. 39]. Вале, доир ба омӯзиши чистонҳо дарсҳои алоҳида дар синфҳои ибтидоии имрӯза гузаронида намешавад ва дар барнома ҳам дарҷ нагардидааст. Омӯзгорон дар раванди таълим вобаста ба мавзуи мувофиқ дар дарсҳои забон, табиат ва математика аз чистонҳо истифода менамоянд. Масалан, барои муайян намудани фаҳмиши кӯдакони зиннаи аввали мактабӣ нисбат ба ҳайвонот ва ё навъи мевагиҳо омӯзгор чистонеро зикр намуда, ҷавоби онро дар тахтаи синф тасвир менамоянд. Ба монанди: Мехи заррин, таги замин. Омӯзгор расми сабзиро дар тахтаи синф тасвир менамояд. Ё ин ки чистони дигар:

Риш дораду одам не,
Шох дораду барзагов не,
Шир медиҳад, модагов не,
Хуб, ёбед, ки ин чист?

*(буз)*

Омӯзгор аз айнияти мавҷуда аз қабили тасвири гов, асп, гусфанду бузро

ба хонандагон пешниҳод мекунад ва онҳо ҷавоби чистонро пайдо менамоянд. Агар кӯдакон дар пайдо намудани ҷавоб душворӣ кашанд, омӯзгор ба онҳо кумак мекунад. Яъне омӯзгор аз олами чистонҳо ҳамонеро интихоб намояд, ки дар онҳо маъно равшан ва мушаххас ифода ёфта бошад.

Дар чистонҳо ҳам ба монанди афсонаву ҳикояҳо хислату образнокии табиат, дигаргунии ҳаёти табиӣ, моҳу сол ва шабу рӯз ва ҳамчунин обу хоку оташ ва ҳаво ҳам баён гашта, ба хонандагон маълумот пешниҳод менамоянд. Масалан, омӯзгор мавзуъро дар бораи моҳу сол ва шабу рӯз гуфтанӣ бошад, метавонад чистони зеринро бари мисол пешкаши хонандагон гардонад:

Аҷоиб дарахте дидам дар ин боғ,
Ки як тан дораду дувоздаҳ шох.
Ки ҳар як шохи ӯ сӣ барг дорад,
Яке рӯйи сафед, яке рӯйи сияҳ дорад.

*(моҳу сол ва шабу рӯз)*

Ё ин ки чистони дигар:

Он чист, ки бепой шабу рӯз равон аст?
Он чист, ки пой ба сар ҷумла забон аст?
Он чист, ки як дам биравад дар ҳама олам?
Он чист, ки андар шиками ҷумла ниҳон аст?

*(обу хоку оташ ва ҳаво)*

Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагон ҳангоми ҷустани посух ба чистон хеле ба шавқу завқ меоянд, шуур ва тафаккури худро бештар бедор месозанд. Зеро ба ёбандаи чистон лозим аст, ки аввал ташбеҳҳо ва истиораҳоро дар назди худ кушояд, онҳоро бо ягон премет ва ҳодисаҳои дигар андоза намояд ва баъд аз он объекти пинҳоншударо ёбад. Чистонҳои бачагона агарчи сода бошанд ҳам, кашфи асрори ниҳонии онҳо донишу маҳоратро талаб менамоянд.

Аз таҳлилҳои зикргардида ҷиҳати чистон ва омӯзиши онҳо метавон натиҷагирӣ кард, ки дар раванди таълими ибтидоӣ чистонҳои халқӣ аз як

ҷониб дар омӯзиши нутқ, ҳарфу ададҳои математикӣ дарки хонандагонро васеъ намояд, аз ҷониби дигар, тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии онҳоро такмил медиҳад. Бо назардошти талаботи замони муосир омӯзгорон дар раванди таълим метавонанд мунтазам аз чистонҳо салоҳиятнок истифода намоянд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар замони муосир, дар ҳар хонадони тоҷик телевизион вуҷуд дорад ва волидайн кӯдакони синни то мактабӣ ва синни аввали мактабиро ба тамошои барномаҳои гуногун, ба хусус филмҳои тасвирӣ даъват менамоянд. Албатта, аз тарафи дигар дар ташаккули сифатҳои маънавӣ ва психологии бача муҳити иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, тарзу шароитҳои ҳаёт ва зиндагӣ таъсир мерасонад [82, с. 46]. Вале, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вақтҳои охир дар муҳити хонавода афсонаҳогӯйиву ашулагӯйӣ рӯз аз рӯз кам гардида, ҷойи онҳоро филмҳои тавсирӣ ва барномаҳои гуногуни телевизион иваз намудааст. Ҳоло афсонаи халқӣ чун манбаи асосии интиқоли таҷрибаи ҳаётии калонсолон ба кӯдак, категорияҳои меҳрубонӣ ва кӯмаки ҳамдигарӣ аз мадди назар дур мондааст. Робитаи фарҳангӣ ва пайдарпайи наслҳо аз байн рафта истодааст ва дар натиҷа, кӯдакон ба ихтиёри худ гузошта шуда, бо тамошои барномаҳои хориҷӣ ба воя мерасанд. Аз ин рӯ, диққати ҷомеа бояд ба шиносоии насли наврас бо фолклори тоҷик дар асоси анъана ва навовариҳо равона карда шавад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки илму техника бо суръат рушд ва инкишоф ёфтаистодааст, дуруст аст, ки танҳо бо дониши муосир таъмин будани омӯзгорони дарсдиҳанда кифоя нест, балки истифодаи самараноки технологияҳои гуногун дар раванди таълим яке аз роҳҳои ноил гардидан ба мақсадҳои педагогӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқон И.М. Маҳмудов ва О.А. Исломов зикр менамоянд, ки пайдоиши филмҳои таълимӣ, телевизион, радио видеосабтҳо воситаҳои техникии таълим на танҳо вазифаи аёниятро иҷро менамуданд, балки ҳамчун сарчашмаи маълумот мавриди истифода қарор дода шудаанд [75, 170].

Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки нодуруст интихоб намудани намоишҳои гуногун, филмҳои тасвирии хусусиятҳои зӯровариву

ҷанг, хушунату даҳшатдошта ва ваҳмнок метавонанд дар мафкура ва тарбияи ахлоқии кӯдакон ва ҷаҳонфаҳмии онҳо таъсири манфӣ расонад. Тамошои барномаҳои гуногуни тарбиявӣ дар кӯдакон интихоби мустақилонаю озодона фикри худро баён намудан, муошират намудан барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти онҳо замина мегузорад. Муҳаққиқ Ш.В. Шарипова бар ин назар аст, ки "таъсири телевизион ақлу зеҳн ва раванди маърифатии кӯдакро инкишоф дода, ҳиссиёти эстетикӣ ва ҷаҳонбинии ӯро рушд медиҳад" [125, с. 237]. Барои рушди ҷаҳонфаҳмӣ, ҳиссиёти эстетикӣ ва маърифатии кӯдакон аз таъсирпазирии телевизион бояд филмҳои тасвирӣ ва барномаҳои ибратбахш интихоб гардида, ба намоиш гузошта шаванд.

Чигунае ки зикр гардид, эҷодиёти бачагона ҳамчун манбаи эҷодиёти халқ баромад мекунад ва олами бачагону олами калонсолонро муттаҳид намуда, як системаи томи жанрҳои поэтикии фолклорро ба ҳам мепайвандад.

Дигаре аз жанрҳое, ки мазмун ва ҳодисаву воқеаҳои ҷамъият, хусусан калонсолон дар он инъикос мeёбад ва дар рушди эҳсосоту идрок, тафаккуру хаёл, хотираву ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти хос дорад, бозӣ мебошад.

"Луғати тафсирии истилоҳоти педагогӣ" бозиҳои бачагонаро яке аз воситаҳои тарбияи фикриву ахлоқӣ ва ҷисмониву зебоишиносии бачаҳо маънидод кардааст. Муаллиф чунин андеша дорад: "Дар бозӣ ҳолатҳои рӯҳӣ: эҳсосот, идрок, тафаккур, хаёл, хотира, ирода ва ғайра инкишоф меёбад. Дар бозиҳои бачагон мазмуни фаъолияти калонсолон инъикос меёбад ва онҳо се хусусият доранд: бача бозиро озод ва бо майли худ иҷро мекунад; дар бозӣ ширкат карда, эҷодкорӣ менамояд; дар бозӣ саргарм шуда ба завқ меояд ва дар вай ҳисси дӯстию рафоқат меафзояд. Бозиҳои бачагон ба бозӣ бо бозичаҳо, бозиҳои тақлидӣ, серҳаракат ва бозиҳои дидактикӣ тақсим мешавад: 1) бозӣ бо бозичаҳо асосан ба бачаҳои синну соли мактабӣ хос аст (масалан, шашкабозӣ, регбозӣ ва ғайра); 2) дар бозиҳои тақлиди бачаҳо ба фаъолияти бузургсолон тақлид мекунанд (ронанда, духтур, фурӯшанда ва ғайра). Ин бозиҳо воқеаҳои муҳити атрофи бачаҳоро акс менамоянд. Баробари камолоти

бачаҳо бозиҳояшон ҳам мураккаб мешавад; 3) бозиҳои серҳаракатро бачаҳо танҳо ё гурӯҳ-гурӯҳ ичро мекунанд (масалан, чашмбандак, акколбозӣ, аскарбозӣ ва ғайра). Ин бозиҳо бештар ба бачаҳои синни мактабӣ хос буда, саломатию иродаи онҳоро мустаҳкам ва қобилияташонро афзун мекунанд; 4) бозиҳои дидактикӣ барои тарбияи ақлии бачаҳо аҳаммият доранд ва бештар ба бачаҳои гурӯҳи калони боғча ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ хосанд (лотобозиҳои махсус, чистон ва ғайра). Дар ин бозиҳо эҳсос, идрок, диққат, хотир инкишоф меёбад" [70, с. 43,  142]. Муҳаққиқ З.И. Норова ҳам дар натичаи таҳқиқ бар ин андеша аст, ки "дар оила бо навъҳои мухталифи бозӣ аз қабили бозиҳои миллӣ, бозиҳои рақсӣ, бозиҳои дидактикӣ, бозиҳои сужавӣ ва ғайра машғул шудан лозим" [139, с. 16-17]

Бозии фолклорӣ имкон медиҳад, ки кӯдакон дар рӯҳияи меҳру муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба анъана ва урфу одати ниёгони худ ба воя расанд ва дар муносибат ва муошират бо якдидгар эҳтиромро риоя намоянд, ҳамчунин бо ин роҳ метавонем дар онҳо ҳувият ва худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба халқи худ ва таърихи гузаштаи худро инкишоф диҳем.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз кӯдакони имрӯза ба омӯзиши махсус дар муошират ниёз доранд. Дар синни томактабӣ ин ба воситаи бозӣ - муассисаи асосии тарбия ва инкишофи маданияти бачагони синни томактабӣ хеле бомуваффақият ба амал бароварда мешавад. Ташаккули афкори ахлоқӣ бо истифода аз бозиҳои фолклории кӯдакона ба принсипҳои зерин метавонад асос ёбад:

1. Пайвастагӣ ва пайгирӣ,

2. Мутобиқати фарҳангӣ (яъне маърифат ба арзишҳои фарҳангии умумибашарӣ асос меёбад),

3. Интегратсия (синтези намудҳои гуногуни фаъолият),

4. Табиӣ ва дастрас будани мавод,

5. Аёният (дастурҳо, расмҳои хоси ҳаёти мардумӣ).

Мувофики қоидаҳои педагогикаи халқӣ педагоги рус В.П. Аникин бар ин назар аст, ки барои аз чиҳати чисмонӣ солим, хушахлоқ ва дар чустучӯ ба

воя расондани одам дар кӯдак ҳиссиёти фараҳбахшро нигоҳ доштан лозим аст. Мақсади асосии шаклҳои хурди фолклор, ки кӯдакони хурдсол бо онҳо шинос мешаванд, омода кардани кӯдаки синни томактабӣ ва аввали мактабӣ барои дарки олами атроф дар давоми бозӣ мебошад, ки он ба қарибӣ «мактаби ивазнашавандаи педагогикаи ҷисмонию равонӣ, тарбияи ахлоқию эстетикӣ» мегардад [8, с. 161].

Лозим ба ёдоварист, ки шиносоии аввалини кӯдакон бо фолклор аз шаклҳои хурд оғоз мешавад: қофияҳои кӯдакона, шӯхӣ, чашмбандон, баҷобарак ва ғайра. Бо ёрии онҳо мо ба бачаҳо маҳорати суханронии дурусти саводнок, аз ҷиҳати эмотсионалӣ рангоранг меомӯзем. Дар синни аввали мактабӣ дар синфхона кӯдакон ба воситаи шӯхӣ шинос мешаванд. Шӯхӣ як ҳикояи хурди хандовар ё ифодаи хандоварест, ки кӯдаконро ба завқ меорад. Онҳо бо амалҳои муайяни бозӣ мушоҳида мешаванд. Ҳамчунин, истифодаи тасвирҳо, репродуксияҳои наққошӣ, навъҳои гуногуни театр барои ба даст овардани тасаввуроти некиву бадӣ, зебоиву зебоипарастӣ ва меҳнатдӯстӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ба бачагон аз хурдсолӣ ёрӣ мерасонад, ки онҳо аз ҳар ҷиҳат дар ҷомеа инкишофёфта бошанд.

Мо, бо мақсади нишон додани истифодаи шеърҳо, чистонҳо, зарбулмасалу тезгӯякҳо дар давраи саводомӯзӣ, дар синфҳои хонандагони синфҳои якуми литсейи хусусии “Эҳсон” як қатор корҳои мушоҳидавӣ гузаронидем. Таҷриба нишон дод, ки омӯзгорон бояд ба хонандагони синфҳои якум тавре машғулиятҳоро гузаронанд, ки дилгиркунанда набошанд ва дар ин давра ҳар чи бештар аз бозиҳои дидактикӣ истифода баранд.

Масалан, ҳангоми омӯзиши ҳарфи “А”. Дар тахтаи синф расмҳоро овезон намуда, бо хонандагон номи ашёҳои дар расм бударо номбар мекунем: ангур, анор, асп, абр ва ғайраҳо. Дар вақти талаффузи ашёҳо хонанда бояд ҳарфи навро ҷудо карда тавонад. Пас аз он, бо хонандагон якҷоя шеъри ҳарфи “А”-ро аз ёд мекунем.

“А” аз ҳама аввал аст,
“А” аз ҳама афзал аст.

“А” сарвари Алифбост,

“А” афсари Алифбост.

“А”-ро кас аъло хонад,

Албатта аъло хонад.

Ҳамин тавр, хонандагон бо шавқу рағбат ва бо осонӣ ҳарфҳоро аз бар менамоянд. Мо, ба таври алоҳида дастури “Биё, бо ҳам омӯзем”-ро дар соли 2023 бо теъдоди 43 саҳифаи ранга омада ва чоп намудем, ки дар дохили он тамоми ҳарфҳо бо расмҳо ва бо чистону тезгӯяку зарбулмасал оварда шудаанд, ки истифода намудани он дар раванди таълим муфид мебошад.

Масалан, ҳарфи “О”, ки дар паҳлӯяш расми рангаи олуча тасвир шудааст, чунин омадааст:

“О” ҳарфи садонок буда, лаббӣ ва устувор мебошад. Ҳамчунин, бо ҳарфи “О” чунин шеъру чистону тезгӯяку зарбулмасал омадааст:

Ҳарфи “О”-ро медонем,

Навишта метавонем.

Даҳони “О” доим во,

Магар гушна мондаст, “О”?

“О” ҳам мисол кӯдак,

Будаст аҷаб гирёнчак.

Танӯри тасфон,

Кулчаи хандон.

Лаълии марҷон,

Чист ҷӯрҷон?

Барои пайдо кардани ҷавоби чистон дар поёни чистон расми офтобаки хандон омадааст.

Об омаду об омад,

Бо қаиқ китоб омад.

Дар зери тезгӯяк расми рангаи қаиқ оварда шудааст, ки ин ба хонанда имкон медиҳад, ки ҳам маънои қаиқро аз худ кунад ва ҳам шаклан онро

шиносад.

Инчунин, бо ҳарфи “О” зарбулмасал низ оварда шудааст: Об аз хӯрду нон аз калон.

Аз таҳқиқоти зикргардида, ниҳоятан метавон гуфт, ки истифодаи манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар инкишоф ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синни хурди мактабӣ заминаи ибтидоӣ мебошанд. Яъне истифодаи дурусти таълиму тарбия тавассути манобеи эҷодиёти шифоҳӣ ва шарҳу тавзеҳи навъҳои жанрҳои он дар ҷараёни дарс ва муҳити хонавода ба тафаккур ва таассуроти хонандагон таъсир расонида, ба ҳодисаҳои мусбати ҳаёт таваҷҷуҳи онҳоро бедор ва ба ҳаёту зиндагӣ дилгарм менамояд ва ба муборизаҳову талошҳои рӯзгор омада менамояд.

## Хулосаи боби дуюм

Дар боби дуюм самти асосӣ ва натиҷаи кори таҷрибавӣ-тадқиқотӣ оид ба татбиқи ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсол нишон дода шудааст ва мундариҷаи боб нишон дод, ки мавқеъ ва аҳамияти эҷодиёти шифоҳӣ дар адабиёти бачагона ва мазмуни китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ, асоснокии назариявӣ, принсипҳои методии ташкили рушди ҷаҳонфаҳмӣ ва ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ ҳамчун омили таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ мувофиқи мақсад аст ва китобҳои дарсиро бо мазмуни эҷодиёти шифоҳӣ бо барномаҳое, ки бояд ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоиро инкишоф диҳанд, самаранок таҳия ва ҷоннок намоянд.

Месазад гуфт, ки азхуд кардани фарҳанг ва оини мардуми тоҷикро тавассути таълимоти жанрҳои гуногуни фолклорӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ на танҳо ҷаҳонфаҳмӣ инкишоф меёбад, балки арзиш ва идеалҳои ахлоқиро дар ҷомеаи муосири тоҷик инъикос менамоянд ва фаромуш набояд кард, ки мусоидат дар рушди маънавию ахлоқӣ, ки беҳбудии ҷомеа ва ояндаи миллати тоҷик ба он вобаста аст.

Таҳқиқ ва баррасии фолклор ба кӯдакон шароит фароҳам месозад, ки нутқи ҳамоҳангшудаи онҳо ташаккул ёбад. Эҷодиёти шифоҳии халқ ба хонандагон фазоеро фароҳам меоварад, ки онҳо бо образофаринӣ худро боғайрату ҷасуртар эҳсос намоянд.

Омӯзиши педагогии эҷодиёти шифоҳии халқ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагон замина гузошта, аз ҷониби омӯзгор ва муҳити хонаводагӣ дуруст истифода шудани онҳо ба тафаккур ва рӯҳияи онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Майли онҳо ба раванди ҳодиса ё саргузашти гуногуни дар ҳаёт ба амал омада ҷалб гардида, дар оянда ба мубориазаҳову талошҳо гуногуни ҳаёт омода мешаванд.

Корҳои педагогиро оид ба омӯхтани рубоиёти бачагона, зарбулмасалу мақол, қироати афсона, фаъолиятҳои тасвирӣ, эҷоди образҳои ифодакунанда дар бар мегирад, ки ин дар замони мусир бисёр муҳим аст ва хонандагони

синфҳои ибтидоӣ ба воситаи омӯзиши эҷодиёти шифоҳӣ имконият пайдо мекунанд, ки бардошти таассуроти худро инъикос карда, андешаҳои эҷодии худро ошкор созанд.

Кори таълимиро аз омӯхтани ҳикоя, зарбулмасалу мақолҳои бачагона, хондани афсона, машғулиятҳои тасвирӣ, офаридани образҳои ифоданок иборат аст, зеро имрӯз ин мавзуъ аҳамияти калон дорад.

Афсонаҳо, бозиҳо ва сурудҳои мардумӣ дар ошноии кӯдакон бо муҳити атроф ва ҷаҳонфаҳмӣ нақши бебаҳо доранд ва бисёре аз мутафаккирони бузурги мо ба эҷодиёти шифоҳӣ чунон назари баланд доранд, ки онҳоро ба низоми педагогии худ дохил кардаанд. Сабаби муваффақияти фолклор дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки соддагӣ ва стихиявии эҷодиёти халқ хосияте дорад, ки ба психологияи бачагон наздик аст.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки маънои пештараи навъҳои гуногуни жанрии эҷодиёти шифоҳиро дар оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа зинда ва ба дараҷаи баланд бардоштан лозим аст. Омӯзгор барои пеш бурдани ин кор бо хонандагон бояд аз сарчашмаҳои маҳорати педагогӣ ва таҷрибаи корӣ дуруст истифода барад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқот ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳимми таҳсилоти муосир – ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти шифоҳӣ нигаронида шудааст.

Тағйирот ва дигаргуниҳои ҷомеа ва намудҳои гуногуни ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ боиси ташаккули дастуру мафҳумҳои нав, идеалҳои ахлоқӣ гардида, шароити татбиқи онҳоро муайян мекунанд. Омӯзиш, таҳлил ва баррасии ин масъала талаб мекунад, ки ташаккули кӯдак ҳамчун шахс ва муносибати ӯ ба ҷаҳон ҳамаҷониба зери таъсири намудҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ қарор гирад.

Ҳамчунин, ҳадафи татбиқи таҳқиқот таҳким бахшидани маҳорати методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва методикаҳои хусусӣ бо назардошти истифодаи муносибати босалоҳият дар таълими хонандагон, тавсияҳои таълимию методӣ оид ба истифодаи шаклҳои фаъоли таълим иборат мебошад. Вобаста ба моҳияти таҳқиқот дар шакли зерин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Таҳлил ба мо имкон медиҳад қайд намоем, ки дар илми педагогикаи ватанӣ ва равоншиносӣ мушкилоти ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба қадри кофӣ коркард ва омӯхта нашудааст. Муносибати ягона барои муайян кардани сохтори ин раванд ва масъалаҳои мавриди назар вуҷуд надорад. Ин имконият ва раванди таълим дар ташаккули дарки ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ камтар таҳқиқ ва омӯхта шудааст.

2. Дарки олам, ки дар ҷараёни азхудкунӣ ва омӯзиши бадеӣ-фолклорӣ ҳамчун инъикоси муносибати инсон бо инсон, инсон бо ҷамъият, инсон бо муҳити табиӣ ташаккул меёбад ва бо пайванди воқеии “ҳама чиз бо ҳама чиз” ва ҳамчун ҷаҳонфаҳмии воқеӣ фаҳмида мешавад. Зиндагӣ ин як фаъолияти бадеӣ-фолклорӣ мебошад, ки дар асоси ҳиссиёт ва ғояҳои худи кӯдакон бо ҷалби ҳадди аксар қобилият ва саъйи онҳо дар асоси робита бо олами атроф ва

зиндагии воқеӣ ташкил карда мешавад, ки кӯдакон дар он дониш, малака ва малакаҳои фолклорӣ ҳамчун воситаи мусоидат ба робитаҳои мустақим, инфиродӣ ва эҷодии онҳо бо ҷаҳон истифода мешаванд.

3. Омӯзиши жанрҳои гуногуни фолклор ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки нутқи ҳамоҳангшудаи онҳо пурра инкишоф ва ҷаҳонфаҳмии онҳо ташаккул ёбад. Ҳамчунин, фолклор ба кӯдакон имкон медиҳад, ки худро оромтар, ҷасуртар, мустақилтар ҳис кунанд, тасаввурот ва тафаккурро инкишоф диҳанд, барои ифодаи худ озодии комил диҳанд, ба бедории хаёлот ва ташаббуси эҷодии худ мусоидат намоянд.

4. Омӯзиши манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ заминаи ибтидоро ба миён гузошта, истифодаи дурусти онҳо дар таълиму тарбия ва муҳити хонавода ба тафаккур ва рӯҳияи хонандагон таъсир мерасонад ва таваҷҷуҳи онҳоро ба ҳодиса ё саргузашти гуногуни дар ҳаёт ба амал омада бедор намуда, ба муборизаҳову талошҳои рӯзгор омода менамояд.

5. Модели мантиқӣ-семантикии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ унсурҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки онҳоро муҳити гуманитарии таълимӣ дар асоси принсипҳо муттаҳид менамояд. Модел мувофиқи мақсад, марҳила, мундариҷа, усул ва шаклҳо фаъолият намуда, ба ташаккули шахсияти хонанда таъсири муайян мерасонад.

6. Таҳқиқот зарурати таҳияи модели инкишофи мавқеи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар марҳилаи ибтидоии таълим, ки аналоги ҷараёни таҳқиқшаванда аст ва маҷмуи навъи таркибии бо ҳам алоқаманд, аз ҷумла тавсифро дар бар мегирад, ошкор ва исбот намуд. Фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда ва амалисозии онҳо имкон медиҳад, ки ба сатҳи баланди ташаккулёбии мавқеи ҷаҳонфаҳмӣ ноил гарданд.

7. Ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон фароҳам меоварад, ки арзишҳои маънавӣ ва камолоти ахлоқӣ баланд бардошта шаванд. Ҷаҳонфаҳмӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба омилҳои номатлубе, ки ба ташаккули шахсияти мактаббачагон таъсир мерасонанд, муқобилат

кунанд.

8. Дар асоси таҳлили назариявии адабиёти педагогиву фалсафӣ ва психологӣ маънои педагогии категорияи «дарки ҷаҳон» ҳамчун ҳолати шахсӣ, ки омодагии шахсро дар асоси меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ барои муомила бо муҳити зист муайян мекунад, тасаввуроти худи ӯ дар бораи ҷаҳон ва моҳияти ҷаҳонфаҳмӣ равшан гардида, сохтори фаъолияти ҷаҳонфаҳмиро дар алоқамандии ҷузъҳои ҳавасмандӣ, мундариҷа ва амалиёт инъикос менамояд.

9. Инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагон раванди тӯлонӣ ва гуногунҷабҳа мебошад. Вай натанҳо аз сатҳи гуногуни азхудкунии дониш ва сатҳи мувофиқи рушди ақидаҳо, эътиқодҳо ва идеалҳо, балки ба хусусиятҳои синну соли хонандагон низ вобаста мебошад. Он табиатан аз ташаккули соддатарин унсурҳои марбут ба ақидаҳои ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаббачагони хурдсол оғоз мешавад, ки баъдан бо синну сол инкишоф меёбад ва мураккабтар мегардад.

10. Таҳлили хусусиятҳои ташаккули мавқеи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ибтидоӣ чунин ташкили раванди таълим зарур мебошад, ки бо таъсири он ҳам ба шахсияти кӯдак тавассути эҷодиёти шифоҳӣ ва ҳам тавассути системаи муносибатҳо ва ба мундариҷаи таълими ибтидоӣ дониши бунёдиро дар бар гирад.

11. Ташаккули доираи муайяни арзишҳо зери таъсири бузурги ҳамсолон, калонсолон ва одамони наздик ба кӯдак ба амал меояд. Дар ин росто воситаи ахбори омма, радио ва телевизион, кино ва театр ҳамчун манбаи иттилоот нақши муҳим доранд. Муносибати ҷиддии калонсолон ба масъалаҳои инкишофи кӯдакон шарти муҳимми дарки дурусти ҷаҳонфаҳмӣ мебошад.

12. Дигаргуниҳо ва рушди сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ташаккулёбии иҷтимоии кӯдакон таъсир мерасонанд ва ҳамчунин, тағйирот дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ва фарқияти тарзи ҳаёти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ низ омилҳои асосие мебошанд, ки ба ҷаҳонфаҳмии

кӯдакон таъсири манфӣ ва ё баракс мерасонанд. Талабот, муносибатҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, ки дар кӯдакон ташаккул меёбанд, лаҳзаҳои бунёдии ташаккули пояҳои ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди иҷтимоиёти ӯ мебошанд. Кӯдакон дониши ибтидоии илмиро дар бораи ҷаҳон, дар бораи падидаҳои табиат ва ҷомеа дар раванди сохтори ҷамъиятӣ мегиранд, ки ҷаҳонфаҳмии онҳоро ташаккул медиҳад.

13. Таҳқиқ ва таҳлили осори фолклорӣ дар раванди таълим зарурати ба таҳқиқи илмӣ равона кардани кӯдакон ва ошкор намудани мантиқи дониши илмӣ, яъне ба онҳо дар шакли дастрас нишон додани хосиятҳои асосии соҳаи омӯзиши воқеиятро нишон медиҳад. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёт ва рушди ҳамаҷонибаи ҷамъияти инсонӣ кӯдакон бояд мустақилона донишҳои нав азхуд намуда, маҳорат ва малакаи худро такмил диҳанд. Барои инкишоф додани ҳавасмандии раванди таълим ва рушди зеҳнӣ ва тафаккури кӯдакон аз тамоми имкониятҳои давраи таҳсилоти ибтидоӣ, ки давраи муҳим маҳсуб мегардад, истифода бурдан лозим аст.

14. Дурнамои тадқиқоти минбаъда дар омӯзиши имкониятҳои фаъолияти таълимӣ дар ташаккули асосҳои мавқеи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дида мешавад ва рушди шаклҳои инноватсиониву муайян кардани шароити педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии инкишофёбии ҷаҳонфаҳмӣ метавонад мавриди баррасӣ қарор гирад.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия тавсияҳои зер, ки бояд минбаъд ба болоравии сатҳи таъминоти шароити педагогии инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ ва ташаккули навъҳои он дар хонандагони синфҳои ибтидоии ҷомеаи муоисири Тоҷикистон мусоидат намоянд, пешниҳод менамоем:

- дар замони муосир зарурат ба миён омадааст, ки барномаи таълимӣ ва нақшаҳои кории фанҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва умуман мактабҳои миёнаи умумӣ бо мақсади мувофиққунонии он ба стандартҳои байналмилалӣ, истифодаи методу усули коркард бо диди нав таҳия ва такмил дода шаванд;

- жанрҳои фолклориро ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавон дар мактабҳои миёна паҳн кард ва татбиқ намуд, зеро омӯзиши фолклор ҷаҳонфаҳмӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқии хонандагонро инкишоф медиҳад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳамаҷониба рушд намуда, анъанаҳои мардуми худро ҳифз кунанд;

- кори синфӣ оид ба инкишофи ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагон ва тарбияи маънавии онҳо тавассути системаи корҳои маърифатӣ ва таълимии берунасинфӣ ва берунамактабӣ, оила ва мустақилона таъмин карда шуда, пайваста идома ёбанд. Зеро омезиши равандҳои синфӣ ва берунасинфии тарбия натанҳо ба омӯзиши мафҳуми фарогирандаи фанҳои омӯхташаванда ҳавасманд мекунад, балки ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси омӯзиш ва чорабиниҳои тарбиявӣ васеъ гардида, амалан онҳоро дар раванди мушоҳидаҳои воқеаҳои табиӣ барои ҳаёт омода месозад;

- ба воситаи саёҳатҳо аз ҷониби омӯзгорон принсипи намоиш ва аёнияти таълимӣ амалӣ гардад ва дар рафти он хонандагон бевосита бо ашё ва ҳодисаҳои вобаста ба таълим, маҳалли зист ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ дар ҳолати табиияшон шиносонида шаванд;

- аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ натанҳо дониш, балки аз бар намудани тамоми унсурҳои таркибии тарбия, истифодаи усулҳои нави педагогӣ ва қобилияти дар раванди тарбияи хонандагон ҳамоҳанг бо ин донишҳо кор кардан низ талаб карда мешавад;

- дар замони муосир нерӯи омӯзгорон бояд дар дарс пеш аз ҳама ба фаъолияти маърифатии фаъол равона карда шаванд. Ҳамчунин, дар дарс бояд ба омӯзиши вазъият ва масъалаҳое равона карда шаванд, ки хонандагон дар ҳаёти худ метавонанд бо онҳо рӯ ба рӯ шаванд. Барои расидан ба ин мақад аз воситаҳои мухталиф, аз ҷумла модел ва дигар шаклҳои фаъоли таълим ва педагогикаи ҳамкорӣ истифода кардан лозим аст.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Адабиёт ба забони тоҷикӣ ва русӣ


1. Абдуллоев, И. Забони модарӣ [Матн] / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев, Б. Боронов, З. Дорғабеков. Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Маориф, – 272 с.

2. Абдунабӣ, А. Шеърдонӣ фазилатмандист [Матн] / А. Абдунабӣ // Омӯзгор. – №22, 30 майи соли 2019.

3. Арцышевский Р.А. Мировоззрение, сущность, специфика, развитие [Текст] / Р.А. Арцышевский. – Львов, 1996, – 196 с.

4. Алибаев, С. Ҳар омӯзгор равоншинос ҳам бояд бошад [Матн] / С. Алибаев // Омӯзгор. – №4-5. – Апрел, майи 2019.

5. Алимӣ, Ҷ. Мушкилоти педагогӣ [Матн] / Ҷ.Алимӣ, А.И. Даминова [Матн]. –Душанбе: Эр-граф, 2015. – 224 с.

6. Амонов, Н.Қ. Асосҳои психологияи муоширашати педагогӣ [Матн] /Н.Қ Амонов. – Душанбе, 2003. – 186 с.

7. Андреев, В.И. Педагогика творческого саморазвития: Инновационный курс [Текст] / В.И. Андреев. Книга 1. – Казань: Изд. КГУ, 1996. – 570 с.

8. Аникин, В.П. О фольклористике как филологической науке [Текст] / В.П. Аникин // Традиционная культура: науч. альм., издательство Центр рус. Фольклора.– М. – № 4. – С. – 161-167.

9. Асоев, И. Шеъру чистон ва зарбулмасалҳо барои синфҳои ибтидоӣ [Матн]. – Душанбе, 2002. – 36 с

10. Асосҳои фалсафа. Дастури таълимӣ [Матн]. – Душанбе, 1999. – С. 3

11. Асрорӣ, В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик [Матн]: Дастури таълим барои факултаҳои филологӣ / В. Асрорӣ. – Душанбе: Маориф, 1990. – 255 с.

12. Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик (фолклори тоҷик) [Матн] / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.

13. Афзалов, Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Х. Афзалов, Б. Раҳим. – Душанбе, 2002. – 235 с.

14. Афсонаҳои халқи тоҷик [Матн]. – Душанбе: Забон, 2012. – 108 с.

15. Афсонаҳои халқи тоҷик [Матн]. – Душанбе: Маориф, 2015. – 88 с.

16. Афсонаҳои халқи тоҷик [Матн]. Иборат аз VI қисм. – Душанбе: Маориф, 2016. – 48 с.

17. Аҳмад, П.С. Тарона ва таронасароӣ дар Эрон [Матн] / П.С. Аҳмад. – Теҳрон: Суруш, 1376. – 674 с.

18. Баранов, С.П. Сущность процесса обучения [Текст]/ С.П. Баранов. – М.: Просвещение, 1981. – 143 с.

19. Батурина, Г.И. Народная педагогика в воспитании дошкольников [Текмт] / Батурина Г.И. – М.: Просвещение, 1995. – 238 с.

20. Бибихин, В.В. Мир [Текст]/ В.В. Бибихин. – Томск, 1995. – 160 с.

21. Бабанский, Ю.Т. Избранные педагогические труды [Текст] / Ю.Т. Бабанский. – М.; Мин-во образования РФ. 1989. – 560 с.

22. Бобоева, Г.Ш. Тарзу усули истифодаи маводи таълимӣ дар дарси педагогика [Матн]/ Г.Ш. Бобоева // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2010. – №2. – С. 71-74.

23. Бобоева, Г.Ш. Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятнокиҳои умумикасбии муаллимони оянда тавассути методҳои интерактивӣ / Г.Ш. Бобоева, А.С. Гулов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2017. – №1-1(43). – С. 73-81.

24. Бордовская, Н.В. Педагогика: учеб. Пособие [Текст]/ Н.В. Бордовская, А.А. Реан – СПб.: Питер, 2008. – 304 с.

25. Боронов, С.П. сущность процесса обучения [Текст]. – М.: Просвещение, 1981, – 143 с.

26. Борытко, П.М. Пространство воспитания: Образ бытия [Текст] / Н.М. Борытко; науч. ред. Н.К. Сергеев. – Волгоград: Перемена, 2000. – 206 с.

27. Буш, Г.Я. Диалогика и творчество [Тест] / Г.Я. Буш. – Рига, 1985, 318 с.

28. Васильева, М.С. Особенности формирования основ мировоззрения у младших школьников [Текст] / М.С. Васильева, В.С. Перекалова // Формирование коммунистического мировоззрения школьников. – М.: Педагогика, 1978. – 165 с.

29. Виноградова, Н.Ф. Окружающий мир в начальной школе [Текст] / Н.Ф. Виноградова. – М.: Издательский центр “Академия”, 2005. – 400 с.

30. Волков, Г.Н. Этнопедагогика: учеб.для студ. сред. и высш. пед. учеб. Заведений / Г.Н. Волков. – М.: Академия, 1999. – 168 с.

31. Воспитание экологической культуры школьников как психолого-педагогическая проблема [Текст]: Сб. науч. ст. института развития личности РАО / под ред. Б.Г. Лихачева, Н.С. Дежниковой. М.: АОЗТ Ариант, 1997. – 64 с.

32. Воҳидов, З. Инъикоси ҳаёт дар фолклор [Матн]/ З.Воҳидов // Садои Шарқ. – 1964. – №7. – С. 138–146.

33. Выготский, Л.С. Педагогическая психология [Текст] / Л.С. Выготский. Под ред. В.В. Давыдова. – М.: Педагогика, 1991. – 480 с.

34. Гальперин, П.Я. Четыре лекции по психологии [Текст]: Учебное пособие для студентов вузов / П.Я. Гальперин. – М.: Книжный дом «Университет», 2000. – 112 с.

35. Гулмадов, Ф. Шарипов А. Ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила [Матн] / Ф. Гулмадов, А. Шарипов. – Душанбе: Маориф, 2020. – 160 с.

36. Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол [Матн] / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 296 с.

37. Гнездилов, А.В. Авторская сказкотерпия: дым старинного камина [Текст] / А.В. Гнездилов // Сказки доктора Балу. – СПб.: Речь, 2002. – 290 с.

38. Ғоибназаров, И. Масалу чистон дар таълим / И. Ғоибназаров // Омӯзгор. – 1992. – №15. – 8 апрел. – С. 5.

39. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон [Матн] / М.

Давлатов. –Душанбе: Ирфон, 2018. – 224с.

40. Данилов, М.А. Дидактика [Текст] / М.А. Данилов. – М.: Изд. АПН РСФСР, 1957. – 518с.

41. Залесский, Г.Е. Психология мировоззрения и убеждений личности [Текст] / Г. Е. Залесский. – М.: Изд–во МГУ, 1994. – 138 с.

42. Заминаҳои ташаккули ҷаҳонинии илмӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 138 с.

43. Зарбулмасалҳои машҳур [Текст]. Мураттиб Б.Тилавов. – Душанбе, 1983.–229с.

44. Зафар, Ш.С. Суханони ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ш.С. Зафар. – Душанбе: ҶДММ “Констраст”, 2019. – 464.

45. Зикилобекова, С. Муаллим дар меҳвари таълим [Матн] / С. Зикилобекова // Омӯзгор. – № 20. – 16 майи соли 2019.

46. Иванов, В.П. Мировоззренческая культура личности (философские проблемы формирования) / В.П.Иванов. – Киев: Наукова думка, 1986. – 207 с.

47. Ильясов, И.И. Проектирование курса обучения по учебной дисциплине: пособие для преподавателей [Текст] / И.И. Ильясов, П.А. Галатенко. – М.: Логос, 1994. – 208 с.

48. Исматуллоев, М.Р. Афсона дар насри бачагонаи тоҷик [Мант] / М.Р. Исматуллоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – №1-2 (68-69). – Душанбе, 2017. – С. 122.

49. Исматуллоев, М.Р. Зарбулмасал ва мақолҳои насри бачагонаи тоҷик [Матн] /М.Р. Исматуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – № 4/5(209).

50. Караковский, В.А. Воспитательная система школы [Текст]: Педагогические идеи и опыт формирования / В.А. Караковский. – М.,1991. – 521с.

51. Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (Қарори Ҳукумати ҶТ №200 аз 3.05.2002).

52. Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. –Душанбе: Маориф, 2006.

53. Коротаева, Е.В. Директор-учитель-ученик: пути взаимодействия [Текст] / Е.В. Коротаева. – М.: Сентябрь, 2000. – 144 с.

54. Крутецкий, В.А. Психология обучения и воспитания школьников [Текст] / В.А. Крутецкий. – М.: Просвещение, 1976. – 303 с.

55. Крутецкий, В.К. Основы педагогической психологии [Текст] / В.К. Крутецкий. – М.: Просвещение, 1972. – 255 с.

56. Куллиёти фолклори тоҷик [Матн]. – Ҷ.1. – Москва, 1981.

57. Куллиёти фолклори тоҷик [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1986. – 240 с.

58. Кулюткин, Ю.Н. Психология обучения взрослых [Текст]// Ю.Н. Кулюткин. – М., 1985. 128 с.

59. Курзова, Н.А. О формировании нравственной культуры личности [Текст]/ Н.А. Курзова. – Л., 1987. – 238 с.

60. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи гузариш ба системаи нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Текст] аз 3.05.2010. –№207.

61. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] аз 3.03.2006. – №94. – 14 с.

62. Қаюмова, О.Э. Нақши абстрактонидан дар ташаккули тафаккури хонандагони хурдсол [Матн] / О.Э. Қаюмова // Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир. – Хуҷанд: Нури маърифат. – 380 с.

63. Қодиров, Қ.Б. Вожаномаи тафсири истилоҳоти пихологӣ ва педагогӣ [Матн] / Қ.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. – Душанбе, 2008. – 192 с.

64. Қодиров, С. Психология [Матн] / Қодиров С., М.Т. Давлатов. – Душанбе: Сино, 2002.

65. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Матн]. –Душанбе, 20011. –16с.

66. Латифов, Д. Эҷодиёти мардумӣ-асоси фарҳанги этикӣ [Матн]: Воситаи таълим барои донишҷӯён ва кормандони соҳаи фарҳанг / Д. Латифов. – Душанбе, 2011. – 160с

67. Лейтес, Н.С. Умственные способности и взраст [Текст] / Н.С. Лейтес. – М.: Педагогика, 1971. – 280 с.

68. Лисина, М.И. Проблемы онтогенеза общения науч [Текст].– исслед. ин–т общей и пед. психологии Акад. пед. наук СССР / М.И. Лисина. – М.: Педагогика, 1986. – 144 с.

69. Лихачев, Б.Т. Педагогика. Курс лекций [Текст] / Б.Т. Лихачев. – М.: Прометей, 1998. – 462 с.

70. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика [Матн]. – Душанбе,1988. – 304 с.

71. Лутфуллоев, М. Лафзи ширин [Матн]: Дастури таълимӣ / М. Лутфуллоев, Л. Иматова. – Душанбе, 2014. – 333 с.

72. Лутфуллоев, М. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ [Матн]: Васоити таълимӣ] / М. Лутфуллоев, Қ.С. Абдураҳимов. – Душанбе, 2012. – 208 с.

73. Махмутов, М.И. Организация проблемного обучения в школе [Матн]: кн. для учителей / М. И. Махмутов. – М.: Просвещение, 1977. – 240 с.

74. Маҳмудов, И.М., Исломов О.А. Баъзе масъалаҳои шаклгирии тафаккури хонандагон дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов, О.А. Исломов // Номаи Донишгоҳ. – 2019. –№2. – С.166-171.

75. Маҳмудов, И.М. Имкониятҳои дидактикии васоити техникӣ дар раванди таълим [Матн] / И.М. Маҳмудов // Номаи Донишгоҳ. – 2018. –№4. – С. 169-176.

76. Маҷидова, Б. Истифодаи зарбулмасал ва мақолҳо дар таълим ва тарбияи кӯдакон [Матн] / Б. Маҷидова, А. Иматова. – Душанбе, 1999. –37 с.

77. Маҷидова, Б.А. Педагогикаи томактабӣ [Матн] / Б.А. Маҷидова. – Ҷ.1. –Душанбе: Ирфон, 2011.– 222 с.

78. Миралиев, А.М. Педагогика ва психология [Матн] / А.М. Миралиев, М.Т. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 334 с.

79. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.

80. Могилевский, В.Д. Методология систем: вербальный подход (Безопасность систем) [Текст] / В.Д. Могилевский. – М.: Экономика, 1999. – 251 с.

81. Моносзон, Э.И. Теоретические основы коммунистического воспитания школьников [Текст] / Э.И. Моносзон. – М.: Педагогика, 1983. – 320 с.

82. Мустафоқулов, Т. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ [Матн] / Т. Мустафоқулов, М.Назруллоев. – Кӯлоб, 2010. – 282 с.

83. Муҳаммадҳодӣ, М. Равишшиносии нақди аабиёти кӯдакон [Матн] /
М. Муҳаммадҳодӣ. – Теҳрон: Суруш, 1378. – 355 с.

84. Новая философская энциклопедия [Текст]: в 4 т. / Ин-т философии РАН, Общ.–науч. фонд; науч.–ред. совет: преде. В.С. Степин, зам. преде. А. А. Гусейнов, Г.Ю. Семигин, уч. секр. А.П. Огурцов. – Т.1. – М.: Мысль, – 721 с.

85. Носирҷон, М. Фолклори тоҷик [Матн]. Қ.1. – Душанбе, 2005. – 160 с.

86. Нуртун, Д. Шинохти адабиёти кӯдакон: гунаҳо ва корбурдҳо аз равзани чашми кӯдак [Матн] / Д. Нуртун. [Тарҷумаи Мансури Роъӣ]. Иборат аз 2 ҷилд. – Ҷ.1. Теҳрон: Хонаи тарҷумаи кӯдакон ва навҷавонон. – 1382.

87. Обидов, Д. Афсонаҳои ҳаҷвӣ-маишии тоҷикӣ ва азамияти тарбиявии онҳо [Матн] / Д. Обидов // Мактаби советӣ. – 1968. –№ 2. – С.24.

88. Оёмаҳмадов, Б.Қ. Воситаҳои муосири арзёбии натиҷаҳои таълим [Матн] / Б.Қ. Оёмаҳмадов, Б.Қ. Ятимов. – Душанбе, 2018. – 127 с.

89. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст]: ок. 57000 слов / С.И. Ожегов; под ред. Н.Ю. Шведовой. – 11-е изд., стереотип. – М.: Русский язык, 1977. – 848 с.

90. Озерман, Т.И. Пролемы историко-философской науки [Текст] / Т.И. Озерман. Изд. второе. – Москва: Мысль, 1982. – 301 с.

91. Олен, Г. Ҳунар ва фанни қиссагӯӣ / Г. Олен [Тарҷумаи Тоҳир Одинапур]. – Теҳрон: Нашри абҷад, – 1378. 348 с.

92. Педагогическая энциклопедия [Текст]. В 4-х томах / Гл.ред.И.А.Каирова и др. – М.: Сов. энциклопедия. 1964-1966 гг. – Т.2. 1965. – 911 с.

93. Педагогический энциклопедический словарь [Текст]. – М., 2003. – 528 с.

94. Пиров, М. Методикаи таълими жанрҳои фолклорӣ дар синфҳои 4–5 [Матн] / М. Пиров. Душанбе, Маориф, 1983. – 70 с.

95. Расулов, Д. Дидактика [Матн] / Д. Расулов, Д. Ғафурова [дастури таълимӣ]. – Душанбе, 2013. – 233с.

96. Расулов, Д. Педагогика [Матн] / Д. Расулов, Л. Сайидаҳмадов [назарияи тарбия]. – Душанбе, 2009. –267 с.

97. Раҳимов, Д. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон [Матн] / Раҳимов Д. – Душанбе: Истеъод, 2012. – 136 с.

98. Раҳимов, Х. Педагогика [Матн] Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ / Х. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 416 с.

99. Раҳмов, С. Кӯдакон ва чистону тезгӯяк [Матн] / С. Раҳмов // Омӯзгор. – №15. –11 апрел. – 2019.

100. Раҳмонов, Р. Афсонаҳо ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ [Матн]: Дастури таълимӣ / Р. Раҳмонов. – Душанеб, 1999. – 104 с.

101. Рогов, Е.И. Учитель как объект психологического исследования [Текст] / Е.И. Рогов. – М., 1998. – 492 с.

102. Российская педагогическая энциклопедия [Текст]. – М.: «Большая российская энциклопедия», 1999. – С. 576.

103. Рубинштейн, С.Л. Проблемы общей психологии [Текст] / С.Л Рубинштейн. – Москва, 1973. – 377 с.

104. Савин, Н.В. Педагогика [Матн] / Н.В. Савин. – Душанбе: Маориф, 1975. – 328 с.

105. Саидов, М.В. Асосҳои равоншиносӣ ва педагогӣ [Матн]: Дастури таълимӣ-методӣ) / М.В. Саидов. – Душанбе, Маориф, 2007. – 65 с.

106. Саидбой, Ш. Методикаи таълими забони тоҷикӣ [Матн] Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон– Душанбе, 2011.–458 с.

107. Сергеев, К.А. Философия Канта и новоевропейская метафизическая позиция [Текст] / К.А. Сергеев. Трактаты. – СПб.,1996. – 130с.

108. Сергеев, Н.К. Становление субъектности специалиста в воспитательном пространстве непрерывного профессионального образования [Текст] / Н.К. Сергеев, Н.М. Борытко // Педагогические проблемы становления субъектности школьника, студента, педагога в системе непрерывного образования: сб. науч. и метод, тр. / под ред. Н. К. Сергеева [и др.]. – Волгоград: Изд–во ВГИПК РО, 2003. – Вып. 15. – С. 5–10. – С. 8.].

109. Скаткин М.Н. Методология и методика педагогических исследований [Текст] / М.Н. Скаткин. – М: Педагогика, 1986. –152с.

110. Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 [Матн]. – Душанбе, 2010.

111. Сӯфизода, А. Фолклор ва воқеият [Матн] / А. Сӯфизода. – Душанбе, 2008. – 112 с.

112. Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям [Текст] / В.А. Сухомлинский. Издательство “Радяньска школа”, 1985. – 557 с.

113. Файзулло, Ш. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим [Матн] / Ш. Файзулло. – Душанбе: Ирфон. – 2020, – 484 с.

114. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. Иборат аз 2 ҷилд. – Ҷ.1. [Зери таҳрири Сайфиддини Назар] – Душанбе, 2008. 950 с.

115. Философская энциклопедия [Текст]: В 4 т. – М, 1964. – Т. 3. –591с.

116. Философский словарь [Текст] / Под ред. М.М. Розенталь, – М.: Политическая литература, 1975. – 495 с.

117. Флоренский, П.А. Избранные труды по искусству [Текст] / П. А. Флоренский. – М.: Изобр. искусство, 1996. – 333 с.

118. Хабибова, Н.Ш. Тарбияи ҳисси таҳаммулпазирии наврасон тавассути афсона [Текст] / Н.Ш. Хабибова, М.М. Нургулова // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа ). –2019. – №1 (33). – С. 86-94.

119. Харламов, И.Ф. Педагогика [Матн] / И.Ф. Харламов. – М.: Гардарики, 1999. – 520 с.

120. Холова, Қ.А. Масъалаҳои алоқаи оила ва мактаб дар татбиқи консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.А. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С. 254-258.

121. Ҳаётова, Р. Роли фолклор дар инкишофи тафаккури кӯдакон [Матн] / Р. Ҳаётова, Н. Имомова // Мактаби советӣ. – 1978. – №5. – С. 57–58

122. Ҳалимова, С. Шеъру чистон дар дарсҳои забони модарӣ [Матн] / С. Ҳалимова // Маорифи Тоҷикистон. – феврали 2020. – №2. – С. 39.

123. Ҳасани, М. Фолклори бачагонаи тоҷик [Матн] / М. Ҳасан. – Душанбе: Ирфон, 2015, – 275 с.

124. Шамониева, З. Ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар таълиму тарбия [Матн] / З. Шамониева // Маърифати омӯзгор. – декабри 2019. – №12. – С. 30.

125. Шарипова, Ш.В. Роҳҳои дуруст истифода намудани телевизион дар инкишофи ҳаматарафаи кӯдак [Матн] / Ш.В. Шарипова // Масълаҳои мубрами таълим дар замони муосир. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 380 с.

126. Шарифхоҷаев, М. Назария ва амалияи ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён-омӯзгорони оянда [Матн] / М. Шарифхоҷаев, Ҷ.А. Шукурзода, С. Шарифхоҷаева – Бохтар, 2022. – 234 с.

127. Швейцер, А. Культура и этика [Текст] / А. Швейцер – М., 1973. – 343 с.

128. Шинкарук, В.И. Актуальные вопросы исследования мировоззренческих функций диалектического материализма [Текст] / В.И.

Шинкарук, В.П. Иванов // Вопросы философии. – 1981.– № 2. – С. 49.

129. Шомуродов, Х.Р. Педагогика [Матн]: Бонки лексия аз фани педагогика барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ / Х.Р. Шомуродов. – Душанбе, 2009. – 318 с.

130. Энсиклопедияи советии тоҷик [Матн]. – Ҷ.8. – Душанбе, 1988. – 592 с.

131. Юнусов, Й. Педагогика [Матн]: Китоби дарсӣ барои коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ. / Й. Юнусов – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – 380 с.

## II. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо

132. Бортник, А.Ф. Педагогические основы формирования научного мировоззрения учащихся старшего подросткового возраста: на примере изучения географии [Текст] / А.Ф. Бортник // Дисс... канд. педаго. наук. (13.00.01.) – Москава, 2002. – 155 с.

133. Затямина, Т.А. Становление гуманитарного мировосприятия педагога–музыканта в процессе курсовой подготовки [Текст] / Т.А. Затямина // Автореф. дис... канд. пед. наук. (13.00.01). – Волгоград, 2002. – 22 с.

134. Зубенко, Н.Ю. Концептуальные основы становления мировоззрения студентов вуза–будущих учителей в контексте устойчивого развития [Текст] / Зубенко Н.Ю. // Дис... докт. педагог. наук. (13.00.01) – Тула, 2018. – 429 с.

135. Исоев, С. Народные традиции и опыт по трудовому воспитанию детей в семье [Текст] / С. Исоев. Автореф. дис. … канд. пед. наук. – Ташкент, 1980. – 20 с.

136. Михайлова, Н.М. Интеграция экологических знаний младших школьников [Текст] / Н.М. Михайлова // Автореф. дис... канд. пед. наук. (13.00.01). – Оренбург, 1995. –22 с.

137. Михайлова, Т. П. Формирование мировоззрения школьников на уроках художественно–эстетического цикла (на примере авторского курса “Мироздание”) [Текст] / Т. П. Михайлова // Автореф. дис... канд. пед. наук.

(13.00.01). – М., 1999. –19 с.

138. Нефедова, Е.В. Формирование мировосприятия младшего школьника в бразовательном процессе [Текст] / Е.В. Нефедова // Дисс... канд. педаго. наук. (13.00.01). – Оренбург, 2006. – 245 с.

139. Норова, З.И. Хусусиятҳои мазмуни фаъолияти педагогии марказҳои инкишофи кӯдак дар шароити аз ҷиҳати педагогӣ омада набудани падару модарон / З.И. Норова // Автор. канд. пед. наук. (13.00.01). – Душанбе, 2023. –55 с.

140. Тарасов, С.В. Теоретико – методологические основы становления мировозприятия школьников в условиях современной социокультурной среды [Текст] / С.В. Тарасов // Афтор. дис... д-ра пед. наук. (13.00.01). 2001. – 24 с.

## III. Сомонаҳои интернетӣ

141. Анализ развития толерантности посредством сказкотерапии у детей младшего школьного возраста), страница 4 [Электронный ресурс]. Режим доступа: *https://studizba.com/files/show/doc/62939-4-128934.html*

https://infourok.ru/doklad-na-temu-formirovanie-nauchnogo-mirovozzreniya-u-detey-mladshego-shkolnogo-vozrasta-3411974.html (дата обращения: 19.05.21).

142. Бозиҳои бачагона. [Матни электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://kitobam.com/crp/BOZIHOI-BACAGON_crp/ (санаи муроҷиат: 19.11.21).

143. Виды воспитания детей младшего школьного возраста. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.neboleem.net/stati–o–detjah/6510 (дата обращения: 19.05.21)

144. Гаврилова, А.Б. Детский фольклор-исток сохранения русских народных традиций / Гаврилова А.Б. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://io.nios.ru/articles2/85/6/detskiy-folklor-istok-sohraneniya-russkih-narodnyh-tradiciy (дата обращения: 15.05.21).

145. Доклад на тему “Формирование научного мировоззрения у детей младшего школьного возраста”. [Электронный ресурс]. Режим доступа:

146. Каримова, И.Х. Теоретические основы гуманизации

гуманитарного образования учащихся таджикской школы / И.Х. Каримова // Дисс... докт. педагог... наук (13.00.01) – Душанбе, 2000. – 357 с. https://www.dissercat.com/content/teoreticheskie-osnovy-gumanizatsii-gumanitarnogo-obrazovaniya-uchashchikhsya-tadzhikskoi-shk (дата совершение:16.11.21).

147. Мафҳуми ҷаҳонбинӣ, ҷиҳатҳо, зинаҳо ва шаклҳои таърихии он [Матни электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://tojikon.net/articles/1281-mafhumi-chahonbini-chihatho-zinaho-va-shaklhoi-tarihii-on.html (санаи мурочиат: 20.09.21).

148. Мировоззрение и его разновидности. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://foxford.ru/wiki/obschestvoznanie/mirovozzrenie-i-ego-raznovidnosti (дата обращения: 29.05.21).

149. Моҳияти ҷаҳонбинӣ ва қисматҳои муҳими он. [Матни электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://allinweb.ru/pedagogika/39579/ (20.11.2021)

150. Соломатина И.А. Формирование мировоззренческих позиций личности в образовательном процессе. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.sgu.ru/sites/default/files/textdocsfiles/2013/07/15/i-09_solomatina.pdf (дата обращения: 12.10.21).

151. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мулоқот бо зиёӣёни мамлакат, шаҳри Душанбе, 19 марти соли 2015 [Матни электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=18493 (санаи мурочиат: 16.11.21).

152. Формирование мировоззрения, нравственно–эстетической и гражданской культуры личности. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://works.doklad.ru/view/Z396CHagxCY.html (дата обращения: 12.03.21).

153. Формирование научного мировоззрения старшеклассников при обобщении знаний до уровня естественнонаучной картины мира. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://toipkro.ru/content/files/documents/podrazdeleniya/emo/v%20pomosch%20uchitelu/fizika/sokolova%20mirovozrenie.pdf (дата обращения:18.05.21).

154. Формирование научного мировоззрения у детей младшего школьного возраста. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://infourok.ru/doklad–na–temu–formirovanie–nauchnogo–mirovozzreniya–u–detey–mladshego–shkolnogo–vozrasta–3411974.html (дата обращения:02.05.21).

155. Формирование основ мировоззрения младших школьников. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://doc4web.ru/pedagogika/formirovanie–osnov–mirovozzreniya–mladshih–shkolnikov.html (дата совершение:16.05.21).

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Норова З.И. Теоретические аспекты формирования мировосприятия учащихся начальных классов / З.И. Норова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава.– 2017. – 1-4(49). – С. 207-209.

**[2-М]** Норова З.И. Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. №3. – С. 270-273.

**[3-М]** Норова З.И. Нақши омӯзиши забони модарӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ/ З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи давлатии Қургонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018.– 1/2 (53). – С. 175-179.

**[4-М]** Норова З.И. Роль учебных предметов в формировании научного мировозрения учащихся / З.И. Норова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2019. –1-3 (65). – С. 164-166.

**[5-М]**. Норова З.И. Шароити педагогӣ барои ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи синни хурди мактабӣ дар раванди таълим / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 234-240.

**[6-М]**. Норова З.И. Нақши афсона дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Маҷаллаи илмӣ “Номаи донишгоҳ” ДДХ бо номи Бобоҷон Ғафуров -2021. -№4 (69). -177-184

**[7-М]**. Норова З.И. Чистон ва аҳамияти он дар омӯзиши эҷодиёти шифоҳӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ / З.И. Норова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. –1/4 (104). – С. 126-130

**8-М]** Норова З.И., Ашурова Ш.К. Зарбулмасал ва аҳамияти тарбиявии он / З.И. Норова, Ш.К. Ашурова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон -2023. -№2 (47)

**Дар маҷаллаҳои байналмилалӣ**

**[9-М]** Норова З.И. Теоретический анализ проблемы мировосприятия. Материалы международной научно-практической конференции “Актуальные проблемы современной филологии” / З.И. Норова // Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни. – Душанбе, –2019. – С. 124 - 129.

**[10-М]** Норова З.И. Педагогический смысл и содержание категории “мировосприятие”. Материалы международной научно-практической конференции “ Актуальные проблемы современной филологии” / З.И. Норова // Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни. – Душанбе, – 2019.

**[11-М]** Норова З.И., Джумаева Қ.Т. Роль семьи в формировании патриотических качеств у детей / З.И. Норова, Қ.Т. Джумаева // Международный научно-практический журнал. - Алматы, Казахстан - 17.12.222, -С. 96-99

**Мақола ва маводҳое, ки дар дигар маҷмӯаҳо ба чоп расидаанд:**

**[12-М]** Норова З.И. Роль родителей в воспитании детей. Материалы

областной научно-теоретической конференции / З.И. Норова // “З Женщины и современное научное развитие” г. Бохтар 2019.

**[13-М].** Норова З.И. Ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар омӯзиши фанни забони модарӣ / З.И. Норова // Конференсияи 6-мини ҷумҳуриявӣ бахшида рузи Модар “Саҳми занон дар рушди илм”.– Душанбе, 2019.

**[14-М]** Норова З.И., Шукурова Ш.Ҷ. Раванди азхудкунии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / З.И. Норова, Ш.Ҷ. Шукурова // Маводи конференсия -2018

**[15-М]** Норова З.И. Эҷодиёти шифоҳӣ ва таъсири он дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон. / З.И. Норова // Конференсияи апрелии ДДЗТ 15. 04. 2022. С-234-236